М. КАБИРОВ, Ҷ. ЭШОНҚУЛОВ,
З. ФАЙЗУЛЛОЕВА, М. ДАВРОНОВА

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 6-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон ба нашр тавсия намудааст*

**Нашри чорум**

ТОШКАНД
САРТАҲРИРИЯТИ ШИРКАТИ
САҲҲОМИИ ТАБЪУ
НАШРИ «SHARQ»
2017

УЎК: 811.222.8(075)
КБК.81.2 - 96
З – 12

**Бо маблағи Бунёди гардиши китоби республика чоп шудааст.**

Муҳаррири масъул:

*номзади илмҳои филология, профессор* **Т. ЧОРИЕВ**

Тақриздиҳандагон:

*омўзгори мактаби рақами 17 шаҳри Ангрени вилояти Тошканд* **Р.Абдуқодирова**

*омўзгори мактаби рақами 10 ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё* **Т.Эшонқулов**

## Аломатҳои шартӣ



– Савол ва супоришҳо



– Ба саволҳо ҷавоб диҳед

З – 12 **Забони тоҷикӣ:** Синфи 6 / М. Кабиров, Ҷ. Эшонқулов, З. Файзуллоева, М. Давронова. Муҳаррири масъул Т.Чориев. Нашри чорум. – Т.: «Sharq», 2017. – 208 саҳ.

ISBN 978-9943-26-645-2

**УЎК: 811.222.8(075)**
**КБК.81.2 - 96**

**ISBN 978-9943-26-645-2**

© М. Кабиров, Ҷ. Эшонқулов, З. Файзуллоева, М. Давронова
© Сартаҳририяти ШСТН «Шарқ», 2005, 2009, 2013, 2017.

## ДАР ХУСУСИ НЕРЎИ ЗАБОНУ СУХАН

Чу ёқут бувад сухан безиён,
Сабуксанг, лекин баҳояш гарон.

*Абўшакури Балхӣ*

Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,
Ки тухми суханро парокандаам.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Сухан зоҳир кунад сўзи ниҳонро,
Зи шамъи дил барафрўзад ҷаҳонро.

*Бадриддини Ҳилолӣ*

Ба сухан зинда шавад номи ҳама,
Ба сухан пухта шавад хоми ҳама.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

***Супориш:*** Байтҳоро аз ёд кунед ва мазмуни онҳоро гўед.

***Шарҳи луғат:***

**Нерў** – қувват, зўр; қудрат, имконият
**Ёқут** – чанд хели сангҳои қиматбаҳо, ки сурх, зард, кабуд, сабз ва сафед мешаванд
**Сабуксанг** – сабуквазн, сабук
**Гарон** – вазнин, сангин
**Сўз** – ҳаяҷон, изтироб; ғаму андўҳ
**Хом** – норасида

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Забон воситаи муҳими алоқаи байни одамон аст. Ба воситаи он одамон фикри худро баён менамоянд ва фикри якдигарро мефаҳманд.

Инсон бо забони ширину гуворои худ аз тамоми мавҷудоти олам фарқ мекунад. Забони гӯё инсонро аз дигар махлуқот ҷудо карда, ба ҷомеа фароҳам овард. Ҷамъият бе забон вуҷуд дошта наметавонад. Барои инсон аз забон чизи муқаддастар ва азизтар нест.

Забон калиди дари дониш ва маърифат аст. Дар ҳама зинаҳои инкишофи таърих метавонад ба нафъи инсон хидмат намояд. Забони модарии мо дар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули худ роҳи ниҳоят пурфоҷиаро тай намуда, аз санҷишу имтиҳонҳои таърихӣ гузашта, дар натиҷаи хизмат, заҳматҳои бедареғ, мероси гаронбаҳо ва корномаҳои беназири фарзандони барӯманди халқи тоҷик, аз устод Рӯдакӣ то Садриддин Айнӣ дар шакли зебову ноб, бо захираҳои ғаниву рангини луғоту таъбирот барои мо ёдгор мондааст. Мо бо ин мероси ҷовидонӣ ифтихор мекунем.

Нутқи инсон далели мавҷудияти забону тафаккур ва алоқаи онҳост. Нутқ дар рушди забон нақше дорад.

Вобаста ба пешрафти ҷомеа забон ҳам тараққӣ мекунад. Таърихи ташаккули забони миллӣ ба рушди тадриҷии забонҳои қабилавӣ ва забонҳои авлодиву халқӣ иртибот дорад. Воҳиди асосии забон калима мебошад. Калимаҳо дар маҷмӯъ таркиби луғавии забонро ташкил медиҳанд.

Таркиби луғавии забон вобаста ба дигаргуниҳои ҷомеа тағйир меёбад. Бо тақозои рӯзгор дар забон як силсила вожаҳо аз истеъмол хориҷ шуда ва вожаҳои нав пайдо мешаванд ё калимаҳои мавҷуда маънои нав мегиранд. Тағйирот дар сохтори наҳвии забон низ ба таҳаввулоти сохти иҷтимоӣ марбут аст.

**Машқи 1.** Шеърро ифоданок хонед ва мазмуни онро гӯед.

Қанд ҷӯйӣ, панд ҷӯйӣ, эй ҷаноб,
хар чӣ меҷӯйӣ бичӯ,
Бекарон баҳрест, гавҳар беҳисоб,
ҳар чӣ мегӯйӣ, бигӯ.
Форсӣ гӯйӣ, дарӣ гӯйӣ варо,
ҳар чӣ мегӯйӣ, бигӯ,
Лафзи шеъру дилбарӣ гӯйӣ варо,
ҳар чӣ мегӯйӣ, бигӯ.,
Баҳри ман танҳо забони модарист,
ҳамчу шири модар аст,
Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест – нест,
чунки меҳри модар аст.

*Муъмин Қаноат*

**Супориш:** Шеърро аз ёд кунед.

### *Шарҳи луғат:*

**Иброз** – зоҳир кардан, нишон додан
**Гуворо** – форам
**Гӯё** – сухангӯ, қобили нутқ
**Махлуқот** – офаридашудагон
**Маъруф** – маълум, машҳур
**Сарватманд** – бой, ғанӣ
**Шево** – зебо, ширин
**Ҷаноб** – рафиқ
**Бекарон** – беканор
**Лафз** – забон, сухан

# ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲОИ СИНФИ V

## § 1. ОВОЗШИНОСӢ ВА ИМЛО

**Машқи 2.** Калимаҳои зеринро нависед ва миқдори овозу ҳарфҳоро муайян кунед. Гӯед, ки миқдори овозҳо зиёданд ё ҳарфҳо.

Ёд, юрмон, яхмос, ситоиш, барои, дарё, афюн, гиря, суръат, масъала, Яҳё, истгоҳ, сеяк, сиюм, бароед, биёед, шеър.

**Машқи 3.** Калимаҳоро бо тартиби алифбо нависед:

Элак, донишкада, ёвар, нок, олу, қарин, радиф, ҳақиқат, Соро, хуб, бузург, ахтар, вайрон, гиреҳ, ҷаҳон, яхоб, фалак, чарх, шакар, ғалбер, имон, Замин, камар, лаб, падар, табар, ухда, юнонӣ, жола, умед, мактаб.

**Машқи 4.** Ба ҷуфти калимаҳои зерин зеҳн монед ва сабаби тағйир ёфтани маънии калимаҳоро муайян кунед:

Гул – гӯл, бур – бӯр, хурд – хӯрд, сум – сӯм, куш – кӯш; бад – баъд, ало – аъло, шер – шеър, шӯла – шӯъла, сурат – суръат, нав – навъ, рад – раъд, ман – манъ, таб – табъ.

**Машқи 5.** Садоноку ҳамсадоҳои байтро ёфта, онҳоро дар сатрҳои алоҳида нависед.

Зевару зеби занон аст ҳариру зару сим,
Мардро нест ба ҷуз илму амал зевару зеб.

*Носири Хусрав*

**Машқи 6.** Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед ва сохту хели ҳиҷоҳоро шарҳ диҳед.

Мактаб, ҳамранг, ҳамсабақ, маърӯза, таълим, шамъ-

дон, намакдон, дарёдил, парранда, тирамоҳ, муҳрдон, сухансанҷ, боодобона, аҳён, хубӣ, инсондӯстӣ.

**Машқи 7.** Ҷадвалро ба дафтаратон кӯчонед ва ба зери ҳамсадоҳои беҷаранг ҷуфти ҷарангдорашонро нависед. Гӯед, ки кадом ҳамсадоҳои ҷарангдор ва беҷаранг ҷуфт надоранд.

| п | ф | т | с | ш | ч | к | х | қ | ъ | ҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | |

**Машқи 8.** Ба калима ва ибораҳои зерин диққат диҳед ва имлои ҳарфи «ъ» -ро муайян кунед. Гӯед, ки дар кадом мавриди ҳарфи «ъ» навишта намешавад:

1) Аъло, баъзе, масъул, аъзо, масъала, шеър, суръат, Саъдӣ, баъд, шӯъла;

2) Мавзӯъ, мисраъ, Самеъ, Восеъ, маҷмӯъ, маҷроъ, тулӯъ; навъ, байъ, ҷамъ, шамъ;

3) Мавзӯи дарс, мисраи шеър, Самеи ҷасур, Восеи аълочӣ, маҷмӯи овозҳо, маҷрои дарё, тулӯи Офтоб; навъи аъло, байъи кор, ҷамъи мардум, шамъи хирасӯз.

## § 2. КАЛИМА

**Машқи 9.** Ба воҳидҳои луғавии зерин зеҳн монед. Онҳоро ба калимаҳои якмаъною сермаъно ҷудо карда нависед:

Сар, лаб, телевизор, бар, рӯ, радио, дам, ширин, танк, чашм, сабзӣ, сахт, пиёз, бор, ангур, нок.

**Машқи 10.** Аз таркиби ҷумлаҳои зерин калимаҳои сермаъноро ёбед ва маънои онҳоро шарҳ диҳед.

1. Ду ҷавон забони дар даҳонашон бударо аз ҳаракат боздошта ба забони дилҳошон бо якдигар гуфтугузор карда мерафтанд *(С.Айнӣ)*. 2. Бори сабуки ашёро ба хар ва бори гарони ғамро ба дил ниҳода равон шудем *(С.Улуғзода)*. 3. Ману Исрофил ҳам оби

яктой шишаро аз гулӯяш ба гулӯямон рехта холӣ кардем *(Ф.Муҳаммадиев)*.

**Машқи 11.** Мисолҳои зеринро хонед. Калимаҳои ба маънои маҷозӣ овардашударо муайян кунед. Гӯед, ки онҳо ба кадом маънӣ кор фармуда шудаанд.

1. Дониш андар дил чароғи равшан аст,
   В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

2. Биё, эй субҳи давлатро талабгор,
   Чу субҳи аҳли давлат сидқ пеш ор.

*Бадриддини Ҳилолӣ*

3. Якеро мекушад килкам, якеро зинда медорад,
   Намеояд зи шамшер он чӣ аз дасти забон ояд.

*Сайидои Насафӣ*

**Машқи 12.** Муродифҳои калимаи «кӯпрук», «равшан», «шаб», «нодон», «тарсу», «бад»-ро ёбед ва бо онҳо ҷумлаҳо тартиб дода нависед.

**Машқи 13.** Аз мисолҳои зерин мутазод (калимаҳои зидмаъно)-ро ёфта шарҳ диҳед. Гӯед, ки мутазодҳо бо кадом мақсад истифода шудаанд.

1. Парҳез аз он нодоне, ки худро доно шуморад.

2. Аз дӯсти нодон – душмани доно беҳ.

3. Сухан заҳру позаҳру гарм асту сард,
   Сухан талху ширину дармону дард.

*Абӯшакури Балхӣ*

4. Духтари ҳиндӣ адолатхоҳ шуд,
   Аз баду неки ҷаҳон огоҳ шуд.

*Мирзо Турсунзода*

5. Рафт он ки мудом дар ҳаёташ,
   Ҷангид миёни обу оташ.

*Абдусалом Деҳотӣ*

*Шарҳи луғат:*

**Позаҳр** – доруи зидди заҳр, заҳрмуҳра

**Машқи 14.** Аз байтҳои зерин мутазодҳоро ёфта шарҳ диҳед. Гӯед, ки шоир Лоиқ Шералӣ мутазодҳоро бо кадом мақсад истифода бурдааст.

То ғами талхе нахӯрӣ, аз ғами ширин магӯ,
То ғами фардо нахӯрӣ, аз ғами дерин магӯ.

* * *

Роҳи дароз тай шуд дар умри кӯтаҳи мо,
Мо раҳ фусурда кардем ё раҳ фусурда моро.

**Машқи 15.** Ҳамгунаҳоро ёфта шарҳ диҳед.

1. Гӯсфандонро ба чаро бурданд. Ту чаро дирӯз ба хонаи мо наомадӣ?
2. Ман бо шаст моҳӣ медорам. Бобои ман ба шаст даромад.
3. Баҳром, ки гӯр мегирифтӣ ҳама умр,
   Дидӣ, ки чӣ гуна гӯр Баҳром гирифт?
   *Умари Хайём*
4. Гулоб аст гӯйӣ, ба ҷӯяш равон,
   Ҳаме шод гардад зи бӯяш равон.
   *Абулқосими Фирдавсӣ*

## § 3. ТАРКИБИ КАЛИМА

**Машқи 16.** Решаи калимаҳои зеринро муайян карда, таърифи онро ба хотир оред:

Гул, боғистон, намакдон, духтарак, заргар, хониш, гуфтор, кӯҳсор, даштӣ, хонагӣ, дӯстона, саводнок, оҳанин, имрӯза, торик, шиновар, нилгун;

ҳамкор, рӯй, босавод, бамаънӣ, беғубор, соф, ношинос, баркамол, нодон;

ҳамроҳӣ, беақлона, нодонӣ, боақлӣ, бераҳмӣ, баркамолӣ, ҳамкорона.

**Машқи 17.** Калимаҳои зеринро навишта, пасвандҳоро

муайян кунед. Гӯед, ки пасвандҳо аз кадом калимаҳои решагӣ калимаи нав сохтаанд:

Заргар, бодбон, шодиёна, тухмӣ, бачагӣ, пушта, занона, даштӣ, бодӣ, ӯзбекӣ, қаиқчӣ, обӣ, боронгарӣ, зардина, хаттӣ, зодгоҳ, сайргоҳ, хирадманд, дастгоҳ, мола.

**Машқи 18.** Калимаҳоро навишта пешвандҳояшро ёбед. Гӯед, ки онҳо аз кадом калимаҳои решагӣ калимаи нав сохтаанд:

Ҳамсинф, нодуруст, бераҳм, боақл, бовафо, беқурб, носоз, бардавом, даргузар, безарар, ноком, босавод, бамаънӣ, бардурӯғ, ҳамсоя, нодон.

**Машқи 19.** Ба калимаҳои зерин зеҳн монед. Гӯед, ки инҳо бо кадом унсурҳои калимасоз сохта шудаанд. Таърифи пешванду пасвандро ба хотир оред.

Ҳамфикрӣ, ҳамсоягӣ, нодонӣ, бераҳмона, босаводона, баркамолӣ, беобӣ, беномусона, нобоварона, беинтизомӣ, нокомӣ, нотавонӣ, ногуворӣ.

**Машқи 20.** Асос ва бандаки калимаҳоро муайян карда, ба кадом хели бандакҳо мансуб будани онҳоро гӯед.

Хонаи падарам, китоби шавқоварамон, қаламатон, хонааш, гулзорашон, рақсидам, рафтанд, медавам, баромадааст, хондаам, талабаӣ, омӯзгорем, сабзидаанд.

**Машқи 21.** Ба решаи калимаҳои зерин зеҳн монед. Гӯед, ки онҳо чӣ гуна калимаҳоянд.

Гул, гулзор, гулистон, гулшан, гулдон, гулфом; дор, бардор, нодор, надорем, доранда, дорандагӣ, дороӣ; тарс, нотарс, тарсонда, тарсончак, тарсончакӣ, тарсо.

**Машқи 22.** Таркиби калимаҳои зеринро муайян кунед. Дар вақти таҳлили таркиби калимаҳо аз аломатҳо истифода баред.

***Намуна:*** **ҳамсоягӣ**

Мардонагӣ, бенатиҷа, бенишона, баромад, меравем, баромадгоҳ, якдилӣ, бемурувват, ҷӯяк, барошуфтагӣ, пахтазор, якдилона, беҷаранг, дониш, сиёҳидон, ҳамфикрӣ, нодонӣ, кӯҳистонӣ, чашмасор, хушкиданд, даргузар.

# ҲИССАҲОИ НУТҚ

## § 4. ИСМ

**Машқи 23.** Ба калимаҳои зерин зеҳн монед. Гӯед, ки кадом калимаҳо исманд.

Офтоб, сафед, равшан, магӯй, осмон, соф, бигӯй, себарга, санг, хок, сабз, сангин, бачагона, сабзидан, гуфтан, об, шаҳр, Илҳом, Гавҳар, Лоиқшоҳ, ширин, калон, баланд, даргирифтан, вохӯрдан, баромадан, хона, алаф, дарё, сурх, даштӣ, чӯбин, зардина, нишастан, хестан.

**Машқи 24.** Исмҳои зеринро бодиққат хонед. Аввал исмҳои шахс, баъд исмҳои ғайришахсро нависед. Гӯед, ки онҳо ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд:

Шаб, дуредгарон, омӯзгор, талабагон, қалъа, хонаҳо, мисгар, базмҳо, қассобон, савдо, бозор, меҳмон, Озармеҳр, Инобод, Ҷаъфар, Рухшона, дӯст, гаштак, бузғолагон, рег, рама, бачагон, шох, замбурӯғ, паррандагон, донишҷӯ, бозаргон, оҳувон, модарон.

**Машқи 25.** Мисолҳоро хонед. Исмҳои хосро ба як сутун, исмҳои ҷинсро ба сутуни дигар навишта, фарқи онҳоро гӯед. Таърифи исмҳои хос ва ҷинсро ба хотир оред.

Тошканд, кишвар, Ватан, Самарқанд, шаҳр, «Булбулча», Аму, бодом, Бӯстонлиқ, Фаркент, писар, ҳамшира, дарахт, Оҳангарон, Хайбар, ҳамқишлоқ, дӯст, «Овози тоҷик», «Гулистон», набера, хона, Фаррух, «Қобуснома», асар, себ, коса, чангал, Чоч.

**Машқи 26.** Ба мисолҳои зерин зеҳн монед ва имлои исми хосро ба хотир оред. Гӯед, ки кадом исмҳо бо ҳарфи калон навишта мешаванд:

Худо, Худованд, Парвардигор, Офаридгор, Яздон, Аллоҳ;

Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Камоли Хуҷандӣ, Анварӣ, Сайидои Насафӣ;

Исёни Муқаннаъ, Рӯзи истиқлоли Ӯзбекистон, Сомониён, Ғазнавиён, Темуриён;

Дараи Ниҳон, вилояти Тошканд, шаҳри Ғазалкент, деҳаи Бурчимулло, Моҳ, Офтоб, Зуҳал, Муштарӣ;

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Донишгоҳи давлатии Самарқанд, Вазорати таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Суруди миллӣ, Шашмақом, «Баҳористон», «Маърифат».

**Машқи 27.** Мисолҳои зеринро хонед, исмҳои ҷондорро ба сутуни аввал, исмҳои беҷонро ба сутуни дуюм нависед ва дар хусуси онҳо маълумот диҳед.

Паланг, бабр, об, хок, ситора, шер, шағол, мусича, оташ, чӯб, хокистар, мурғ, мурғобӣ, қоз, санг, Офтоб, Моҳ, гов, гӯсола, оҳу, тайёра, гаҳвора, болишт, гунҷишк, буз, одам, гӯш, бинӣ, чашм, гӯсфанд, мӯрча, кирм, болор, сақф, дастархон, бузғола, барра, мор, ангур, нок, нон, гамбуск, гурба, муш, падар, шикорчӣ, себарга, қоқу, газна, сайёд, мутриб, саг, китоб, гург.

**Машқи 28.** Исмҳоро нависед. Пасвандҳои ҷамъбандиро ба хотир оред ва мавриди истифодаи пасванди **-он (-гон,-ён,-вон)**-ро шарҳ диҳед.

Талабаҳо, хонандагон, дарахтон, кӯчаҳо, ҳунармандон, бачагон, лӯлиён, бобоён, чашмон, лабон, китобҳо, дафтарҳо, қувон, абрӯвон, гесувон, баргҳо, лолаҳо, суханон, оҳувон, донишҷӯён, наберагон.

**Машқи 29.** Ҷумлаҳоро нависед. Исмҳоро ёфта ба кадом хели исмҳо мансуб будани онҳоро муайян кунед.

1. Чӯпон аз болои харсанг хез зада, худро ба лаби сой гирифт. 2. Ҳоҷӣ-ако бо асо ба сари ӯ зад. 3. Дар соли 1896 дар шаҳри Бухоро, дар гузари Сари Пули Равғангарон Ҳоҷӣ Зоҳид ном як бой як Мадраса сохт *(С.Айнӣ)*. 4. Девони Соиб ва Ҷомиро такрор ба такрор мехондам *(С.Айнӣ)*. 5. Дар таги қалъа ва дар наздикиҳои он хонаҳои баъзе давлатмандон, аммо бештар хонаҳои

аҳли касаба – баққолон, қассобон, мисгарон, қадоқчиён, бофандагон, дуредгарон воқеъ шуда буданд *(С. Улуғзода)*.

## § 5. СИФАТ

**Машқи 30.** Ба исмҳо сифат илова карда ибора созед. Гӯед, ки сифат ба исмҳо бо воситаи чӣ алоқаманд мешавад.

Модар, Замин, хона, бахт, осмон, пироҳан, мард, шоир, ангур, мутриб, насим, мӯй, барг, хоб.

***Н а м у н а: модари меҳрубон***

**Машқи 31.** Бо ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб дода, воситаи алоқаи онҳоро муайян кунед:

Талабаи пешқадам, қалами сурх, партави Офтоб, синфи шашум, кӯҳи баланд, меваҳои ширин, роҳи васеъ, сухани гуворо, хонаи равшан.

***Н а м у н а: Фаррух талабаи пешқадам буд.***

**Машқи 32.** Ба сутуни аввал сифатҳои аслӣ ва ба сутуни дуюм сифатҳои нисбиро нависед. Гӯед, ки сифати нисбӣ аз ҷиҳати сохт ва тарзи ифодаи аломат аз сифати аслӣ чӣ фарқ дорад.

Баланд, ваҳшӣ, сафед, тира, тирамоҳӣ, чармин, калон, васеъ, бузург, сангин, хонагӣ, бачагона, кӯтоҳ, ширин, фарбеҳ, намнок, мардона, пашмӣ.

**Машқи 33.** Хонед ва дараҷаи сифатҳоро муайян кунед. Гӯед, ки кадом хели сифатҳо дараҷа доранд.

Соф, зебо, калонтар, беҳтарин, хуб, сафед, баландтарин, хурдтарин, ширинтар, пасттар, хуш, сиёҳ, борик, фарбеҳтар, зӯртар, талхтар, хунуктарин, дарозтарин, гармтарин.

**Машқи 34.** Ба сифатҳои зерин зеҳн монед. Гӯед, ки камии аломати предметҳо ва навозиш бо кадом пасвандҳо ифода мегарданд.

Сурхча, зардча, сиёҳчатоб, сурхчатоб, зардина, сабзина, пастак, ларзонак, дӯстрӯяк, хушрӯяк, калонакак, зебоякак.

**Машқи 35.** Аз ҷумлаҳои зерин сифатҳои таъкидиро ёбед ва тарзи ифодаи онҳоро шарҳ диҳед. Гӯед, ки сифатҳои таъкидӣ ба кадом дараҷаи сифат мансубанд.

1. Ту ғам нахӯр, худам барояш алафи каб-кабуд даравида меорам *(Ф.Муҳаммадиев)*. 2. Гандум суп-сурх шуда пухта расида буд *(С.Айнӣ)*. 3. Риши сап-сафеди вай қариб ба миёнбандаш мерасид *(Р.Ҷалил)*. 4. Дари барак кушода шуда, як муйсафеди фарсудаи шамшер овехтаи куп-кулӯла ва заб-зард даромада омад *(Р.Ҷалил)*. 5. Онҳо кулоҳ, либосҳо ва мӯзаҳои сип-сиёҳи ялтиросиашонро ба ӯ мепӯшонданд *(А.Самад)*.

**Машқи 36.** Бо истифодаи сифатҳои «нозук», «гуворо», «сард», «торик», «зебо», «мушфиқ», «мумтоз» аввал ибора, баъд ҷумла тартиб диҳед.

## § 6. ФЕЪЛ

**Машқи 37.** Ба феълҳо зеҳн монед. Феълҳои ифодагари ҳаракат ва ҳолатро муайян кунед. Гӯед, ки чаро онҳо дар шакли масдар оварда шудаанд.

Омадан, рафтан, истодан, хобидан, давидан, ҷаҳидан, сукут кардан, пинак рафтан, даромадан, баромадан, фуромадан, дурахшидан, хандидан, гиристан, паридан, чидан, тохтан, шарм доштан, хафа шудан.

**Машқи 38.** Феълҳоро нависед. Асоси замони гузашта ва ҳозираи онҳоро муайян карда, ба сутунҳои мувофиқ нависед. Гӯед, ки асосҳо ба кадом замонҳо мансубанд.

**Машқи 39.** Ба асосҳои феълҳо зеҳн монда, бадалшавии овозҳоро муайян кунед. Овозҳои бадалшударо дар сутуни сеюм нишон диҳед.

| **Масдар** | **Асоси замони гузашта** | **Асоси замони ҳозира** |
|---|---|---|
| бофтан | бофт | боф |
| кушодан | | |
| фиристодан | | |
| ҷӯшидан | | |
| даромадан | | |
| баромадан | | |
| гузоштан | | |
| додан | | |

| **Асоси замони ҳозира** | **Асоси замони гузашта** | **Бадалшавии овозҳо** |
|---|---|---|
| гудоз | гудохт | «з» ба»х» |
| гузар | гузашт | |
| рӯб | рӯфт | |
| рав | рафт | |
| фурӯш | фурӯхт | |
| бар | бурд | |
| супор | супурд | |
| хоҳ | хост | |

**Машқи 40.** Ба ҷуфти феълҳои зерин зеҳн монда, пешвандҳоро муайян кунед. Пешвандҳо маънои луғавии феълҳоро тағйир додаанд ё не? Гӯед, ки ин пешвандҳо ба кадом навъи пешвандҳо мансубанд:

Рав–нарав–марав, гӯй–нагӯй–магӯй; кор–накор–

макор; гардон–бигардон, шавад–бишавад, фаҳмад–бифаҳмад, гӯй – бигӯй, бинад–бубинад, бар–бубар, бохт–бубохт, бехт–бубехт, бахш–бубахш, банд–бубанд; гӯяд–мегӯяд, равад–меравад, гашт–мегашт, кошт–мекошт, хӯрд–мехӯрд, оӣ– меоӣ.

**Машқи 41.** Ҷумлаҳоро навишта, феълҳояшонро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо ба кадом замонҳо мансубанд.

1. Пиракӣ ба ман аз оби ширчой як пиёла нӯшонд *(С.Айнӣ)*. 2. Қариб се моҳ рӯйи тахта ҳарфхонӣ карда будам ... *(Р.Ҷалил)*. 3. Аз қади хӯроку аз бари пӯшок мезанаду пул меғундорад. 4. Писараш подаро ба чарогоҳ ронда истодааст *(Р.Ҷалил)*. 5. Худи ҳамин қайд нишон медод, ки ҳеҷ кор нахоҳад шуд *(С.Айнӣ)*. 6. Хайр акнун ман ба ҳавлӣ медароям *(Ҷ.Икромӣ)*.

**Машқи 42.** Ҷумлаҳоро хонед. Феълҳои бевосита ва бавоситаро ёфта, маънидод кунед.

1. Зайнаб боз як бор мактуби Ҷӯрабекро хонд *(С.Улуғзода)*. 2. Хайр, ҳоло бардошт кун, ба очам гуфта назанонам, ман одам не. *(Ҷ.Икромӣ)*. 3. Қариб соати дуи шаб онҳо ӯро оварданд *(Ф.Муҳаммадиев)*. 4. Бибихалифа онҳоро нонхӯрак мекунонид *(С.Айнӣ)*. 5. Зан рӯяшро кушода ба Идрис нигоҳ кард *(Ю.Акобиров)*. 6. Ба котиб гуфтам, ки идораро шӯёнад *(Р.Ҷалил)*. 7. Вақтҳои аввал хатҳояшро ба ман менависонд, акнун худаш менависад *(С.Улуғзода)*.

**Машқи 43.** Феълҳои «рафтан», «навиштан», «хондан»-ро тасриф кунед. Ба бандакҳои феълӣ зеҳн монда вазифаи онҳоро муайян кунед.

## § 7. ИБОРА ВА ҶУМЛА

**Машқи 44.** Аз калимаҳои зерин аввал ибора созед, баъд аз ибораҳо ҷумла тартиб диҳед. Ибораҳо ва ҷумлаҳои сохтаатонро муқоиса кунед ва фарқи онҳоро гӯед. Таърифи ибора ва ҷумларо ба хотир оред.

***Н а м у н а: халқи тоҷик. Халқи тоҷик таърихи қадима дорад.***

Халқ, кӯча, сарв, ҷон, оина, забон, маъно, ҷисм, нур, хона, дарс.

**Машқи 45.** Ибораҳоро ба дафтаратон нависед, ҷузъи тобеъкунандаю тобеъшавандаи онҳоро бо хатча нишон диҳед. Гӯед, ки чаро як ҷузъи ибораро тобеъшаванда номидаанд.

***Н а м у н а: рӯҳи гулгун, машқро навиштан***

Офтоби тобон, ҳавои соф, шаби торик, чароғи равшан, қалами ранга, панҷараи оҳанин, китоб хондан, пахта чиндан, тез паридан, модарро дӯст доштан, ба падар ёрӣ расондан, шеър навиштан.

**Машқи 46.** Аввал ибораҳо, баъд ҷумлаҳоро нависед. Гӯед, ки фарқи ҷумла аз ибора дар чист. Кадом аъзоҳои ҷумларо асоси ҷумла мешуморанд?

Фасли тирамоҳ. Дар фасли тирамоҳ борон меборад. Офтоби тобон. Заминро тафсондан. Нури Офтоби тобон Заминро метафсонд. Мурғи хушхон. Булбул мурғи хушхон мебошад. Боми баланд. Номи баланд. Номи баланд беҳ аз боми баланд. Ба мактаб рафтан. Далер ба мактаб рафт.

**Машқи 47.** Ҷумлаҳоро нависед ва ба кадом навъи ҷумлаҳо мансуб будани онҳоро муайян кунед. Оҳанги ин ҷумлаҳо дар хат бо воситаи кадом аломатҳои китобат ифода мегардад?

1. Мадрасаи Мири Араб яке аз беҳтарин мадрасаҳои Бухоро буд *(С.Айнӣ)*. 2. Хари киро иш, пишаки киро

пишт ва саги киро тур гуфтам? *(С.Айнӣ)*. 3. Магар онҳо барои бадбахтии оилаи ту даст ба ҳам набуданд? *(Ҷ.Икромӣ)*. Нони мумсикро нахӯр. Нони худро аз касе дареғ мадор *(А.Ансорӣ)*. 5. Биё, ман ошиқи туям, ту нозанини ман ҳастӣ! Баҳор, маро бубахш! *(Ҳ.Карим)*.

**Машқи 48.** Ҷумлаҳои хулласро навишта, онҳоро ба ҷумлаҳои тафсилӣ табдил диҳед ва фарқи онҳоро муайян кунед:

Борон борид. Офтоб баромад. Маҷлис тамом шуд. Ҳаво соф аст. Кӣ мешиносад? Кӣ гум кард? Шамол мевазид. Об хунук буд.

**Машқи 49.** Аз рӯи нақшаи зерин ҷумла тартиб диҳед ва фарқи онҳоро фаҳмонед.




**Машқи 50.** Нақшаро хонед. Оҳанг ва аломати китобати хелҳои иртиботӣ (алоқамандӣ)-и ҷумлаҳоро бо мисолҳо шарҳ диҳед.




## *Шарҳи луғат:*

**Иртибот** – алоқа, робита

## § 8. ҶУМЛАҲОИ СОДДА ВА МУРАККАБ

**Машқи 51.** Ҷумлаҳоро нависед. Мубтадо ва хабари онҳоро муайян карда, ба зерашон хати мувофиқ кашед. Гӯед, ки онҳо ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд ва бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода мегарданд.

1. Падарам розӣ нашуд *(С.Айнӣ)*. 2. Ду понздаҳ–як сӣ *(халқӣ)*. 3. Гӯянда ногоҳ аз гап монд. 4. Ба амират кӣ пул медиҳад? *(С.Айнӣ)*. 5. Хондан фоидаи бисёре дорад *(Р.Ҳодизода)*. 6. Худаш миёнақад, чаққон *(П.Толис)*. 7. Нишони мардӣ ҳам дар ҳамин аст. 8. Пойи чапаш бо латтаи кабуд печондагӣ *(Ҷ.Икромӣ)*.

**Машқи 52.** Ҷумлаҳоро нависед. Муайянкунанда, пуркунанда ва ҳолро муайян карда, ба зерашон хати мувофиқ кашед. Гӯед, ки онҳо ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд.

1. Борони майда меборид *(С.Улуғзода)*. 2. Қутосҳо ҷуссаи мустаҳками пурқувват, пойҳои кӯтоҳ, сари калони чанбаршох доранд *(Ф.Аҳроров)*. 3. Саройбон лампаро бардошт *(С.Айнӣ)*. 4. Чашми ҳозирон аз Сафар канда намешуд *(Ф.Ниёзӣ)*. 5. Ҳозир вақти масхарабозӣ нест *(С.Айнӣ)*. 6. Аз ноилоҷӣ ба мардикоркобӣ даромадам *(Р.Ҷалил)*.

**Машқи 53.** Нақшаи зеринро хонед ва бо мисолҳо шарҳ диҳед.




**Машқи 54.** Ба ҷумлаҳои зерин зеҳн монед. Онҳо ба кадом хели ҷумлаҳои содда мансубанд. Мавриди гузориши аломати китобати онҳоро гӯед.

1. Аз сӯйи қишлоқ овози ҳайвонот: бузу гӯсфанду хару асп шунида мешуд *(Ҷ.Икромӣ)*.

2. Вай ҳам се корро мекунад: мехонад, меғундорад, бор мекунад *(Р.Ҷалил)*.

3. Оҳангару мисгар, машкоб, нонвой, саис, ҳезумкаш – ҳама лашкари моанд *(С.Улуғзода)*.

4. Оқсақолу сӯфӣ – ҳар дуяшон ӯро дар хонаи хола дида буданд *(Ҷ.Икромӣ)*.

**Машқи 55.** Ҷумлаҳои зеринро мушоҳида кунед. Гӯед, ки онҳо ба кадом хели ҷумлаҳо мансубанд. Воситаи алоқаи ҷумлаҳои соддаро муайян кунед ва мавриди гузориши аломати вергулро шарҳ диҳед.

1. Носир Ширинӣ омад ва Сафарғулом ба ӯ гуфт *(С.Айнӣ)*.

2. Ҳама рафтанд, вале фурсате нагузашта Исрофил пас омад *(Ф.Муҳаммадиев)*.

3. Вай ба чорбоғ чашм дӯхт, аммо онро дар ин ҳолат ҳеҷ кас нашинохт *(Ҳ.Карим)*.

4. Мӯйсафед, ки Ҳамид ном дошт, ба Нуралӣ хитоб кард *(С.Улуғзода)*.

5. Агар ба ягон кас қасд кунад, он корро накарда намемонад *(С.Улуғзода)*.

6. Ҳазрати Наримон беҳуда исрор мекард, зеро касе ба ӯ эътироз ҳам карданӣ набуд *(Ф.Муҳаммадиев)*.

7. Хар бачаашро намезанад, одам чаро фарзанди худро занад *(С.Айнӣ)*.

8. Кор кунӣ, нон мехӯрӣ.

# ЛУҒАТШИНОСӢ ВА ЛУҒАТНИГОРӢ
# (ЛЕКСИКОЛОГИЯ ВА ЛЕКСИКОГРАФИЯ)

## § 9. КАЛИМА ВА ИСТИЛОҲ

• Ба калимаҳои ҳар ду сутун зеҳн монед. Гӯед, ки онҳо аз кадом ҷиҳат фарқ мекунанд.

| | |
|---|---|
| 1. Сар (сари одам, сари кӯҳ, сари об, сари кор, сари чӯб) | 1. Мисраъ, байт, ғазал, рубоӣ |
| 2. Рӯй (рӯи зан, рӯи об, рӯи Замин) | 2. Ташбеҳ, муболиға, шеър |
| | 3. Пешванд, пасванд, мубтадо |

Нутқи мо аз калимаҳо иборат аст. Калима бо мақсади ифодаи ягон маънӣ аз маҷмӯи овозҳо ба вуҷуд меояд. Масалан, бо мақсади фаҳмонидани номи як навъи мева аз пайванди овозҳои н, о, к калимаи «нок» ба вуҷуд омадааст.

Калима воҳиди асосӣ ва сервазифаи забон аст. Аз калимаҳо бо ёрии қоидаҳову воситаҳои дастурӣ ибораву ҷумлаҳо месозем. Бо воситаи ҷумлаҳо фикри худро ба якдигар мерасонем, гап мезанем.

Калимаҳо аз ҷиҳати маънои луғавӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд:

1). Калимаҳое, ки маънои луғавӣ доранд ва ба савол ҷавоб мешаванд: хоҳар, Замин, сурх, ҳазор, шумо, тез, хондан...

Ин гурӯҳи калимаҳо ба ҳиссаҳои мустақили нутқ мансубанд.

2). Калимаҳое, ки маънои луғавӣ надоранд: **аз, ба, -ро, ки, чунки, азбаски, оё...** Ин гурӯҳи калимаҳоро ҳиссаҳои ёвари нутқ меноманд. Бо ёрии онҳо калимаҳои мустақилмаъно (ҳиссаҳои мустақили нутқ) бо ҳамдигар алоқаманд шуда, ҷумларо ба вуҷуд меоранд. Модар ба духтар нигоҳ кард. Китобро аз омӯзгор гирифтам. Ғазалхонӣ ба поён нарасида буд, ки як гурӯҳ ҷавонон даромада омаданд.

Калимаҳое низ ҳастанд, ки ғайр аз маънои асосиашон маънои иловагӣ низ доранд. Масалан, калимаи **«лаб»** ба ғайр аз маънои асосиаш (номи узви одам) дорои чунин маъниҳои иловагӣ мебошад: **лаби нон, лаби миз, лаби бом, лаби дарё...**

**Калимаҳое низ мавҷуданд, ки мафҳуми ба соҳаи санъат, илму техника вобастаро аниқу равшан ифода мекунанду маънии иловагӣ надоранд. Онҳо танҳо як маъниро мефаҳмонанд. Ин гуна калимаҳоро истилоҳ меноманд.** Масалан, калимаҳои «пешванд», «пасванд», «миёнванд» истилоҳи илми забоншиносӣ мебошанд, зеро ки онҳо танҳо ба як маънӣ – номи унсурҳои калимасоз истифода мешаванд.

**Машқи 56.** Ба калимаҳо зеҳн монед. Онҳоро ба калимаҳои мустақилмаъно ва ёвар ҷудо карда навишта гиред. Гӯед, ки кадом навъи калимаҳо ба савол ҷавоб мешавад.

Об, санг, кабуд, сабз, то, ки, фикр, илм, дониш, сангин, бачагона, кӯҳӣ, рафтан, гуфтан, хестан, гов, гӯсфанд, уқоб, мурғ, ширин, дилрабо, гуворо, даромадан, вохӯрдан, бозгаштан, чунки, азбаски, зеро, ва, аз, ба, аммо.

**Машқи 57.** Ба калимаҳои зерин таваҷҷӯҳ кунед ва бо воситаи саволҳо ба ҳиссаҳои мустақили нутқ ҷудо карда нависед. Фарқи онҳоро аз ҷиҳати ифодаи маънӣ муайян кунед:

Тиреза, мӯрча, зебо, баланд, талх, хондан, паридан, чидан, Замин, Офтоб, Яздон, бабр, гурба, дарахт, Сайҳун, гулгун, дилнавоз, ришдароз, қадбаланд, сабзидан, рақсидан, хушкидан, фуромадан, номидан, китобхона, тар, чаридан.

**Машқи 58.** Калимаҳои зеринро ба калимаҳои якмаъно ва сермаъно ҷудо карда навишта гиред. Гӯед, ки калимаи «чашм» дорои кадом маъниҳои иловагӣ мебошад.

Хатиб, пакана, лаб, сар, по, даст, пиёба, телевизор,

осмон, дарё, чашм, хона, Офтоб, нок, пизишк, сӣ, турб, Яздон, якояк, қурут, ҳайкал, сӯз, самар, рӯй.

**Машқи 59.** Ба калимаҳои зерин зеҳн монед. Гӯед, ки кадом калимаҳо истилоҳанд. Истилоҳи ба илми забоншиносӣ мансуб бударо муайян карда нависед.

Об, хок, чанг, ҳидроген, осмон, миён, сурб, васса, ҳуҷайра, нохун, панҷа, лаб, мухаммас, сафед, ширин, шеър, китоб, хондан, пешванд, ҷонвар, ситора, пасванд, элак, шолӣ, бодом, миёнванд, рубоб, гарм, мубтадо, садонок ҳамсадо.

## § 10. КАЛИМАҲОИ УМУМИХАЛҚӢ

Дар таркиби луғавии забон калимаҳои зиёде мавҷуданд. Мо ҳамаи онҳоро ба як тарз кор намефармоем. Калимаҳое ҳастанд, ки гоҳ-гоҳ дар мавридҳои алоҳида истифода мешаванд, вале бисёр калимаҳо дар вақти гап задан ва навиштан зуд-зуд такрор мешаванд. Мо ин гуна калимаҳоро аз хурдсолӣ омӯхтаем ва дар мавридҳои муносиб ба кор фармудани онҳо одат кардаем. Ин гуна калимаҳо барои соҳибони забон фаҳмо буда, қисми асосӣ ва муҳими захираи луғавии забонро ташкил медиҳанд.

**Калимаҳое, ки барои соҳибони забон фаҳмо буда, зуд-зуд истифода мешаванд, калимаҳои умумихалқӣ меноманд.**

Калимаҳои умумихалқӣ номи чизҳо (каланд, хона, кӯҳ, об, санг, даст, по, даҳон, Офтоб, Моҳ, ситора..), номи аломат (сахт, мулоим, баланд, паст, хунук, гарм, калон, хурд...), номи амалу ҳолат (рафтан, гуфтан, хестан, хобидан, навиштан, хондан...) ва монанди инҳоро фаро мегиранд.

**Машқи 60.** Ба калимаҳои зерин таваҷҷӯҳ карда, калимаҳои умумихалқиро муайян намоед. Гӯед, ки онҳо бо кадом хусусияташон аз калимаҳои дигар фарқ мекунанд:

Рӯз, сафед, шудан, ҳини, пиромуни, қушбегӣ, қозикалон, мурид, шом, ором, гирифтан, садо, суруд,

хобидан, паҳлӯ, лоба, фарсах, позаҳр, порсанг, шикебо, кола, шеван, касиф, саҳоб, нигоҳ, роҳ, хестан, кор, об.

**Машқи 61.** Матнро нависед. Ба калимаҳо зеҳн монда, калимаҳои умумихалқиро муайян кунед. Гӯед, ки нависанда бо кадом мақсад аз онҳо истифода бурдааст.

Рӯз бегоҳ мешуд. Офтоб оҳиста-оҳиста домани зарҳалкории худро аз талу теппаҳо, аз теғаи сафедорҳои хушқомат ғундошта гирифта, уфуқро ранг андохта, ба паси кӯҳҳои баланд паноҳ мешуд. Шаб чодар мекашид. Ситораҳо якта-якта чашмак зада рух менамуданд. Вале омадурафти одамон ҳанӯз канда намешуд.

*Б.Насриддинов*

**Машқи 62.** Дар мавзӯи «Фасли тирамоҳ» иншо нависед. Дар вақти тасвир аз калимаҳои умумихалқӣ истифода баред.

## §11. КАЛИМАҲОИ ШЕВАГӢ

• Калимаҳои ҳар ду сутунро мушоҳида кунед ва фарқи онҳоро аз ҷиҳати доираи истеъмолашон муайян кунед.

| | |
|---|---|
| 1. Об, ҳаво, осмон, хок, шамол, гул | 1. Иқа, пичи, як резги, ита |
| 2. Сафед, баланд, ширин, калон | 2. Қурум, вартиш, локӣ, усал |
| 3. Омадан, хӯрдан, навиштан, рафтан | 3. Чишм, ҳешт, ҳофт, буҳор, каннай |

**Калимаҳое, ки ба забони мардуми ягон маҳал хос буда, танҳо дар нутқи намояндагони ҳамон маҳал истифода мешаванд, *калимаҳои шевагӣ*** ном доранд.

Калимаҳои умумихалқӣ ба ҳамаи соҳибзабонон фаҳмо аст, вале калимаҳои шевагӣ танҳо ба мардуми маҳалли муайян фаҳмо буда, дар нутқи намояндагони маҳалли дигар истифода намешаванд. Масалан, калимаҳои «килет»

(вайрон), «ҳеча» (лонаи парранда), «каштал» (гиребон) дар нутқи намояндагони шеваи ҷанубӣ истифода мегарданд, вале калимаҳои «беҳӣ» (сабзӣ), «чӯбдона» (санҷид), «мағилмак» (хомӯшак) дар нутқи намояндагони шеваи шимолӣ кор фармуда мешаванд.

**Машқи 63.** Ба калимаҳои зерин зеҳн монед. Онҳоро ба калимаҳои умумихалқӣ ва шевагӣ ҷудо кунед. Калимаҳои шевагиро нависед.

Дарё, ҷӯй, теппа, тақа, чухт, хуч кадан, алаф, себ, ангур, бодом, гандум, каштал, туридан, килет, ҷазир, хона, дар, девол, мактаб, гизала, қиртиқ, чӯққӣ, аранг, шамол, шир, чой, уребча, ҷарқа, кӯрпа, тагсарӣ.

**Машқи 64.** Ҷумлаҳоро нависед. Ба зери калимаҳои шевагӣ хат кашед ва маънии онҳоро гӯед.

1. Мӯйҳои сафедаш аз таги уребчааш паға-паға шуда баромада истодаанд *(Ҳ. Карим)*. 2. Ана ита-ита лагат кард, – гӯён почаҳои лойолудашро бар замин кӯфта чӣ гуна помол карда шудани саракҳоро нишон дод. *(С.Улуғзода)*. 3. Бувачон, мана хафа карданба дилатон мешавад-ми? – Не, чува дилам мешудааст! – Биё, ҳамту ки бошад, на ман туя озор медиҳам ва на ту мана *(Ҳ.Карим)*. 4. Дид, ки воқеан ҳам дар он ҷо марди нимбараҳнае почакӣ (оташдони муваққатӣ аз санг) сохта алов карда, чизеро дар аланга тоб дода нишастааст *(С.Улуғзода)*.

**Машқи 65.** Ҷумлаҳоро хонед. Калимаҳои шевагиро муайян кунед ва шарҳ диҳед. Гӯед, ки нависандагон аз онҳо бо кадом мақсад истифода бурдаанд.

1. Шаб дар канори дарё гоҳо боло ва гоҳо калапо омада, барои ёфтани гузар кӯшиш мекардем *(Алихуш)*. 2. Ӯ ҳайрон шуда хост, ки чашмашро молиш диҳад, аммо дасташ боло намерафт. Аз ин ҳубдур гаранг шуда монд *(Ҷ.Икромӣ)*. 3. – Саидалӣ «Боғи Мир»-ро

лагад кард,–хабар дод ӯ,–қаровулонро зад, банд кард *(С.Улуғзода)*. 4. Бибиробия ду – се дақиқа гап назада ба меҳробтокчаи хона синча карда истод. Ниҳоят ба духтараш нигоҳ карда: «Духтарам, сандуқа кушода, бӯғчаи шолфара гир» – гуфт *(Ҳ.Карим)*.

**Машқи 66.** Аз лаҳҷаи худатон 7 калимаи шевагӣ ёфта нависед. Калимаҳои шевагии навиштаатонро шарҳ диҳед. Бо се калимаи шевагӣ ҷумла тартиб диҳед.

## § 12. КАЛИМАҲОИ КАСБУ ПЕША

• Калимаҳои сутуни якумро бо калимаҳои сутуни дуюм муқоиса кунед. Гӯед, ки калимаҳои дар сутуни дуюм овардашуда дар нутқи кадом гурӯҳи одамон истифода мешаванд.

| | |
|---|---|
| 1. Дурра (рӯмол), гизала (асабӣ) | 1. Моку, найча, зағута, оҳор |
| 2. Локӣ (миёнбанд), чухт (рост) | 2. Чарх, дам, сандон, кӯра |
| 3. Қунғиз (гамбуск), тумшуқ (фук) | 3. Билиска, андоза, қолиб, каҷкорд |

Ҳар як касбу пеша дорои калимаҳое мебошанд, ки маънии онҳо ба намояндагони ҳамон касбу пеша фаҳмо аст. Ин гуна калимаҳо, ки номи асбобҳо, маҳсул ва ҷараёни истеҳсоли ин ё он касбу корро ифода мекунанд, бештар дар нутқи соҳибони ҳамон касбу пеша истифода мешаванд. Истифодаи калимаҳои касбу пеша ба гурӯҳи муайяни одамон – ба соҳибпешагон хос буда, дар нутқи дигарон истифода намегардад. Як қисми калимаҳои касбу пеша ҳамафаҳм шуда бошанд ҳам, серистеъмол нестанд.

Аз ин рӯ, калимаҳои касбу пеша ҳам монанди калимаҳои шевагӣ доираи истифодаи маҳдуд доранд. Масалан, калимаҳои **«қайчӣ», «болға», «анбӯр», «сӯҳон», «бахмал», «беқасаб»** ҳамафаҳм шуда бошанд ҳам, калимаҳои мансуби пешаи бофандагӣ – **«қулобак», «занҷирак», «қулфак»**

танҳо ба дӯзандагон фаҳмо буда, дар нутқи онҳо серистеъмоланд.

**Калимаҳои ифодагари номи асбобҳо, маҳсул ва чараёни истеҳсоли касбу пеша, ки танҳо ба соҳибони ҳамон касбу пеша фаҳмо буда, дар нутқи онҳо серистеъмоланд, *калимаҳои касбу пеша* ном доранд.**

**Машқи 67.** Калимаҳоро нависед. Ба кадом касбу пеша мансуб будани онҳоро муайян кунед. Гӯед, ки кадоми онҳо ҳамафаҳм шудаанд.

Дарафш (бигиз), андоза, қолиб, белча, качкорд, сӯзан, билеска, мум, ресмон, ширеш, зоғ, чарм, хиром, амиркон, кемухт, дастак, тагчарм, пардоз додан, чорук, нова, кафш.

**Машқи 68.** Ба калимаҳои зерин зеҳн монед. Гӯед, ки онҳо ба кадом касбу пеша мансубанд. Калимаҳое, ки ҳамафаҳм нашудаанд, муайян кунед ва ба дафтаратон нависед.

Моку, найча, гулпарто, мӯяк, дастгоҳ, тор, пуд, алоча, бахмал, бекасаб, заҳута, оҳор, маштут, духоба, коримулло, нах, нахгирӣ, нахпартоӣ.

**Машқи 69.** Ба калимаҳои зерин таваҷҷӯҳ кунед. Гӯед, ки онҳо ба кадом касб мансубанд. Калимаҳое, ки ҳамафаҳм нестанд, ба дафтаратон нависед.

Сӯзанӣ, тӯппӣ, гули шафтолу, такдӯзӣ, аждаҳорӣ, чустӣ, булбулӣ, чамандагул, доғи ошиқ, сӯзан, ришта, ресмон, ширеш.

**Машқи 70.** Матнро хонед. Гӯед, ки дар матн шарҳи кадом калимаҳо оварда шудааст. Ба кадом касб мансуб будани онҳоро муайян кунед.

«Кирётахта – тахтаест аз пӯлод, ки сӯрохҳои хурду калон дорад. Дар заргарӣ тилло ва нуқраро гудохта ба шакли сим мерезанд ва баъд аз он симро аз сӯрохҳои ҳамон тахта гузаронида, кашида ба шакли матлуб бо-

рик мекунанд. Дар заргарӣ ана ҳамин асбобро «кирё» мегӯянд, ё ин ки «кирётахта» меноманд ва амалиёти борик гардонидани симҳои ғафси тилло ва нуқраро «симкашӣ» мегӯянд *(С.Айнӣ)*.

## § 13. КАЛИМАҲОИ НАВ

Ҷамъият инкишоф меёбад. Илму фан ва техника тараққӣ мекунад. Дар натиҷа чизҳои нав ба вуҷуд меоянд ва ҳодисаву воқеаҳои нави ба тараққиёти ҷамъият вобаста содир мегарданд.

Забон ҳамсафари ҷамъият аст. Аз ин рӯ, барои ифодаи чизҳо ва ҳодисаву воқеаҳои нав дар асоси қонуну қоидаҳои луғавию дастурӣ калимаҳои нав ба вуҷуд меоянд. Калимаҳои нав хусусияту нишонаҳои навӣ ва тозагӣ доранд, бинобар ин то вақти умумӣ шуданашон ба шумори калимаҳои доираи истеъмолашон маҳдуд дохил мешаванд.

Осори навӣ ва тозагии калимаҳои нав дар ягон фосилаи вақту замон нигоҳ дошта мешавад. Ин ҳолат то умумӣ шудани онҳо давом мекунад. Калимаҳои нав дар натиҷаи серистеъмол гаштан хусусияти навию тозагии худро гум карда, ба гурӯҳи калимаҳои фаъол дохил мешаванд. Масалан, калимаҳои «телевизор», «асфалт», «автомат», «троллейбус» дар замони пайдо шуданашон калимаҳои нав буданд. Ҳоло ин калимаҳо серистеъмоланд ва ба калимаҳои фаъол мансубанд. Аз ин рӯ, ба шумори калимаҳои нав дохил намешаванд.

Ҳоло «ҳини», «ҳавопаймо», «шаҳрванд», «девон» барин калимаҳо, ки осори навӣ ва тозагӣ зоҳир менамоянд, калимаҳои нав мебошанд.

**Калимаҳое, ки аз онҳо осори навӣ ва тозагӣ падидор аст, *калимаи нав* ном дорад.**

**Машқи 71.** Ба калимаҳои зерин зеҳн монда, маънои луғавиашонро шарҳ диҳед. Гӯед, ки ҳоло онҳоро ба шумори калимаҳои нав дохил кардан мумкин аст, ё не.

Космодром, заминҳои навкорам, тайёра, фирқа,

шӯро, луноход, фурудгоҳ, киштии фалакпаймо, донишкада, донишгоҳ, бастакор, соҳибкор.

**Машқи 72.** Ба калимаҳои зерин таваҷҷӯҳ кунед. Калимаҳои нав ва фаъолро ҷудо карда нависед.

Трактор, дорухона, плуг, сарф, наҳв, телевизор, ҳамроҳи сунъии Замин, девон, чархбол, аскар, асфалт, мумфарш, ҳавопаймо, пешванд, пасванд, миёнванд, қарина (вариант), мутазод, ҳамгуна, радифи маснӯъ, тайёра, шӯро.

**Машқи 73.** Ҷумлаҳоро нависед. Калимаҳои навро ёфта, ба зерашон хат кашед. Гӯед, ки онҳоро калимаи фаъол шумоʀидан мумкин аст ё не?

1. Аз қабати ин абрҳо Моҳ бемадорона ба ин барфистон рӯшноӣ меафканд *(Ҳ.Карим)*. 2. Аз бозе ки ҳамон мусофири бемор ба ҳавлии мо омад, ҳамаи кӯрпа ва болиштҳои ман шабушзор шуд *(С.Айнӣ)*. 3 Аҳмад «аз гап гап мебарояд» гуфтагӣ барин оташи ғазабдони ӯро тит карда монд *(Ҳ.Карим)*. 4. Ин манзараҳоеро, ки тамошо кардед, бе сарфи назар ва бе ранҷи дасти касе қуввати табиат рӯёнда, ба ин обурангги ҳушрабо ҷилва кунондааст *(С.Айнӣ)*. 5. Мо ин сарзамини худамонро ба роҳатхонаи дусад миллион фарзанди одам мубаддал гардонидем *(Ҳ. Карим)*.

## § 14. КАЛИМАҲОИ КУҲНАШУДА

• Ба калимаҳои ҳар ду сутун зеҳн монед ва фарқи онҳоро муайян кунед.

| | |
|---|---|
| 1. Додхоҳ, асас, амин, мулозим | 1. Падруд–видоъ, диж–қалъа, дуда–хонадон |
| 2. Дарвеш, вақф, закот, зиндон | 2. Озарм–шарм, ангубин–асал, дуруд–салом |
| 3. Хирка, далк, қозихона | 3. Кишоварз – деҳқон, гурд–паҳлавон, гароидан–хостан |

Истифодаи баъзе калимаҳо бо мурури замон маҳдуд мешаванд ва аз истеъмол мебароянд. Дар натиҷаи тараққиёти ҷамъият ва инкишофи илму техника манбаи воқеии баъзе предмету мафҳумҳо барҳам хӯрда, истифода намегарданд. Аз ин рӯ, калимаю ибораҳое, ки ин гуна предмету мафҳумҳоро ифода мекунанд, низ аз истифодаи умум баромада, ба гурӯҳи калимаҳои ғайрифаъол дохил мешаванд. Як қисми ин гуна калимаҳо ба дараҷае куҳна мешаванд, ки маънии онҳоро бо воситаи луғатҳо мефаҳмем.

**Калимаҳое, ки доираи истифодаашон аз ҷиҳати хусусиятҳои замонӣ маҳдуд шудаанд ё аз истеъмол баромадаанд, *калимаҳои куҳна* ном доранд.**

Як гурӯҳи ин гуна калимаҳо номи чизҳо, мафҳум ва ҳодисаҳоеро дар бар мегиранд, ки ба замони пеш аз инқилоб мансубанд. Ҳоло ҳамон чизҳою мафҳумҳо вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, ин навъи калимаҳои кӯҳнашударо калимаҳои таърихӣ номидаанд. Калимаҳои таърихӣ дар забони ҳозира муродиф надоранд, зеро ки онҳо барои ифодаи воқеияти гузашта, яъне таърихӣ истифода мешаванд. Масалан, калимаҳои кӯҳнашудаи «амлокдор», «корвонбошӣ», «қозӣ», «миршаб», ки ба замони пешин мансубанд, калимаҳои таърихӣ мебошанд.

Гурӯҳи дигари калимаҳои кӯҳнашуда баръакси калимаҳои таърихӣ дар забони адабии ҳозира муродиф доранд. Чиз ва ҳодисаҳое, ки ин гуна калимаҳо ифода менамоянд, зинда ва пойдоранд. Фарқи дигари ин гурӯҳи калимаҳои кӯҳнашуда дар он аст, ки онҳо ҷои худро ба калимаҳои нав додаанд.

Ин навъи калимаҳои кӯҳнашударо калимаҳои ***мансух (архаистӣ)*** меноманд. Масалан, калимаҳои «хасм», «сила», «гурд» ҷои худро ба калимаҳои «душман», «инъом», «паҳлавон» додаанд, яъне ин калимаҳои мансух пештар маънии калимаҳои «душман», «инъом», «паҳлавон»-ро бо калимаҳои хасм, сила, гурд ифода намудаанд.

Доираи истифодаи калимаҳои мансух маҳдуд шуда, тадриҷан ҷои худро ба калимаҳои дигар додаанд.

**Машқи 74.** Ба калимаҳои зерин зеҳн монед. Калимаҳои кӯҳнашударо муайян карда, маънии онҳоро шарҳ диҳед.

Ситора, офоқ, даҳр, кӯҳистон, ҷаҳон, пархош, туроб, кӯча, чӯб, кулӯх, накҳат, саҳоб, падруд, чой, девор, бом, марғ, тимор, меғ, тиреза, офтоба, сатил, ахтар, ромиш, ахгар, андарз, қалам, най, чанг, маъзул, гурд.

**Машқи 75.** Ба калимаҳо таваҷҷӯҳ кунед. Калимаҳои умумихалқӣ ва таърихиро муайян кунед. Калимаҳои таърихиро нависед ва маънии онҳоро гӯед.

Гӯсфанд, гов, гунҷишк, миршаб, амир, парвоначӣ, чоряккор, зебо, баланд, шӯр, кӯтоҳ, манҷаниқ, вақф, васиқа, сахт, мулоим, гарм, лой, қорӣ, қушбегӣ, оқсақол, ясавул, омадан, гуфтан, давидан, маҳзар, ҳуҷра.

**Машқи 76.** Ба калимаҳои кӯҳнашуда зеҳн монед. Калимаҳои мансух (архаистӣ) ва таърихиро муайян кунед. Калимаҳои мансухро нависед ва маъниашонро гӯед.

Маҷус, кох, диж, хати ибро, хати иршод, навкар, завол, ситудан, хирад, шайх, қозикалон, хонақоҳ, аъмо, пилтан, тааб, хур, ҷавор, иқтоъ, аълам, суруш, пайк, दуруд, кашоварз, бий, инок, меҳан, авранг.

**Машқи 77.** Ҷумлаҳоро хонед. Калимаҳои кӯҳнашударо ёбед. Онҳоро ба калимаҳои таърихӣ ва мансух ҷудо кунед ва маънидод намоед.

1. Эшони Бузрукхон фатво додаанд, ки истеъмолаш макрӯҳ *(Р.Ҷалил)*. 2. Агар маъзул шавад... оё аз шаҳр бадарға мешуда бошад *(С.Айнӣ)*. 3. Аммо ҳазору як панду андарз ба ходим як зарра таъсир намекард *(Ф.Муҳаммадиев)*. 4. Одамони миршаб, шогирдпешагони қушбегӣ, мулозимони қозикалон ва раис ҳам аз воқеа хабар ёфта, расида меоянд *(С.Айнӣ)*. 5. Силаи «Шоҳнома»-атро хоҷаи бузург ба ту мерасонад *(С.Улуғзода)*.

## § 15. КАЛИМАҲОИ ВОМӢ (ИҚТИБОСӢ)

• Калимаҳои дар сутунҳо овардашударо мушоҳида кунед. Гӯед, ки калимаҳои сутуни дуюм аз калимаҳои сутуни якум бо кадом хусусияташон фарқ мекунанд.

1. Даст, пой, гӯш, забон, чашм
2. Ширин, талх, сафед, гарм
3. Панҷ, сад, ман, ту, рав, соз, пеш

1. Мавҷ, шеър, макр, зулм, сабр
2. Тӯй, қамчин, қурут, қайроқ
3. Самовор, парта, телефон, палто

Дар захираи луғавии забони тоҷикӣ ғайр аз калимаҳои аслӣ (тоҷикӣ) калимаҳои аз забонҳои дигар воридшуда низ мавҷуданд. Ба забони тоҷикӣ калимаҳои аз забонҳои арабӣ, ӯзбекӣ ва русӣ воридшуда нисбатан зиёданд.

**Калимаҳое, ки аз як забон ба забони дигар гузаштаанд, *калимаҳои вомӣ (иқтибосӣ)* меноманд.**

Як забон калима медиҳаду забони дигар барои таъмин намудани эҳтиёҷ онро гирифта аз худ мекунад. Забоне, ки калима додааст, забони вомдеҳ аст. Забоне, ки калима гирифтааст, забони вомгир мебошад. Масалан, калимаҳои «синф», «соат», «симо» калимаҳои арабии вомӣ буда, калимаҳои «қаймоқ», «элак», «қишлоқ» калимаҳои ӯзбекии вомӣ мебошанд. Монанди ҳамин, калимаҳои «машина», «трамвай», «театр» калимаҳои русии вомианд.

**Машқи 78.** Ба ҷуфти калимаҳо зеҳн монед. Калимаҳои аслӣ ва вомиро муайян кунед. Гӯед, ки калимаҳои вомӣ аз кадом забон ворид шудаанд:

Фироқ–ҷудоӣ, само–осмон, воқиф–огоҳ, комил–пурра, саломат–дуруст, ҳаё–шарм, ҷасад–пайкар, қаробат–наздикӣ, Қамар–Моҳ, қариб–наздик, фирқа–гурӯҳ, байт–хона, ҷоҳил–нодон, илм–дониш, иморат–бино.

**Машқи 79.** Ба калимаҳои зерин зеҳн монда, аз кадом за-

бон ворид шудани онҳоро муайян кунед. Ҷуфтҳои тоҷикии онҳоро ёфта нависед.

***Н а м у н а: қамчин — тозиёна***

Қамчин, узангу, тӯй, қишлоқ, қош, бигиз, қаровул, елим, чумчуқ, келин, қашшоқ, яроқ, байрақ, қайроқ, қавоқ.

**Машқи 80.** Ба калимаҳои зерин таваҷҷӯҳ кунед. Гӯед, ки онҳо аз кадом забон ворид гаштаанд. Ҷуфти тоҷикии ин калимаҳоро ёбед ва нависед.

***Н а м у н а: телеграмма — барқия***

Телеграмма, конверт, справка, акт, аэропорт, химия, стол, стул, география, математика, журнал, газета, яслӣ, самолёт, поезд, вертолёт, аптека, касса, шофёр.

**Машқи 81.** Калимаҳои зеринро хонда аз кадом забонҳо ворид шудани онҳоро муайян кунед. Дар хусуси ҷуфти тоҷикӣ доштан ё надоштани ин калимаҳо фикратонро гӯед.

Қалам, китоб, қимиз, қурут, талқон, мисраъ, фикр, самовор, фойтун, чойник, клуб, театр, ректор, директор, қоида, меъёр, либос, соат, қайчӣ, қаймоқ, чакман, қотурма, трактор, роман, диван, таксӣ.

**Машқи 82.** Ҷумлаҳои зеринро хонед. Калимаҳои вомиро ёфта нависед ва маънидод кунед.

1. Замона нотинҷ шуда монд. Набошад ин қадар саллоту палиса дар ин ҷо чӣ кор мекунад? *(Р.Ҷалил)*. 2. Ба систерна ду хел газ: пропан ва бутан пур карда шудааст *(Ф.Муҳаммадиев)*. 3. Аз ҳаннот халоскунанда будани ширкатро аъзоён фаҳмида гирифтанд *(С.Айнӣ)*. 4. Мегӯянд, ки агар фуқаро гарданшахӣ кунад, худи губур омада ҳамаро аз дами теғ мегузаронидааст. – Ҳамаро нею ману ту барин қашшоқи моламяшшокро будагист *(Р.Ҷалил)*.

## § 16. ХЕЛҲОИ ЛУҒАТ

Луғат китобест, ки дар он калимаҳои мавҷуда бо тартиби муайяни алифбо дода мешаванд.

Китоби луғатро хазинаи забон номидан мумкин аст, зеро ки ҳамаи калимаҳоро дар бар мегирад ва дар кушодани маънии онҳо мушкили омӯзандагонро осон мегардонад.

Луғат, асосан, ду хел мешавад: **луғати энсиклопедӣ ва луғати филологӣ. Луғате, ки дар он оид ба ҳар як предмет, ҳодисаву воқеа, мафҳум, шахсони таърихӣ, шаҳру ноҳияҳо, ҷумҳурию мамлакатҳо, иқлим ва тӯлу арзи онҳо маълумот дода мешавад, *луғати энсиклопедӣ* ном дорад.** Энсиклопедияи советии тоҷик аз ҷумлаи луғатҳои энсиклопедӣ мебошад.

**Луғате, ки дар он калимаҳо аз ҷиҳати истеъмол ва маънӣ тафсиру тасниф карда шудаанд, ё ки танҳо зикр ёфтаанд, *луғати филологӣ* меноманд.** Луғати филологӣ дорои хелҳои гуногун аст. Луғати якзабона (луғати тафсирӣ), луғати дузабона, луғати бисёрзабона, луғати муаллифӣ (луғати махсуси як асар), луғати имло, луғати муродифот, луғати соҳавӣ, луғати фразеологӣ, луғати шева, луғати этимологӣ ва монанди инҳо ба луғати филологӣ мансубанд.

**Луғати тафсирӣ.** Луғати тафсирӣ луғати якзабона буда, калимаҳои як забон бо калимаҳои ҳамон забон шарҳ меёбанд. Луғати тафсириро фарҳанг низ мегӯянд.

Дар таърихи илми луғатнигории тоҷик тақрибан номи 202 китоб зикр шудааст. Қадимтарини он «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ (асри XI) буда, навтарини он «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (асри XX) ба шумор меравад.

**Машқи 83.** Ба шарҳи калимаи «маърифат» тавачҷӯҳ намоед. Гӯед, ки ин тарзи шарҳдиҳии калимаҳо ба кадом навъи луғатҳо мансуб аст:

**Маърифат** 1). Илму дониш:

Дидаи ҷони Бӯалӣ Сино
Буда аз нури маърифат бино.

*Анварии Абевардӣ*

**Маърифати мақодир** – илми ҳисоб

Илми риёзӣ чаҳор навъ аст; яке маърифати мақодир...

*Ахлоқи Носирӣ*

### *Шарҳи луғат:*

**Риёзӣ** – илми ҳисоб, илме, ки аз миқдор ва адад баҳс мекунад, математика.

**Шинохтан** – донистан

...фасли аввал дар маърифати мавзӯъ...

*Ахлоқи Носирӣ*

биниш, тамиз, фаҳм:

Маърифат нест дар ин қавм, худоро, мададе,
То барам гавҳари худро ба харидори дигар.

*Ҳофизи Шерозӣ*

**Тамиз** – фарқ, фарқ кардани неку бад.
**Солимфикрӣ** – ақлу ҳуш.

***Супориш:*** Аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» шарҳи калимаи «маъруф»-ро ба дафтаратон навишта гиред.

**Машқи 84.** Ба маънои калимаҳои «равон» ва «най» зеҳн монед ва маънии байтҳоро гӯед.

Гулоб аст, гӯйӣ, ба ҷӯяш равон,
Ҳаме шод гардад зи бӯяш равон.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Гар набудӣ нолаи найро самар,
Най ҷаҳонро пур накардӣ аз шакар.

*Ҷалолиддини Балхӣ*

***Супориш:*** Байтҳоро аз ёд кунед.

## § 17. ИБОРАҲОИ УСТУВОР (ФРАЗЕОЛОГӢ)

• Ба ибораҳои зерин таваҷҷӯҳ намоед. Гӯед, ки ибораҳои сутуни дуюм аз ҷиҳати ифодаи маънӣ аз ибораҳои сутуни якум чӣ фарқ доранд.

1. Бинои баланд, кӯчаи деҳа, мани нодон, синфи шашум
2. Бисёр калон, ниҳоят зебо, ширинтар аз қанд, шер барин далер

1. Гули сари сабад, мурғи посӯхта, гурги борондида
2. Об карда хӯрдан, дум-ро хода кардан, ба таги бинӣ задан

Ибораи изофии «гули сурх» аз ҷузъҳои «гул» ва «сурх» ба воситаи бандаки изофӣ корбаст шудааст. Ҷузъи аввал «гул» (исм) тобеъкунанда буда, номи предметро мефаҳмонад. Ҷузъи дуюм «сурх» (сифат) тобеъшаванда буда, ранги гул – предметро ифода менамояд. Ҷузъҳои ин ибора ҳар кадом ба сари худ маънии ҷудогонаро ифода мекунанд. Ин ибора барои ифодаи мақсади гӯянда дар ҷараёни нутқ ба вуҷуд омадааст. Аз ин рӯ, ибораи мазкур ибораи наҳвист.

Ибораи «барги сабз» чун ибораи наҳвӣ сабз буда-ни баргеро ифода менамояд. Ин ибора ба маънои туҳфа (савғотӣ) низ маълум аст. Дар ин ҳол ҷузъҳои ибораи «барги сабз» якҷоя мафҳуми ягона – туҳфаро ифода мекунанд ва дар ҷумла низ ба як вазифа меоянд. Ин ибора дар ифодаи маънии туҳфа устувор буда, ҷузъҳои он тағйирнопазир аст. Агар яке аз ҷузъҳои он тағйир ёбад, маънии «туҳфа»-ро ифода кардан мумкин намегардад. Ин гуна ибораҳо монанди ибораҳои наҳвӣ дар ҷараёни нутқ ба вуҷуд намеоянд, балки дар шакли тайёр кор фармуда мешаванд. Ин буд, ки ин гуна ибораҳоро ибораи устувор номидаанд.

**Ибораҳое, ки аз пайванди ду ва ё зиёда калимаҳо барои ифодаи мафҳуми ягона корбаст шудаанд ва таркибан устувору тағйирнопазиранд, *ибораи устувор*** номида мешавад.

**Машқи 85.** Ба иборахо таваҷҷӯҳ кунед. Ибораҳои наҳвӣ ва устуворро муайян намоед. Ибораҳои устуворро навишта маънидод кунед.

Пахтаи маҳиннах, дил бой додан, курта-курта гӯшт гирифтан, ба мактаб рафтан, тез хондан, хонаро рӯфтан, чашм дӯхтан, ҷони ширин, димоғ сӯхтан, ҳавои соф, омӯзгори забони модарӣ, майдони варзишӣ, калонсолонро ҳурмат кардан, коҳи куҳнаро бод додан, сояи касеро аз девор тарошидан, нони касеро нимта кардан, дил кандан, мактуб навиштан, дар курта нағунҷидан.

**Машқи 86.** Ҷумлаҳоро хонед. Ибораҳои устуворро ёфта нависед ва маънии онҳоро гӯед.

1. Мо аз ҳамин қадар роҳ хароҷот ва ташвиш кашида омада, магар ду даст дар бинӣ, холӣ бармегардем *(С.Айнӣ)*. 2. Гиря накун, писарам! Аз гирями ту душманон хурсанд мешаванд, ба пӯсташон намеғунҷанд *(Ҷ.Икромӣ)*. 3. Аммо сар хам намекунем, таслим намешавем *(А.Қаҳҳорӣ)*. 4. Баробари дасташ шикамаш ҳам танбӯр навохта истодааст *(С.Айнӣ)*. 5. Ӯ мурғи посӯхта барин мегашт *(Р.Ҷалил)*.

**Машқи 87.** Ҷумлаҳоро нависед. Ибораҳои устуворро ёфта ба зерашон хат кашед ва маънии онҳоро гӯед.

1. Ба Регистон расиданд, дар он гирду пеш ҷойи сӯзан задан набуд...*(С.Айнӣ)*. 2. Ба қавли Рустам амак Саодатбибӣ имшаб вайро аз ҳаллоҷӣ гузаронд *(Р.Ҷалил)*. 3. Бечора тамом аз ҳол рафта қариб буд, ки қолиб тиҳӣ кунад *(С.Улуғзода)*. 4. Ин муқаддимаи дуру дарози ошноям ҷонамро ба ҳалқам овард *(Ҳ.Карим)*.

**Машқи 88.** Ба ибораҳои устувори зерин зеҳн монда, ҷумла тартиб диҳед ва маънии онҳоро муайян кунед.

Дил додан, қадам ранҷа кардан, паси сар хоридан, Офтоби сари девор.

## § 18. САРЧАШМАҲОИ ТАКМИЛИ ЛУҒАТИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Такмили луғат ба ҳаёти соҳибзабонон марбут аст. Инсон дар зиндагӣ чӣ қадар пеш равад, забон ҳамон қадар ғанӣ мешавад. Калимаҳо дар як ҷо шах шуда намемонанд. Оҳиста-оҳиста маънии онҳо такмил меёбад, ё ки маънии нав касб мекунанд. Чунончи, калимаи «реша» аввал решаи дарахтро ифода мекард. Баъд ба маънои решаи калима низ маъруф гашт.

Сарчашмаҳои асосии такмили луғати забони тоҷикӣ гуногунанд:

1. Яке аз сарчашмаҳои асосии такмили луғати забони тоҷикӣ забони адабии ҳазорсолаи халқи тоҷик аст. Луғати забони адабии ҳозираи тоҷик аз ҳисоби калимаҳои забони адабиёти классикӣ такмил меёбад. Масалан, дар солҳои охир калимаи «пиромуни», ки дар забони адабиёти классикӣ маълум буд, дар забони адабии ҳозираи тоҷик мавриди истифода қарор гирифт. Ҳоло калимаи «пиромуни» муродифи пешояндҳои «дар бораи», «дар хусуси», «дар ҳаққи» мебошад.

2. Забони зинда низ аз сарчашмаҳои такмили луғати забони тоҷикӣ мебошад. Қайд бояд кард, ки аз маликушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ сар карда то рӯзҳои мо адибон забони бойи зиндаро яке аз манбаъҳои асосии забони осори худ қарор додаанд. Калимаҳо тавассути асарҳои адибон аз забони зинда ба забони адабӣ мегузаранд.

3. Сарчашмаи дигари такмили луғати забони тоҷикӣ калимасозӣ мебошад. Масалан, дар даҳсолаи охир ба ҷои калимаи «ширсофкунак» калимаи мураккаби «ширполо», ки аз калимаҳои «шир» ва «пол» (аз феъли полоидан – соф кардан) тавассути унсури калимасози –«о» сохта шудааст, мавриди истифода қарор гирифт.

4. Дар такмили луғати забони тоҷикӣ хизмати адибони тоҷик низ назаррас аст. Масалан, устод Садриддин Айнӣ бо асарҳо ва мақолаҳои барои инкишофи забони тоҷикӣ ва тозагии он бахшидааш дар такмили луғати забони тоҷикӣ ҳиссаи арзанда гузоштааст.

### *Шарҳи луғат:*

**Ғанӣ** – бой
**Тавассути** – ба воситаи

**Машқи 89.** Ба мисолҳои зерин таваҷҷӯҳ намоед. Гӯед, ки дар онҳо кадом калимаҳо дар забони адабиёти классикӣ серистеъмол буданд.

1. Каюмарс оини подшоҳиро ба ҷаҳон овард ва нахустин подшоҳ ӯ буд *(С.Улуғзода)*. 2. Халифа гуфт: «Ҳар гоҳ ҷомаи куҳна пӯшида бошӣ, зинҳор кафши нав дар по накунӣ, ки пур нозеб аст» *(Садри Зиё)*. 3. Нерӯмандӣ ва пирӯзии ман атои яздонист. Рустами достон аз касе бок надорад *(С.Улуғзода)*.

4. Ба Рустам супурдаш дилу дидаро,
Ҷаҳонҷӯй пури писандидаро.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

5. Оби ҳайвон хон, махон инро сухан,
Ҷони нав бин дар тани ҳарфи куҳан.

*Ҷалолиддини Балхӣ*

6. Бо ҳамин ният намояд пора занҷиру каманд.
Бо ҳамин ният садои Осиё ояд баланд.

*Мирзо Турсунзода*

**Машқи 90.** Ба ҷумлаҳои зерин зеҳн монда, калимаҳои гуфтугӯиро муайян намоед. Онҳоро нависед ва маънидод кунед.

1. Ин қадар майдагапӣ кардан ҳам дуруст нест *(Р.Ҷалил)*. 2. Раҳими қанд зери лаб «исқит, мурданӣ» гӯён ӯро дашном дода монд *(С.Айнӣ)*. 3. Ин ҷо ҷои майнабозӣ нест *(Р.Ҷалил)*. 4. Бинобар ин бо он ҳарина инод карда нишастанро лозим надонистам *(С.Айнӣ)*. 5. Вай бепули даҳанкалоне буд *(Р.Ҷалил)*. 6. Қорӣ-

ишкамба тамоман девонаи шаққа шуда, аз арк бармегардад *(С.Айнӣ)*. 7. Ба ин ахбороти чигили шумо гувоҳӣ медиҳад *(Р.Ҷалил)*.

**Машқи 91.** Дар мавзӯи «Баҳори диёри ман» иншо навишта, ба зери ибораҳои наҳвӣ ва устувор хат кашед.

### *Шарҳи луғат:*

**Оин** – расм, қоида, одат, тартиб
**Халифа** – ҷонишин, муовин, ноиб
**Зинҳор** – ҳаргиз
**Нерӯманд** – зӯр, боқувват
**Бок** – тарс, хавф, бим; парво
**Ҷаҳонҷӯй** – подшоҳ
**Пур** – писар
**Оби ҳайвон** – оби ҳаёт
**Каманд** – таноб ё арғамчине, ки нӯгаш ҳалқа дошта, онро барои гирифтани сайд ё душман кор мефармуданд.

### Савол ва супоришҳо:

1. Кадом воҳиди забонро калима меноманд?
2. Калимаҳо аз ҷиҳати маънои луғавӣ чанд хел мешаванд?
3. Истилоҳ чист? Фикратонро бо мисолҳо собит намоед.
4. Кадом гурӯҳи калимаҳоро калимаҳои умумихалқӣ мегӯянд?
5. Калимаҳои шевагӣ чӣ гуна калимаҳоанд? Мисол гӯед.
6. Фарқи калимаҳои шевагӣ ва умумихалқиро бо мисолҳо фаҳмонед.
7. Калимаҳои касбу пешаро бо мисолҳо фаҳмонед.
8. Фарқи калимаҳои касбу пеша аз калимаҳои шевагӣ дар чист? Мисол гӯед.
9. Чӣ гуна калимаҳоро калимаи нав мегӯянд? Мисол гӯед.

10. Калимаҳои кӯҳнашуда чӣ гуна калимаҳоанд? Мисол гӯед.
11. Фарқи калимаҳои кӯҳнашуда аз калимаҳои нав дар чист? Мисол гӯед.
12. Калимаҳои кӯҳнашуда чанд хел мешаванд? Мисол гӯед.
13. Фарқи калимаҳои мансух аз калимаҳои таърихӣ дар чист? Мисол гӯед.
14. Чӣ гуна калимаҳоро калимаи вомӣ меноманд? Мисол гӯед.
15. Калимаҳои кадом забонҳо ба забони тоҷикӣ бештар ворид гаштаанд? Мисолҳо гӯед.
16. Кадом забонро вомдеҳ мегӯянд?
17. Забони вомгир чӣ гуна забон аст?
18. Дар бораи китоби луғат маълумот диҳед.
19. Луғати энсиклопедӣ чист?
20. Кадом навъи луғатҳоро луғати филологӣ меноманд?
21. Фарҳанг чист? Мисол гӯед.
22. Ибораи устувор чӣ гуна ибора аст? Мисол гӯед.
23. Фарқи ибораи устуворро аз ибораи наҳвӣ бо мисолҳо фаҳмонед.
24. Сарчашмаҳои такмили луғати забони тоҷикиро гӯед.

# КАЛИМАСОЗӢ ВА ИМЛО

## § 19. КАЛИМАҲОИ ҲАМРЕША

• Ба калимаҳои ҳар ду сутун зеҳн монда, решаи онҳоро муайян кунед. Гӯед, ки фарқи ин калимаҳо дар чист.

1. Оҳангар, сӯзангар, ҳалвогар
2. Ҳамроҳ, ҳамсафар, ҳамкор

1. Гулистон, гулзор, гулдон, гулшан
2. Баромад, даромад, фаромад

Микдори муайяни калимаҳои захираи луғавии забонамон танҳо аз як ҳиссаи маънодор иборат аст. Масалан, калимаҳои «чашм», «рӯй», «гӯш», «хок», «санг», «об» калимаҳои маънодор буда, ба дигар ҳиссаҳо ҷудо намешаванд. Аз ин рӯ, калимаҳои мазкур ба калимаҳои решагӣ мансубанд.

Дар захираи луғавии забон калимаҳое низ мавҷуданд, ки бо воситаи унсурҳои калимасоз аз як реша сохта шудаанд. Чунончи, калимаҳои «ҳамкор» ва «коргар» бо воситаи пешванди ***ҳам-*** ва пасванди ***-гар*** аз калимаи решагии «кор» сохта шудаанд. Ин гуна калимаҳо ба калимаҳои ҳамреша мансубанд.

**Калимаҳое, ки решаи якхела доранд, *калимаҳои ҳамреша* ном доранд:** гузаро, гузаргоҳ, гузаранда...

**Машқи 92.** Ба калимаҳои зерин таваҷҷӯҳ намоед. Онҳоро бо назардошти решаашон гурӯҳбандӣ карда, калимаҳои ҳамрешаро муайян намоед.

***Намуна: тарс, нотарс, тарсанда, тарсо, тарсончак.***

Тарс, дон, фикр, кор, сиёҳ, кӯҳ, дониш, кӯҳсор, сиёҳӣ, користон, ҳамфикрӣ, донишманд, тарсончак, нодон, ҳамфикр, ҳамкорӣ, сиёҳидон, кӯҳистон, корӣ, донишмандӣ, нотарс, ҳамкор, тарсанда, нодонӣ, кӯҳӣ, кӯҳистонӣ.

**Машқи 93.** Аз калимаҳои зерин калимаҳои ҳамреша сохта, онҳоро ба дафтаратон нависед.

Гӯш, меҳрубон, муваффақият, нав, омӯз, рав, садоқат, соя, чолок, шакар, деҳа, мол, мулоҳиза, омад, ном, пушт, шаб, эътибор.

**Машқи 94.** Аз калимаҳои решагии «чашм», «одоб», «пахта», «нур» тавассути унсурҳои калимасоз калимаҳои ҳамреша созед. Бо калимаҳои сохтаатон чор ҷумла тартиб диҳед.

**Машқи 95.** Аз рӯи қолабҳои зерин чортоӣ калима созед.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ⌒ | ∧ , | ¬ | ⌒ , | ¬ | ⌒ | ∧ |

**Машқи 96.** Худатон калимаҳои ҳамреша тартиб дода, ба дафтаратон нависед.

***Н а м у н а: раҳм, бераҳм, бераҳмӣ, бераҳмона...***

## ХЕЛҲОИ КАЛИМА АЗ ҶИҲАТИ СОХТ

Калимаҳо таркибан гуногунанд. Масалан, калимаи «кор» калимаи решагӣ буда, танҳо аз як реша иборат аст. Калимаи «ҳамкор» аз пешванди **ҳам-** ва реша, вале калимаи «коргар» аз решаю пасванди **-гар** сохта шудааст. Калимаи «корхона» бошад, аз пайванди ду реша (кор+хона) корбаст шудааст. Ин хусусияти калимаҳо дар илми забоншиносӣ бо ибораи «сохти калима» ифода мегардад.

Калимаҳои забони тоҷикӣ аз ҷиҳати сохт чор хел мешаванд: калимаҳои содда, калимаҳои сохта, калимаҳои мураккаб ва калимаҳои таркибӣ.

## § 20. КАЛИМАҲОИ СОДДА

• Ба калимаҳои хар ду сутун таваҷҷӯҳ намоед. Гӯед, ки калимаҳои сутуни дуюм аз ҷиҳати сохт аз калимаҳои сутуни якум чӣ фарқ доранд.

1. Гӯшак, лолазор, намакдон
2. Ҳамсафар, бераҳм, боодоб
3. Садбарг, хорпушт, чойхона

1. Лаб, забон, анор, нон, хок, бод
2. Сафед, сурх, паст, сард, гарм
3. Омад, рафт, гӯй, хест, хон

Калимаҳо аз ҷиҳати сохт низ якранг нестанд. Масалан, калимаи «лола» танҳо аз реша иборат аст, аммо калимаи «лолазор» аз решаю пасванди **-зор** сохта шудааст. Калимаи «шутурмурғ» бошад, аз ду реша (шутур+мурғ) корбаст шудааст. Аз ин рӯ, калимаҳоро аз ҷиҳати сохт гурӯҳбандӣ кардаанд. Як гурӯҳи калимаҳо ба калимаҳои содда мансубанд.

**Калимаҳое, ки аз як реша иборатанд, *калимаи содда* ном дорад:** об, сар, гӯш, сабз, талх, панҷ, шаш, нӯҳ, даҳ, ман, ту, шумо, рав, гуфт.

**Машқи 97.** Ба калимаҳо зеҳн монда, калимаҳои соддаро муайян кунед. Онҳоро ба дафтаратон нависед.

Даст, ҳамроҳ, нодонӣ, кӯзагар, санг, гул, хор, сангпушт, тоҷикдухтар, соябон, чӯб, дил, чашм, роҳ, баромад, фуромад, вохӯрд, сиёҳ, ширин, тунд, шин, навис, гӯй, кӯҳ, гиёҳ, рег, сурх, лаб, буз, гов, асп, саг, даравгар, шиноварр, нодон, боақл, гулдон.

**Машқи 98.** Ҷумлаҳоро нависед. Калимаҳои соддаро муайян карда ба зерашон хат кашед.

1. Аз сангҳо шарораҳо ба атроф ҷаст ва шуоъ падид омад *(С.Улуғзода)*. 2. Агар ғубори гуноҳ бар гиребони ӯ барнишастааст, ба оби авфу карам бояд шуст *(Ҳусайн Воизи Кошифӣ)*. 3. Вай зардолуро гирифта, хӯрдахӯрда боз ба кӯча медавид *(С.Улуғзода)*. 4. Боди сарди тирамоҳ ба машоми Хусрав бӯи форами гиёҳу меваҳои хушк ва харбузаро расонд *(Абдулҳамиди Самад)*.

**Машқи 99.** Бо калимаҳои соддаи зерин ибора тартиб диҳед. Бо ибораҳои тартибдодаатон чор ҷумла нависед.

Шаб, соф, асп, калон, танг, бом, дарё, лаб, сафед, ширин, лой, барф, осмон, ҷӯй, най, хона, паст, муй, талх, шӯр.

**Машқи 100.** Чанд ҷумла тартиб диҳед, ки дар онҳо калимаҳои содда ба вазифаи ҷузъи тобеъкунандаи ибора омада бошанд.

## § 21. КАЛИМАҲОИ СОХТА

• Ба калимаҳои ҳар ду сутун таваҷҷӯҳ намоед. Фарқи калимаҳои сутуни дуюмро аз калимаҳои сутуни якум муайян кунед.

1. Ишқ, сиёҳ, хурд, хор, даҳ, боғ, себ
2. Сарпӯш, хушрӯй, чордаҳ, раҳмдил

1. Арчазор, бачагона, боғбон, дуюм
2. Ҳамсафар, босавод, баромадан

Як гурӯҳи муайяни калимаҳо бо воситаи унсурҳои калимасоз аз калимаҳои решагӣ сохта шудаанд. Масалан, калимаи «дарахтзор» бо пасванди **-зор** аз калимаи решагии «дарахт», аммо калимаи «боадаб» бо пешванди **бо-** аз калимаи решагии «адаб» сохта шудааст. Бо воситаи ҳам пешванд ва ҳам пасванд аз калимаи решагӣ сохта шудани калимаҳо низ ба назар мерасад. Чунончи, калимаи «бе+раҳм+ӣ» тавассути пешванди **бе-** ва пасванди **-ӣ** аз калимаи решагии «раҳм» сохта шудааст. Ин гуна калимаҳо ба гурӯҳи калимаҳои сохта мансубанд.

**Калимае, ки тавассути унсурҳои калимасоз аз калимаи решагӣ сохта шудааст, *калимаи сохта* номида мешавад.**

**Машқи 101.** Ба калимаҳо таваҷҷӯҳ намуда, калимаҳои сохтаро муайян кунед. Онҳоро ба дафтаратон навишта шарҳ диҳед.

Дандона, хуб, бад, мола, суханвар, роҳгузар, гулчеҳра, бодом, Моҳ, қалам, коғаз, даста, занона, кӯзагар, хорпушт, қадбаланд, даводав, гулдон, боғбон, сафедӣ, зардина, дастгоҳ, хирадманд, одамгарӣ, зодгоҳ, ҳамсоя, абрӯ, гӯш, даргузар, бозгашт, бозсозӣ.

**Машқи 102.** Аз калимаҳои решагии зерин бо воситаи унсурҳои калимасоз калимаҳои сохта созед ва онҳоро шарҳ диҳед.

***Н а м у н а: савод — саводнок, босавод, босаводӣ, саводнокӣ.***

Савод, раҳм, дон, даст, чашм, адаб, сиёҳ, фикр, ақл, сол, кор, оҳан.

**Машқи 103.** Ба калимаҳои сохтаи зерин калимаҳои содаи мувофиқ ёфта, ибора созед. Бо ибораҳои сохтаатон панҷ ҷумла тартиб диҳед.

***Н а м у н а: баҳорӣ — кишти баҳорӣ. Деҳқонон заминро ба кишти баҳорӣ тайёр карданд.***

Баҳорӣ, тирамоҳӣ, барқӣ, бачагона, сафолин, сангин, гандумӣ, шишагӣ, ноҳамвор, равғанин, баодоб, бераҳм, нотарс, бовафо.

**Машқи 104.** Мисолҳоро нависед. Калимаҳои сохтаро муайян карда, ба зерашон хат кашед. Онҳоро шарҳ диҳед.

1. ...кулли мусофир мехоҳад ҳамроҳ, ҳамгап, ҳамроз дошта бошад, ки сафараш бахайр шавад *(Б.Насриддинов)*. 2. Фақат як ҷуфт калхоти даштӣ дар сари чормағзи хушкидае нишаста, ин манзарaро бо кибру ғурур тамошо мекарданд.

3. Бузургӣ саросар ба гуфтор нест,
Дусад гуфта чун ним кирдор нест.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

4. Бо сияҳдил чӣ суд гуфтани ваъз?
Наравад мехи оҳанин бар санг.

*Саъдии Шерозӣ*

5. Обаки шӯхе чу тифли беқарор,
Мешитобад аз миёни кӯҳсор.

*Муъмин Қаноат*

## § 22. КАЛИМАҲОИ МУРАККАБ

• Калимаҳои ҳар ду сутунро аз ҷиҳати сохт мушоҳида кунед. Фарқи калимаҳои сутуни дуюмро аз калимаҳои сутуни якум муайян кунед.

1. Ҳаво, алаф, гов, зоғ, кабуд, об
2. Нодон, ҳамсоя, кӯҳсор, кӯзагар
3. Ҳамкорӣ, беобӣ, томактабӣ

1. Сарқанд, садбарг, хоркаш, хушхон, сарлуч
2. Гармоба, сарборӣ, лӯбиёшӯрак, себарга
3. Рангоранг, гуфтугӯ, Шаҳрисабз, мардикор

Калимаҳое мавҷуданд, ки аз ду ва зиёда решаҳо сохта шудаанд. Масалан, калимаи «модарарӯс» аз калимаҳои решагии «модар» ва «арӯс», калимаи «холабача» бошад, аз пайванди калимаҳои решагии «хола» ва «бача» ба вуҷуд омадааст. Ин гуна калимаҳо ба калимаҳои мураккаб тааллуқ доранд.

**Калимае, ки аз ду ва зиёда решаҳо сохта шудааст, *калимаи мураккаб* номида мешавад.**

Калимаҳои мураккаб бо роҳҳои зерин сохта мешаванд:

1. Бо роҳи пайванди бевоситаи решаҳо: садбарг, роҳзан, чормағз...

2. Тавассути миёнвандҳои **-у-, -о-, -и-,** пайванд шудани решаҳо: ҷустуҷӯ, гуфтугӯ, даводав, гирдогирд, мардикор, Конибодом, Бурчимулло.

3. Бо воситаи пасвандҳо: панҷшоха, сесола, моҳихӯрак, байтбарак.

**Машқи 105.** Ба калимаҳои зерин зеҳн монед. Калимаҳои мураккабро муайян намуда, ба дафтаратон нависед. Онҳоро аз ҷиҳати маънӣ шарҳ диҳед.

Дудкаш, гесӯ, пой, панҷа, наългар, заргар, қоматбаланд, сартарошхона, ширбиринҷ, забон, ҳалқ, барг, шох, кабуд, талх, обӣ, шиновар, чашма, хок, обанбор, мошоба, задухӯрд, бандубаст, пухтупаз, кашокаш, моломол, кашмакаш, мардикор, Шаҳритус, тирукамон.

**Машқи 106.** Ба калимаҳои мураккаб тавaҷҷӯҳ намоед. Гӯед, ки онҳо бо кадом роҳҳо сохта шудаанд? Калимаҳои мураккаби бо роҳи пайванди бевоситаи решаҳо сохташударо ба дафтаратон нависед.

Меҳмонхона, симчӯб, равуо, сарулибос, пухтупаз, шустушӯй, мурғкабоб, созишнома, сангпушт, нӯшонӯш, гирогир, соҳибхона, хоҳарарӯс, сарвазир, ошпазӣ, пойтоба, тортанак, шабпарак, бодбарак, рангоранг, раҳмдил, бузриш, хушбахт, пурзӯр, дуродур, пурпечутоб, лойолуд, даҳшатангез, вафодор.

**Машқи 107.** Ибора ва ҷумлаҳои зеринро бо як калима ифода намуда, калимаҳои мураккаб созед.

Бахти хуш, падари арӯс, духтари тоҷик, ҷое, ки китоб мехонанд, шахсе, ки моҳӣ мегирад, бачаи хола, хонаи усто, автомобиле, ки бор мекашонад, ҷое, ки хӯрок мепазанд, хабари хуш, рӯзи баъди шанбе, сад ҷамъи сад, марди пир, зани ҷавон, ҷойи бурида гузаштани чор роҳ, кӯчаи танг.

## § 23. КАЛИМАҲОИ ТАРКИБӢ. ИХТИСОРАҲО

• Калимаҳои дар сутунҳо овардашударо аз ҷиҳати сохт мушоҳида кунед. Фарқи калимаҳои сутуни дуюмро аз калимаҳои сутуни якум муайян намоед.

| | |
|---|---|
| 1. Соҳибкор, гулбарг, роҳбар, гулоб | 1. Маданию маишӣ, оммавию сиёсӣ |
| 2. Занозан, гирогир, гуфтугӯ, мардикор | 2. Хонда шудан, гуфта додан, ханда карда истодан |
| 3. Дудаста, чормағзбозӣ, дастшӯяк | 3. Тамошо кардан, кор доштан, занг задан |

Дар забон ному мафҳумҳое ҳастанд, ки аз ду ва ё зиёда калимаҳои ҷудогона иборатанд. Масалан, калимаи «пой дар ҳаво» (суханони пой дар ҳаво) аз калимаҳои «пой» ва «ҳаво» бо воситаи пешоянди «дар» таркиб ёфтааст. Монанди ҳамин калимаи «чашида дидан» аз калимаҳои «ча-

шидан» ва «дидан» барои ифодаи як маънӣ корбаст шудааст.

Калимаҳои таркибие, ки як мафҳум ва ё номро ифода мекунанд, бандаки изофӣ ва пайвандаки **-у(-ю)** доранд: Институти такмили ихтисоси муаллимон, мактаби интернат, илмию тадқиқотӣ, моддию маишӣ... Ин гуна калимаҳо ба калимаҳои таркибӣ мансубанд.

**Калимае, ки аз ду ва ё зиёда калимаҳои ҷудогона барои ифодаи як мафҳум таркиб ёфтаанд, *калимаҳои таркибӣ* номида мешавад.**

Ҷузъҳои калимаҳои таркибӣ ҷудо навишта мешаванд: моддию маишӣ, оммавию сиёсӣ, кор кардан.

**Машқи 108.** Ба калимаҳои зерин зеҳн монда, сохташонро муайян кунед. Калимаҳои таркибиро ёфта, ба дафтаратон нависед ва шарҳ диҳед.

Олам, гадой, гулгун, худдорӣ, қадпаст, роҳи оҳан, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, илмии тадқиқотӣ, вагони ресторан, механики ронанда, бом, девор, тахта, арчазор, гулистон, гулшан, аробакаш, дилрабо, оҳанрабо, муҳандиси сохтмон, чорсаду бисту панҷ.

**Машқи 109.** Ҷумлаҳоро хонед. Калимаҳои таркибиро муайян кунед. Онҳоро ба дафтаратон навишта шарҳ диҳед.

1. Ин хона ёздаҳболори даҳлезу майдондор буд *(С.Айнӣ)*. 2. Кори китобхонаҳо, муассисаҳои маданию равшаннамоӣ беҳтар гардид *(Аз рӯзнома)*. 3. Агар ин тавр намекарда бошетон, ёздаҳ ҳазор тангаи накди ман додаро бо панҷ ҳазор тангаи макбуз ба ман диҳетон *(С.Айнӣ)*. 4. Дар бобати ба ҷо овардани хизмати маданию маишӣ як қатор тадбирҳо андешида шуд *(Аз рӯзнома)*.

**Машқи 110.** Бо калимаҳои таркибии зерин ҷумла тартиб диҳед ва ба имлои онҳо таваҷҷӯҳ намоед.

Маданию маишӣ, нав ба нав, мӯ ба мӯ, роҳи оҳан, Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Баъзан дар ифодаи мафҳум калимаҳое истифода мешаванд, ки таркибан тафсил ёфтаанд. Масалан, барои ифодаи номи донишгоҳи Самарқанд ё Бухоро калимаи таркибии Донишгоҳи давлатии Бухоро ё Донишгоҳи давлатии Самарқанд истифода мешаванд. Ин гуна калимаҳоро одатан дар шакли ихтисоршуда истифода мебаранд (ДДБ, ДДС). Дар забони тоҷикӣ калимаҳои кӯтоҳшуда аз таркибу ибораҳои изофӣ сохта мешаванд ва онҳо серистеъмоланд. Барои осон кардани истифодаи онҳо шакли ихтисоршудаашонро ба кор мебаранд.

**Шакли ихтисоршудаи калимаҳо, *ихтисора* номида мешавад.**

Дар забони тоҷикӣ калимаҳо ба тариқи зайл ихтисор шудаанд:

1) ҳарфҳои аввали калима гирифта мешавад: АИ– Академияи илмҳо, МТҶ – Маркази таълими ҷумҳурӣ, ҶЎ – Ҷумҳурии Ўзбекистон.

2) аз ҳар калима як ҳиҷо мегиранд: Нашрдавтош – Нашриёти давлатии Тошканд.

**Машқи 111.** Ихтисораҳои зеринро дуруст хонед ва шакли пурраи онҳоро гўед.

***Н а м у н а:*** **СММ – Созмони Милали Муттаҳид**

ҶТ, ДДМТ, АИ, ИМА, ВХҚ, ВАПК, ИТИМ.

**Машқи 112.** Бо ихтисораҳои ВХҚ (Вазорати хоҷагии қишлоқ) ва ИМА (Иёлоти Муттаҳидаи Амрико) ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## РОҲҲОИ АСОСИИ КАЛИМАСОЗӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Яке аз роҳҳои асосии ғанишавии таркиби луғавии забони тоҷикӣ калимасозӣ мебошад. Бисёр калимаҳои наве, ки дар натиҷаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ, инкишофи илму

маданият, хоҷагӣ ва монанди инҳо пайдо шудаанд, бо роҳи калимасозӣ ба вуҷуд омадаанд. Калимасозӣ дар асоси қонунҳои дохилии забон сурат мегирад.

Забони тоҷикӣ дорои роҳҳои гуногуни калимасозӣ мебошад: калимасозии сарфӣ, калимасозии наҳвию сарфӣ, калимасозии сарфию наҳвӣ, калимасозии луғавию наҳвӣ, калимасозии луғавию семантикӣ.

Калимасозии сарфӣ навъи сермаҳсултарини калимасозӣ мебошад. **Бо воситаи унсурҳои калимасоз (пешванд, пасванд, миёнванд) сохта шудани калимаҳо, *калимасозии сарфӣ* ном дорад.**

## § 24. БО ВОСИТАИ ПЕШВАНДУ ПАСВАНДҲО СОХТА ШУДАНИ КАЛИМАҲО

• Ба калимаҳои ҳар ду сутун зеҳн монед. Гӯед, ки онҳо бо кадом унсурҳои калимасоз сохта шудаанд.

1. Ҳамроҳ, ҳамкор, ҳамкасб, ҳамсинф
2. Боақл, бераҳм, нодон, баркамол
3. Даромадан, баромадан, фуромадан

1. Заргар, боғбон, харак, сӯзанӣ, гулистон
2. Дастӣ, занона, нуронӣ, донишманд, рӯякӣ
3. Ҳамдардӣ, босаводӣ, нодонӣ, томактабӣ

Бо воситаи пешванду пасвандҳо сохта шудани калимаҳо яке аз роҳҳои сермаҳсули калимасозӣ маҳсуб мегардад. Масалан, калимаҳои «ҳамтабақ,», «бепоён», «вохӯрд» бо воситаи пешвандҳои **ҳам-, бе-, во-,** аммо калимаҳои «даравгар», «чӯбин», «сабзид» бошанд, тавассути пасвандҳои ***-гар, -ин, -ид*** сохта шудаанд. Ба тарзи омехта (бо воситаи ҳам пешванд ва ҳам пасванд) сохта шудани калимаҳо низ ба назар мерасад. Чунончи, калимаҳои «бераҳмӣ», «ҳамкорӣ», «нокомӣ» бо воситаи пешвандҳои **бе-, ҳам-, но-** ва пасванди **-ӣ** сохта шудаанд.

**Машқи 113.** Ба калимаҳои зерин таваҷҷӯҳ намуда, бо кадом унсури калимасоз сохта шуданашонро муайян кунед.

Аввал калимаҳои бо пешвандҳо, баъд бо пасвандҳо

сохташударо ба дафтаратон нависед. Онҳоро маънидод кунед.

Ақл, бошараф, панҷа, ҳамсол, даштӣ, даста, бахт, қад, писта, дарахтзор, бархӯрд, бозгашт, даргирифт, коргоҳ, коргарӣ, сиёҳдонча, доройӣ, омӯзгор, олу,ботамкин, соф, зулол, шир, безеб, босадоқат, тарс, омад, баҳрӣ, мардона, зотӣ.

**Машқи 114.** Бо калимаҳои решагии зерин ба воситаи пешвандҳо калима созед. Калимаҳои сохтаатонро шарҳ диҳед.

Шаҳр, ҷон, қурб, мадор, ҳунар, одоб, вақт, хост, табақ, вафо, маънӣ, раҳм.

**Машқи 115.** Аз калимаҳои содда тавассути пасвандҳо калима созед. Калимаҳои сохтаатонро шарҳ диҳед.

Чашм, гул, тороҷ, мард, Самарқанд, сафед, даст, тӯй, омӯз, хон, санг, рӯз, шаб, гандум.

## § 25. БО РОҲИ ПАЙВАНДИ РЕШАҲО СОХТА ШУДАНИ КАЛИМАҲО

• Ба калимаҳои ду сутун зеҳн монед. Роҳи сохта шудани калимаҳои сутуни дуюмро муайян намоед. Онҳоро шарҳ диҳед.

1. Ҳамроз, босавод, бардавом, даргирифт
2. Ҳалвогар, ғалабон, суханвар, кӯҳӣ
3. Ҳамкорӣ, боақлона, бераҳмӣ, нокомӣ

1. Ошхона, сартарош, дилкаш, бодпо
2. Ғунучин, нӯшонӯш, рангоранг, рӯйҷо
3. Панҷшоха, нафасгирӣ, яхмолак

Дар забони тоҷикӣ бо роҳи пайванди решаҳо низ калимаҳо сохта мешаванд. Дар пайванди решаҳои ин гуна калимаҳо ҳар ду навъи алоқаи дастурӣ (алоқаи пайваст ва алоқаи тобеъ) истифода мешавад. Ин гуна калимаҳо

ба калимаҳои мураккаб мансубанд. Аз ин рӯ, калимаҳои мураккаб аз ҷиҳати иштироки алоқаи наҳвӣ ду хел мешаванд: калимаҳои мураккаби пайваст, калимаҳои мураккаби тобеъ.

Ҷузъҳои калимаҳои мураккаби пайваст баробарҳуқуқ буда, дар як гурӯҳи онҳо ҷузъҳо бо воситаи миёнвандҳои **-у-, -о-, -и-** алоқаманд мешаванд: давутоз, равуо, гирогир, ҷоноҷон, рангоранг, мардикор, рӯйиҷо, Шаҳрисабз.

Ҷузъҳои калимаҳои мураккаби тобеъ баробарҳуқуқ нестанд. Дар ин навъи калимаҳои мураккаб яке аз ҷузъҳо ба ҷузъи дигар тобеъ буда, онро аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳад. Масалан, дар калимаи мураккаби «дорухона» ҷузъи якум ба ҷузъи дуюм, вале дар калимаи «модарарӯс» ҷузъи дуюм ба ҷузъи якум тобеъ аст.

Дар сохтани калимаҳои мураккаб гоҳо пасвандҳои **-а, -ак (-як), -ӣ** иштирок мекунанд: дудаста, пойтоба, камонғулак, обпошак, дастшӯяк, сарборӣ, шеърхонӣ...

**Машқи 116.** Ба калимаҳои зерин таваҷҷӯҳ намоед. Калимаҳои бо пайванди решаҳо сохташударо муайян карда, ба дафтаратон нависед.

Дилбар, чордаҳ, поя, пахтазор, чинакчӣ, модаркалон, пахтакор, сангпушт, сиёҳӣ, пушта, гулистон, гулдон, моҳигир, қадбаланд, кафгир, хушбахт, маҳиннах, оламгир, имрӯза, фиребгар, шубҳанок, кӯдакона, ситорагарм.

**Машқи 117.** Ба калимаҳои мураккаб зеҳн монед. Калимаҳои мураккаби решаашон бевосита пайвандшударо муайян карда, ба дафтаратон нависед.

Симхор, амакбача, ҷастухез, гуфтушунид, гурезогурез, кашокаш, мардикор, беморхона, корхона, падарарӯс, сарлашкар, сарвазир, дуродур, абрӯкамон, мӯрчамиён, садафдандон, чорчарха, ҳафтрӯза, оташгирак.

**Машқи 118.** Ба калимаҳои мураккаб таваҷҷӯҳ намоед.

Калимаҳои мураккаби бо воситаи миёнванду пасвандҳо сохташударо ёфта нависед ва онҳоро шарҳ диҳед.

Хушрафтор, хушҳаво, гулдор, рангоранг, ҷоноҷон, печутоб, дуаспа, зеризаминӣ, худрӯй, дуошёна, панҷтира, ғӯзапоя, шабнам, ангиштсанг, обуранг, хайрухуш, рангубор, хӯрохӯр, даводав, косахона, сардухтур.

## § 26. ПЕШВАНДУ ПАСВАНДҲОИ КАЛИМАСОЗ ВА ШАКЛСОЗ

• Ба калимаҳое, ки дар сутунҳо оварда шудаанд, зеҳн монед. Гӯед, ки калимаҳои кадом сутун бо илова гаштани пешванду пасвандҳо маъниашонро тамоман тағйир додаанд. Дар маънии калимаҳои сутуни дигар бо илова шудани пешванду пасвандҳо чӣ гуна тағйирот рух додааст?

| | |
|---|---|
| 1. Ҳамсоя, ношинос, босавод, нокас | 1. Мебурд, бигуфт, бубин, нарав, магӯй |
| 2. Пахтазор, истгоҳ, сабзӣ, оҳанин | 2. Хонача, бузича, духтарча, писарак, мӯрчаяк |
| 3. Сабзид, рақсид, ҷангид, хушкид | 3. Пастак, калонакак, хубрӯякак, зебоякак |

Пешванду пасвандҳо пеш аз решаи калима ва баъд аз он омада, маънии калимаҳои решагиро тағйир медиҳанд. Масалан, дар калимаҳои «ҳамном», «боақл», «фаромад» пешвандҳои **ҳам-, бо-, фар-,** дар калимаҳои «сӯзангар», «чармин», «хобид» пасвандҳои **-гар, -ин, -ид** маънии калимаҳои решагии «ном», «ақл», «омад», «сӯзан», «чарм», «хоб»-ро тамоман тағйир додаанд. Монанди ҳамин, «раҳм» номи предмет (исм) аст. Бо воситаи пешванди **бе-** аз исм (раҳм) аломати предмет сифат (бераҳм) сохта мешавад. Ин гуна пешванду пасвандҳоро, пешванду пасвандҳои калимасоз меноманд.

Баъзе пешванду пасвандҳо маънии калимаро тағйир намедиҳанд, танҳо тобиши маъноӣ мебахшанд. Масалан, дар калимаи «хонача» пасванди **-ча** ба хурдии «хона» да-

лолат кардааст, вале дар калимаи «гунҷишкак» пасванди **-ак** навозишро ифода менамояд. Дар калимаи «бирав» бошад, пешванди **би-** маънии аслии феъли фармоиш -«рав»-ро тағйир надода, танҳо ба фармоиш оҳанги қатъият бахшидааст. Ин гуна пешванду пасвандҳоро пешванду пасвандҳои шаклсоз меноманд.

Дар забони тоҷикӣ **ме-, би- (-бу), -на, (-ма)** пешвандҳои шаклсоз буда, **-ча, -ак (-як), -акак (-якак), -ича** пасвандҳои шаклсоз мебошанд.

**Машқи 119.** Ба калимаҳои зерин таваҷҷӯҳ намоед. Калимаҳои пешванду пасвандҳои калимасоз доштаро аввал, баъд калимаҳои пешванду пасвандҳои шаклсоз доштаро навишта, шарҳ диҳед!

Сӯзанак, занак, духтарак, соябон, некӣ, дӯстона, дарёча, шаҳрча, суфача, хурдакак, калонакак, хушрӯякак, гулгун, афсунгар, бузича, писарча, даргирифт, марав, бигӯй, бубин, вохӯрд, бозгашт, надав, мерафт, мегуфт.

**Машқи 120.** Ба калимаҳои зерин пешванду пасвандҳои шаклсоз илова карда нависед. Гӯед, ки онҳо ба калимаҳои решагӣ чӣ гуна тобиши маъноӣ бахшидаанд.

Бахш, шин, деҳ, рав, хӯрд, суфа, дар, духтар, бача, хурд, ширин, дӯстрӯ.

**Машқи 121.** Ҷумлаҳоро нависед. Калимаҳои бо пешванду пасвандҳои шаклсоз омадаро муайян кунед. Ба зери онҳо хат кашед ва шарҳ диҳед.

1. Соро бо писарчаи худ нони аз хона бардошта овардагиашро ба об тар карда хӯрданд *(С.Айнӣ)*. 2. Пас, чанд гоҳ он писаракро ҳамроҳ гирифта мегардад *(Ҷ.Икромӣ)*. 3. Пиразан ҷавони наврасро навозишкорона «набераякам» мегуфт *(«Садои Шарқ»)*. 4. Асо даричаи мобайни ҳавлии ҳамсояро пӯшиду ба сӯйи хона қадам монд *(Ҷ.Икромӣ)*. 5. Дар тарафи шимоли рӯйи ҳавлӣ як хоначаи пастаки офтобрӯя буд *(С.Айнӣ)*.

6. Бегоҳӣ боронаки наѓзакак шуду ҳама ҷоро тозаю тар кард *(Ҷ.Икромӣ)*.

## § 27. ТАРЗИ ТАҲЛИЛИ ТАРКИБИ КАЛИМА ВА КАЛИМАСОЗӢ

Калимаҳо таркибан якранг нестанд. Масалан, калимаи **«кор»** танҳо аз реша иборат буда, ба ҳиссаҳо ҷудо намешавад, вале калимаи «ҳамкорӣ» ба пешванд **(ҳам-)**, реша **(кор)** ва пасванд **(-ӣ)** ҷудо мешавад.

**Ба ҳиссаҳо ҷудо кардани калимаро, *таҳлили таркиби калима* меноманд.**

Ҳангоми таҳлили таркиби калима онро ба ҳиссаҳо (реша, пешванд, пасванд, миёнванд, асос, бандак) ҷудо карда, таркибан аз кадом ҳиссаҳо иборат будани калима шарҳ дода мешавад. Чунончи, дар калимаи «заргар» «зар» реша буда, **-гар** пасванд мебошад.

Дар вақти таҳлили хаттӣ аз аломатҳои шартӣ истифода мебаранд: бераҳмӣ.

Дар таҳлили калимасозӣ чӣ тавр ва бо кадом роҳу восита сохта шудани калима нишон дода мешавад:

1. Шарҳу маънидоди маънои луѓавии калима (масалан, «гул» номи рустании хушбӯй асту «гулзор» ҷоест, ки гулҳои бисёре рустааст, макони гулҳо).

2. Муайян намудани унсури калимасоз ё шаклсоз (калимаи «гулзор» бо пасванди **-зор** сохта шудааст).

3. Таркиби калимаро бо калимаҳои ҳамреша муқоиса кардан (гулзор – гулдон, гулистон, гулшан, гулфом).

4. Аз чӣ таркиб ёфтани асосро муайян кардан (аз гулзор) : гулзор и бобоям.

**Машқи 121.** Ба калимаҳо таваҷҷӯҳ намоед. Калимаҳои сохтаро муайян карда, ба дафтаратон нависед. Онҳоро аз ҷиҳати таркиб таҳлили хаттӣ кунед.

Сабз, сабзӣ, ангур, қаламдон, анҷир, пахтанок, Моҳ, ҳамсар, нодонӣ, бехобӣ.

**Машқи 122.** Калимаҳои зеринро аз ҷиҳати таркиб ва калимасозӣ таҳлил кунед.

Бераҳмона, хирадмандӣ, бетоқатона, сиёҳдонча, бардавом.

**Машқи 123.** Аз калимаҳои мураккаб, таркибӣ ва ихтисораҳо истифода бурда, дар мавзӯи «Таътили зимистона» иншо нависед.

### Савол ва супоришҳо:

1. Чӣ гуна калимаҳоро калимаҳои решагӣ мегӯянд?
2. Кадом калимаҳо ба калимаҳои ҳамреша мансубанд? Мисол гӯед.
3. Калимаҳо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешаванд?
4. Таърифи калимаи соддаро гӯед. Мисол гӯед.
5. Кадом калимаҳо сохтаанд? Бо мисолҳо фаҳмонед.
6. Калимаи мураккаб чист?
7. Фарқи калимаҳои мураккабро аз калимаҳои сохта гӯед. Мисол гӯед.
8. Чӣ гуна калимаҳо калимаҳои таркибианд? Бо мисолҳо фаҳмонед.
9. Ихтисора чист? Мисол гӯед.
10. Калимасозии сарфӣ чист? Бо мисолҳо фаҳмонед.
11. Кадом навъи калимаҳо бо роҳи пайванди решаҳо сохта мешаванд? Мисол гӯед.
12. Дар бораи калимаҳои мураккаби пайваст чиҳоро медонед? Мисол гӯед.
13. Калимаҳои мураккаби тобеъ чӣ гуна калимаҳоанд? Мисол гӯед.
14. Дар бораи таҳлили таркиби калима чиҳоро медонед? Мисол гӯед.
15. Дар хусуси таҳлили калимасозӣ фикратонро гӯед. Бо мисолҳо фаҳмонед.

## САРФ ВА ИМЛО

**Сарф** як бахши дастури забон буда, тағйирёбии калимаҳо, ҳиссаҳои нутқ, восита ва тарзҳои сохта шудани шаклҳои гуногуни калимаҳоро меомӯзад.

**Имло** қоидаҳои дуруст навиштани калимаҳо ва шаклҳои дастуриро меомӯзад.

# ИСМ ВА СОХТИ ОН

## § 28. ТАКРОРИ ДАРСҲОИ ГУЗАШТА

### Ба саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Исм чист?
2. Кадом хелҳои исмро медонед?
3. Дар бораи исмҳои шахсу ғайришахс, хосу ҷинс, ҷондору беҷон чиҳоро медонед?
4. Фарқи исми номуайян аз муайян дар чист?
5. Кадом воситаҳои дастурии ифодаи номуайяниро медонед?
6. Фарқи исми ҷамъ аз исми танҳо дар чист?
7. Кадом аломатҳои дастурии исми ҷамъро медонед?
8. Дар бораи имлои исми хос чӣ медонед?

**Машқи 125.** Ба исмҳо зеҳн монед. Онҳоро ба хелҳо (хосу ҷинс, шахсу ғайришахс ва ҷондору беҷон) ҷудо карда нависед.

Шер, моҳӣ, малах, зоғ, омӯзгор, заргар, олим, шоир, Далер, Фаррух, Тошканд, Сир, нок, хок, оташ.

**Машқи 126.** Мисолҳоро хонед. Исмҳои номуайянро ба дафтаратон нависед ва воситаҳои дастурии ифодаи номуайяниро нишон диҳед.

1. Як деҳқон буд, вай ҳар сол гандум мекошт. 2. Як соле гандумаш сабзида майса шуда буд, ки хирсе меомадагӣ шуд. 3. Рӯзе як шағоли гурусна дар ҷустуҷӯи хӯрок ба назди қишлоқ омаду ногоҳ чашмаш ба таги дарахте афтод *(аз «Афсонаҳои халқии тоҷикӣ)*. 4. Ягон гуноҳ надошта бошанд, барои чӣ онҳоро баровварда сар мезананд? *(Ҷ.Икромӣ)*.

5. Гумон кардӣ сипоҳе аз дили дашт,
Пас аз ҷанге ба лашкаргоҳ баргашт.

*Мирзо Турсунзода*

**Машқи 127.** Мисолҳоро нависед. Ба зери исмҳои дар шумораи ҷамъ омада хат кашед. Воситаи дастурии ифодаи шумораи ҷамъро муайян карда, шарҳ диҳед.

1. Чарогоҳҳояшон ҳам бо рамаҳо ва галаҳо пур буда, беҳтарин аспҳо, хачирҳо, гӯсфандҳо ва дигар ҳайвоноти хонагӣ дар ин ҷоҳо мерасиданд *(С.Айнӣ)*. 2. Дар таги қалъа ва дар наздикиҳои он хонаҳои баъзе давлатмандон, аммо бештар хонаҳои аҳли савдо ва касаба: баққолон, қассобон, мисгарон, қадоқчиён, бофандагон, дуредгарон воқеъ шуда буданд *(С.Улуғзода)*.

3. Карк ин сухан зи фил шуниду қадам ниҳод,
Сар то ба пой чину гиреҳ карда абрӯвон.

*Сайидои Насафӣ*

## § 29. ИСМИ ЗОТ ВА МАЪНӢ

• Ба исмҳои сутунҳо таваҷҷӯҳ намоед. Фарқи исмҳои сутунҳоро аз ҷиҳати ифодаи предметҳо муайян кунед. Гӯед, ки исмҳои кадом сутун предметҳои ҷисмдорро ифода кардаанд.

| | |
|---|---|
| 1. Санг, рег, хок, дарахт, анор | 1. Бориш, сабзиш, илм, фикр, ақл |
| 2. Омӯзгор, коргар, асп, мусича | 2. Некӣ, бадӣ, тезӣ, оромӣ, ростӣ |

Предметҳоро аз ҷиҳати ҷисм доштан ё надоштанашон ба гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст. Предметҳое, ки ҷисм доранд, дар фазо ҷоеро ишғол мекунанд. Онҳоро дидан, бӯйидан, чашидан, палмосидан мумкин аст.

**Исмҳое, ки предметҳои ҷисмдорро ифода мекунанд, *исми зот* ном доранд:** чӯб, кулӯх, об, садбарг, анҷир, тилло, гов, заргар...

Предметҳое, ки ҷисман вуҷуд надоранд, танҳо дар тасаввури мо ҷой доранд. Онҳоро бо ақл мешиносем, ҳис мекунем.

**Исмҳое, ки предметҳои ҷисман вуҷуднадоштаро мефаҳмонанд, *исми маънӣ* ном доранд.** Исми маънӣ номи аломат, ҳолат, ҳаракат ва ё ягон мафҳуми умумиро ифода мекунад: хирад, воқеа, сустӣ, ҳушёрӣ, ҷустуҷӯ, дамгирӣ, далерӣ, танбалӣ, гуруснагӣ...

### *Шарҳи луғат:*

**Зот** – ҷисм

**Машқи 128.** Ба исмҳо зеҳн монда, аввал исми зот, баъд исми маъниро нависед.

Илм, пахта, себ, дониш, омӯзиш, талаба, наългар, гӯсфанд, суҳбат, ташвиш, шодӣ, маърифат, барака, мароқ, хона, зоғ, мӯрча, гамбуск.

**Машқи 129.** Зарбулмасалҳоро хонед ва мавриди истеъмоли онҳоро гӯед. Исмҳои маъниро ёфта, ба дафтаратон нависед.

Шунидан кай бувад монанди дидан? Дониш аз хониш мешавад. Аклҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад. Пушаймонӣ суд надорад. Дар таъхир офатҳост.

**Машқи 130.** Мисолҳоро нависед. Исмҳои маъниро ёфта ба зерашон хат кашед. Онҳоро маънидод кунед.

1. Ҳама кори ту аз хирад дур ва аз якдигар бадтар аст. *(С.Улуғзода)*. 2. Шодию сарфарозии вай ҳадду поён надошт *(Р.Ҳошим)*. 3. Бо ин тундхӯӣ ва кӯтоҳандешӣ ту шоистаи подшоҳӣ нестӣ *(С.Улуғзода)*.

4. Инаш аҷиб омад, ки зи чӯбаву зи оҳан,
Ин тундиву ин тезиву парриш зи куҷо хост.

*Носири Хусрав*

5. Нерӯмандӣ ва пирӯзии ман атои Яздонист

*С.Улуғзода*

**Машқи 131.** Бо исмҳои маънӣ аввал ибора, баъд ҷумла тартиб диҳед.

Бадӣ, ҳушёрӣ, муаллимӣ, завқ, далерӣ, фикр, ақл, раҳм, некӣ, дониш.

## § 30. ИСМИ ҶОМЕЪ

• Ба шакл ва маънии исмҳои дар сутунҳо овардашуда зеҳн монед. Гӯед, ки исмҳои сутуни дуюм аз исмҳои сутуни якум аз кадом ҷиҳат фарқ мекунанд?

1. Ақл, зиштӣ, сармо, зиндагӣ
2. Гулҳо, кӯҳҳо, одамон, дарахтон

1. Мардум, лашкар, гурӯҳ, халқ
2. Гала, рама, села, пода

Дар захираи луғавии забон калимаҳое мавҷуданд, ки маҷмӯи предметҳои ҳамҷинси якхеларо дар шакли танҳо ифода менамоянд. Масалан, калимаи «рама» шаклан танҳо аст, вале маҷмӯи гӯсфандонро, яъне предмети ҳамҷинси якхеларо ифода менамояд: рамаи гӯсфандон. Монанди ҳамин калимаи «села» низ шаклан танҳост, вале маҷмӯи предметҳои ҳамҷинси якхела гурӯҳи калони моҳиён ё паррандагонро ифода менамояд: селаи моҳиён, селаи гунҷишкон, селаи кабӯтарон. Ин гуна калимаҳо ба исми ҷомеъ мансубанд.

**Калимае, ки дар шакли танҳо ба предметҳои зиёди якҷинса далолат мекунад, *исми ҷомеъ* ном дорад.**

**Машқи 132**. Ба исмҳои зерин таваҷҷӯҳ намуда, ба хелҳо ҷудо кунед. Исмҳои ҷомеъро муайян намуда, бо онҳо ибора созед:

***Н а м у н а: халқ — халқи тоҷик***

Халқ, деҳқон, Рустам, Моҳ, гӯсфанд, санг, гӯшт, қавм, мардум, сармо, пода, гала, қабила, оҳан, кох, аҳолӣ, дафтар, қалам, қоғаз, ришта, гурӯҳ, асп, хачир, гов, сипоҳ, лашкар, сафед, сиёҳ, рафт, инсоният, об.

**Машқи 133.** Ҷумлаҳоро навишта, исмҳои ҷомеъро муайян кунед. Ба зери онҳо хат кашед ва шарҳ диҳед.

1. На танҳо дар гӯшаву канори Хуросон, балки аз Мовароуннаҳру Туркистон, Ироқу Рум ҳам мардум ба даргоҳи Абдураҳмони Ҷомӣ рӯ меоварданд *(Аълохон Афсаҳзод)*. 2. Ҳамин вақт дар майдони пеши қаср халқи ситамдида ҷамъ омада, аз дасти шоҳи аждаҳобардӯш дод мегуфтанд, ғавғо мекарданд *(С. Улуғзода)*.

**Машқи 134.** Бо исмҳои ҷомеъ аввал ибора, баъд ҷумла тартиб диҳед.

***Намуна: гала — галаи аспон. Галаи аспон дар марғзор мечарид.***

Издиҳом, аҳолӣ, пода, гурӯҳ, села, қабила, халқ.

## § 31. КАЛИМАСОЗИИ ИСМ

Дар забони ҳозираи тоҷик исмҳо бо роҳҳои гуногуни калимасозӣ сохта мешаванд:

1. Ба воситаи пасванд: намак–намак**дон**, гарм–гарм**ӣ**, панҷ–панҷ**а**, хомӯш–хомӯш**ак**, иғво – иғво**гар**, талаб–талаб**гор**.

2. Ба воситаи пешванд: ном–**ҳам**ном, сол–**ҳам**сол, суҳбат–**ҳам**суҳбат.

3. Ба воситаи пешванду пасвандҳо: **ҳам**шир**а**, **ҳам**касаб**а**, **ҳам**кор**ӣ**, **ҳам**нишин**ӣ**.

4. Бо роҳи пайванди решаҳо: ошхона, аробакаш, гулдаста, гуфтугӯ, даводав.

Дар сохтани исмҳо пасвандҳои **-чӣ, -гар, -гор, -бон, -гоҳ, -зор, -истон, -дон, -а, -ак, -ча, -ӣ (-гӣ), -гарӣ, -иш, -ор** ва монанди инҳо иштирок менамоянд. Ин пасвандҳо ба калимаҳои решагӣ ҳамроҳ шуда, маънои калимаҳоро тағйир медиҳанд. Тағйирёбии маънои калимаҳо ба навъи пасвандҳо марбут аст. Масалан, пасванди **-чӣ** исмҳои ифодакунандаи касби шахс, вале пасванди **-а** исмҳои ифодагари номи предметро месозанд.

**Машқи 135.** Ба исмҳо зеҳн монед. Исмҳои бо воситаи пасвандҳо сохташударо муайян намоед. Онҳоро ба дафтаратон нависед ва шарҳ диҳед.

Нақорачӣ, ҳамқадам, меҳмонхона, мироб, ҷодугар, харидор, галабон, мададгор, пурсупос, гурезогурез, сафарнома, ҳамсинф, оташдон, гулдон, лолазор, оромгоҳ, кӯҳистон, одамгарӣ, хоҳиш, олуча, остинча.

**Машқи 136.** Ҷумлаҳоро хонда, исмҳои бо пасвандҳо сохташударо муайян кунед. Онҳоро ба дафтаратон нависед ва шарҳ диҳед.

1. Он саллакалони шариатчӣ кӣ буд? *(С.Айнӣ)*. 2. Азизхон мактабашро тамом кард, ба ту хостгор мефиристонам *(С.Улуғзода)*. 3. Ман туро дар чинак дар муддати ҳамин ду моҳ ё чор бор дидам ё панҷ бор *(С.Айнӣ)*. 4. Латофат ба укачааш як дунё бозичаҳо харид *(Б.Ортиқов)*. 5. Он ҷо манзилгоҳи як чӯпон будааст *(С.Улуғзода)*. 6. Моҳ гирифта олам торикистон шудааст *(А.Деҳотӣ)*. 7. Ҷои ту шӯраю регзор, ба боғу чаман туро чӣ кор? *(С.Улуғзода)*.

**Машқи 137.** Аз калимаҳои решагии зерин бо воситаи пасвандҳо исм созед.

Аъло, оҳан, хизмат, соя, сӯхт, гӯш, сӯзан, хомӯш, мӯр, гулӯ, дарахт, гӯр, намак, дӯст, одам, шӯр, рафт.

## § 32. ПАСВАНДҲОИ -ЧӢ, -ГАР, -ГОР

• Ба калимаҳои сутунҳо зеҳн монед. Калимаҳои сутуни дуюм аз калимаҳои сутуни якум чӣ фарқ доранд? Гӯед, ки калимаҳои сутуни дуюм аз кадом ҷиҳат ба ҳам наздиканд.

| | |
|---|---|
| 1. Карнай, шикор, ҳисоб, трактор | 1. Карнайчӣ, шикорчӣ, ҳисобчӣ, тракторчӣ |
| 2. Оҳан, наъл, зар, кӯза, мис | 2. Оҳангар, наългар, заргар, кӯзагар, мисгар |
| 3. Омӯз, хизмат, мадад, хост | 3. Омӯзгор, хизматгор, мададгор, хостгор |

Пасвандҳои **-чӣ, -гар, -гор** исмҳое месозанд, ки онҳо номи касбу пеша, амалиёту машғулиятро ифода менамоянд: тӯпчӣ, сурнайчӣ, сӯзангар, наългар, омӯзгор, хизматгор.

Исмҳое, ки бо пасванди **«-чӣ»** сохта шудаанд, бо **«и»**-и заданок **(ӣ)** навишта мешаванд: робитачӣ, хизматчӣ, назоратчӣ.

**Машқи 138.** Ба калимаҳои зерин пасванди **-чӣ** илова карда нависед ва имлои онро фаҳмонед:

Аъло, чинак, рубоб, дойра, иқтисод, ҳисоб.

**Машқи 139.** Ҷумлаҳоро нависед. Ба зери исмҳои бо пасвандҳои **-чӣ, -гар, -гор** сохташуда хат кашед. Онҳоро шарҳ диҳед.

1. Ошӯбгарон хонаро иҳота карданд *(Р.Ҷалил)*. 2. ...барои пешвоз гирифтани кӯмакчиён пеш давид *(С.Айнӣ)*. 3. Баъд ба оҳангар шогирд шудам... *(Ҷ.Икромӣ)*. 4. Одамҳои нағзро қаҳт назадааст, ба ман ягонта мададгор ёфт шуда мемондагист *(С.Улуғзода)*.

**Машқи 140.** Ба калимаҳои зерин пасванди **-гар** илова карда, исм созед. Бо исмҳои сохтаатон ибора тартиб диҳед.

Савдо, зар, истило, ҳила, тороҷ, фиреб, ситам.

## § 33. ПАСВАНДҲОИ -ГОҲ, -ЗОР, -ИСТОН, -ДОН

• Исмҳои ин ду сутунро аз ҷиҳати ифодаи маънӣ муқоиса карда гӯед, ки исмҳои сутуни дуюм бо илова гаштани кадом пасвандҳо тағйири маъно кардаанд. Фарқи маъноии исмҳои сутунҳоро муайян кунед.

| | |
|---|---|
| 1. Хоб, лашкар, омӯзиш, гулӯ | 1. Хобгоҳ, лашкаргоҳ, омӯзишгоҳ, гулӯгоҳ |
| 2. Ток, алаф, лола, шӯра | 2. Токзор, алафзор, лолазор, шӯразор |
| 3. Гул, най, кӯҳ, боғ | 3. Гулистон, найистон, кӯҳистон, боғистон |
| 4. Оташ, намак, каҳ, қанд | 4. Оташдон, намакдон, каҳдон, қанддон |

Дар забони тоҷикӣ бо воситаи пасвандҳо исмҳое сохта мешаванд, ки онҳо макон ва фаровонии предметҳоро ифода мекунанд. Барои сохтани ин гуна исмҳо пасвандҳои **-гоҳ, -зор, -истон, -дон** истифода мешаванд. Масалан, калимаи «гул» ғунчаи шукуфтаи гиёҳу дарахтонро мефаҳмонад, «гулзор» бошад, фаровон – хеле бисёр будани гулҳо, вале «гулистон» ҷой, макони онҳоро ифода менамояд. Маълум мегардад, ки пасвандҳои **-зор** ва **-истон** исмҳое месозанд, ки онҳо макону фаровонии предметҳоро ифода мекунанд.

**Машқи 141.** Ба калимаҳои зерин пасвандҳои мувофиқ илова карда, исми макон созед:

Ҷаро, беша, арча, ӯзбек, тоҷик, гул, хум, маҷлис, истиқомат, сабза, рег, санг, нон, шамъ, камин, қарор, пахта, дарахт, араб, қалам.

**Машқи 142.** Ба ҷойи нуқтаҳо аз пасвандҳои -зор, -истон, гоҳ, -дон мувофиқашро гузошта нависед. Калимаҳои пасванд иловакардаатонро шарҳ диҳед.

1. Мо ба бозор ... рафтем *(С.Улуғзода)*. 2. Баъд аз он ҳар тарафи даштҳо, кӯлҳо, най...ҳо ва пахта...ҳоро аз як сар кофтуков кардааст *(С.Айнӣ)*. 3. Моҳ гирифта, олам торик... шудааст *(А.Деҳотӣ)*.

4. Ниҳоданд дар паҳлӯи меҳмон,
Ба ҷои тунук суфрае шамъ...

*Сайидои Насафӣ*

**Машқи 143.** Исмҳоро хонед. Исмҳои пасванддорро муайян карда, шарҳ диҳед:

Дастгоҳ, хандазор, бемористон, шаҳристон, хонадон, сухандон, кордон, бозор, пойгоҳ, бордон.

## § 34. ПАСВАНДҲОИ -А, -АК

• Исмҳои ҳар ду сутунро аз ҷиҳати ифодаи маънӣ муқоиса кунед. Гӯед, ки исмҳои сутуни дуюм бо илова шудани кадом пасвандҳо тағйири маъно кардаанд. Фарқи маъноии исмҳои сутунҳоро муайян кунед.

| | |
|---|---|
| 1. Забон, чашм, овоз, димоғ | 1. Забона, чашма, овоза, димоға |
| 2. Даст, гӯш, гавҳар, пӯст | 2. Дастак, гӯшак, гавҳарак, пӯстак |

Номи як миқдор предметҳо бо воситаи калимаҳои решагӣ ифода гаштааст: гӯш, чашм, даст, рӯй, сӯзан, нохун, овоз....

Номи ҳамаи предметҳоро бо калимаҳои решагӣ ифода кардан мумкин намегардад. Аз ин рӯ, дар забони тоҷикӣ бо воситаи пасвандҳои **-а** ва **-ак** низ аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ номи предметҳои ҷондору беҷон сохта шудаанд: даста, панҷа, шақшақа, айнак, чирчирак, хомӯшак.

**Машқи 144.** Ба ҷуфтҳои калимаҳои зерин таваҷҷӯҳ карда, фарқи маъноии онҳоро муайян кунед. Гӯед, ки бо иловаи пасванди **-а** исмҳо чиро ифода намудаанд:

Чашм–чашма, даст–даста, пой–поя, дандон–дандона, забон–забона, пушт–пушта, панҷ–панҷа, ҳафт–ҳафта, банд–банда, гурез–гуреза, мол–мола, кӯб–кӯба, овез–овеза, тарош–тароша.

**Машқи 145.** Фарқи маъноии ҷуфти калимаҳои зеринро муайян намоед. Гӯед, ки ин исмҳо тавассути пасванди **-ак** чиро ифода кардаанд:

Хар–харак, гӯш–гӯшак, даст–дастак, мардум–мардумак, гавҳар–гавҳарак, пӯст–пӯстак, шин–шинак, чин–чинак, забон–забонак, сӯзан–сӯзанак, хомӯш–хомӯшак, хориш–хоришак, кирм–кирмак.

**Машқи 146.** Аз калимаҳои зерин исми хос сохта, онҳоро нависед.

Нодир, назир, нигор, нигин, зариф, азиз, шоир, олим, озод, шариф, ҳалим, санг, пир, амин.

**Машқи 147.** Мисолҳоро навишта, ба зери исмҳои тавассути пасвандҳои **-а** ва **-ак** сохташуда хат кашед. Онҳоро аз ҷиҳати сохт ва маънӣ шарҳ диҳед.

1. Дар гирди қабр сабза ва шукуфаҳо мешинонанд *(С.Улуғзода)*. 2. Ба болои бинӣ ва рӯю пешонаи ин духтарча ду-се нағзак бошад ҳам, ин ба ҳусн ва зебоии ӯ ҳеҷ зарар намерасонид *(С. Айнӣ)*. 3. Манзура занҳои маҳалларо ғун карда кирмак доронданӣ шудааст *(С.Улуғзода)*.

4. Партави рӯи ту ҷаҳоне сӯхт,
Назада оташе забона ҳанӯз.

*Камоли Хуҷандӣ*

## § 35. ПАСВАНДҲОИ -ЧА, -АК

• Ба исмҳои сутунҳо таваҷҷӯҳ намоед. Гӯед, ки дар кадом сутун пасвандҳои **-ча** ва **-ак** шаклсозанд. Онҳо ба исмҳо чӣ гуна тобишҳои маъноӣ бахшидаанд.

| | |
|---|---|
| 1. Бозича, зоғча, остинча, олуча | 1. Чароғча, дарёча, дегча, кордча, хонача |
| 2. Ғалтак, гаштак, ҳуштак | 2. Писарак, гунҷишкак, боронак, мӯрчаяк |

Дар боби исм баъзе пасвандҳо ҳамчун пасвандҳои шаклсоз маълуманд. Масалан, пасванди **-ча** ба исмҳои решагӣ (содда) илова гашта, ба маънои аслии онҳо тобиши маънoии хурдӣ медиҳад: китоб–китобча, лаълӣ–лаълича, писар–писарча.

Монанди ҳамин, пасванди исмсози **-ак (-як)** ба баъзе исмҳо ҳамроҳ шуда, ба маънии аслии онҳо тобиши навозиш мебахшад: духтар–духтарак, мурғ–мурғак, набераяк, боронак, тӯтияк.

Истисно: пасванди **-ча** ба баъзе калимаҳо илова гашта, монанди пасванди **-ак** исми нав месозад: гармӣ–гармича, ширин– ширинча, ало–алоча, най–найча.

**Машқи 148.** Ба исмҳои зерин зеҳн монда, дар кадом исмҳо шаклсоз будани пасвандҳои **-«ча»** ва **-«ак»**-ро муайян кунед. Онҳоро ба дафтаратон навишта шарҳ диҳед.

Бандак, гулак, қарсак, шаҳрча, табақча, мӯрча, олуча, кӯрпача, хоришак, таррак, каҷак, хомӯшак, духтарак, занак, мардак, китобак, Офтобак, ҳавлича, бомча, майдонча, қаламча.

**Машқи 149.** Мисолҳоро нависед. Исмҳои пасванди **-ча** доштаро муайян карда ба зерашон хат кашед. Гӯед, ки дар онҳо пасванди **-ча** шаклсоз аст ё исмсоз. Ин исмҳоро аз ҷиҳати маънӣ шарҳ диҳед.

1. Мӯйсафед ба сари оташдон рафта, аз як дегча ба деги дигар бо обгардонча шарбат гузаронида меистод ва бо белчаи кафгирмонанди сафед кардашуда даруни дегчаҳоро мекофт *(С.Айнӣ)*. 2. Дар тарафи шарқии рӯйи ҳавлӣ, дар паҳлӯи мадон як хоначаи пешайвондор буд... *(С.Айнӣ)*. 3. Ин меҳмонон монанди одамони маҳаллӣ таомро бо даст нахӯрда, бо корд бурида бо чангча гирифта мехӯранд *(С.Айнӣ)*.

4. Себу зардолу, олучаву амруду ҳулу,
Боз анҷири вазирию хиёри хушхор.

*Абӯисҳоқи Атъима*

5. Ба баргҳои ин шафтолу ширинча рехтааст.

### *Шарҳи луғат:*

**Амруд** – муруд
**Ҳулу** – шафтолуи луччак
**Хиёр** – бодиринг

**Машқи 150.** Ба исмҳои зерин пасвандҳои **-ча, -ак (-як)** ҳамроҳ карда нависед. Онҳоро аз ҷиҳати маънӣ шарҳ диҳед.

Корд, ток, дег, писар, духтар, суфа, чӯб, тиреза, майдон, набера, гилем.

**Машқи 151.** Маънои исмҳои зеринро шарҳ дода, вазифаи пасвандҳои **-«ча»** ва **-«ак»**- ро гӯед:

| | | |
|---|---|---|
| гӯш | гӯшча | гӯшак |
| даст | дастча | дастак |
| банд | бандча | бандак |
| сӯзан | сӯзанча | сӯзанак |
| барг | баргча | баргак |

## § 36. ПАСВАНДҲОИ -И (-ГӢ), -ГАРӢ, -ИШ, -ОР

• Ба исмҳои ин сутунҳо зеҳн монда, исмҳои зот ва маъниро муайян кунед. Гӯед, ки дар кадом сутун исмҳои маънӣ оварда шудаанд. Онҳо бо кадом пасвандҳо сохта шудаанд.

| | |
|---|---|
| 1. Модар, ҳамшира, омӯзгор, деҳқон | 1. Деҳқонӣ, бародарӣ, душманӣ, гуруснагӣ, қозигӣ |
| 2. Асп, гӯсола, хачир, гӯсфанд, буз | 2. Одамгарӣ, навигарӣ, боронгарӣ, калонгарӣ |
| 3. Мусича, булбул, бедона, майна, зоғ | 3. Хониш, дониш, осоиш, навозиш, нолиш |
| 4. Хок, санг, об, чӯб, девор, календ | 4. Рафтор, гуфтор, гирифтор, сӯхтор |

Дар забони тоҷикӣ барои ифодаи номи предметҳои беҷисм исмҳои маънӣ истифода мешаванд. Исмҳои маънӣ бо воситаи як миқдор пасвандҳо сохта мешаванд.

Пасвандҳои **-ӣ (-гӣ), -гарӣ, -иш, -ор** аз ҷумлаи пасвандҳоеанд, ки исми маънӣ месозанд. Пасвандҳои **-ӣ (-гӣ), -гарӣ, -иш,-ор** исмҳое месозанд, ки бештар номи ало-

мат (тезӣ, далерӣ, ҷавонӣ), хислат (одамгарӣ, калонгарӣ) ва амал (гуфтор, кӯшиш)-ро ифода менамоянд.

Исмҳое, ки пасвандҳои **-ӣ (-гӣ), -гарӣ** доранд, бо **«и»**-и заданок (ӣ) навишта мешаванд: косибӣ, зардӯзӣ, коргарӣ, савдогарӣ.

**Машқи 152.** Ба калимаҳои зерин пасванди **-ӣ (-гӣ)** илова намуда, исм созед. Онҳоро аз ҷиҳати маънӣ шарҳ диҳед:

Гарм, хунук, ташна, шӯх, суст, ҷавон, камхоб, ҳамсоя, ҷӯра, пазанда, дӯст, боақл, бераҳм, доно, тайёр, сураткаш, боғдор, дӯзанда, душман, пир, мард.

**Машқи 153.** Ба калимаҳои зерин пасванди **-гарӣ** илова карда, исм созед. Исмҳои сохтаатонро аз ҷиҳати маънӣ шарҳ диҳед.

Ваҳшӣ, хешӣ, мардӣ, силоҳӣ, зӯрӣ, самарқандӣ, борон, одам, истода.

**Машқи 154.** Ба калимаҳои зерин пасвандҳои **-иш** ва **-ор** ҳамроҳ карда, исм созед. Исмҳои сохтаатонро шарҳ диҳед:

Сабз, бор, бахш, хон, рафт, гуфт, сӯхт, навоз, тарк, хор, сӯз, гирифт, харид, параст, дид, кушт, пайдо.

**Машқи 155.** Мисолҳоро нависед. Ба зери исмҳое, ки **-ӣ (-гӣ), -гарӣ, -иш, -ор** доранд, хат кашида, шарҳ диҳед.

1. Агар марди мардон бимирад ё ягон кори хилофи мардӣ карда, аз миёна ронда шавад, аз тайёрон якеро, ки дар мардӣ мумтоз, дар зӯрӣ беҳамто, ба дуздӣ ва шӯрапуштӣ туҳматзада нашуда бошад, интихоб мекарданд *(С.Айнӣ)*. 2. Дар баробари мардонагию диловарии онҳо густохии ман ҳеҷ аст *(С.Улуғзода)*. 3. Канӣ, ҳавлии наве, ки калонигарӣ карда ваъда карда будед? *(Ҷ.Икромӣ)*. 4. Фитнаву шӯриши Баҳром аз ҷон гузаронд *(А.Деҳотӣ)*. 5. Кӯбиши дар ҳанӯз давом ме-

кард *(С.Айнӣ)*. 6. Акнун вай рафтор ва кирдори бойро ба зери чашм гирифт *(Ҷ.Икромӣ)*.

## § 37. ПЕШВАНДИ ҲАМ-

• Ба калимаҳои ишоратшудаи сутунҳо таваҷҷӯҳ кунед. Онҳоро бо ҳам муқоиса карда, фарқи маъноиашонро гӯед.

1. Порсол Хуршеда ҳам бо мо сафар кард
2. Аъзам ҳам касби падарашро интихоб кардааст
3. Ман ҳам бо ӯ суҳбат кардам

1. Ин дафъа ӯ бе ҳамсафар рафт
2. Акнун падару писар ҳамкасбанд
3. Бо Камол ҳамсуҳбат шудам

Бо пешвандҳо сохта шудани исмҳо ба забони тоҷикӣ хос нест. Дар забони адабии тоҷик танҳо бо як пешванд **(ҳам-)** сохта шудани исмҳо дида мешавад.

Пешванди **ҳам-** ба исмҳо илова гашта, исмҳое месозад, ки ба исми шахс мансубанд. Ин пешванд ба чизе ё коре ҳамроҳ буданро ифода менамояд: ҳамкор, ҳамроз, ҳамсуҳбат, ҳамгап...

**Машқи 156.** Ба исмҳои зерин пешванди **ҳам-** илова намуда, исм созед. Исмҳои сохтаатонро шарҳ диҳед.

Табақ, сабақ, фикр, ном, сафар, шаҳр, син, гап, дам, дард, аср, касб, кор, ҷинс, сарҳад.

**Машқи 157.** Бо калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед. Гӯед, ки ин калимаҳо чиро ифода мекунанд.

Ҳамнишин, ҳамсинф, ҳамаср, ҳамном, ҳамкасб, ҳамсарҳад, ҳамсабақ, ҳамсоя, ҳамхона.

**Машқи 158.** Ҷумлаҳоро навишта, ба зери исмҳои бо пешванди **ҳам-** сохташуда хат кашед. Исмҳои ишоракардаатонро шарҳ диҳед.

1. Ҳар гоҳ ки модарам хӯрок мепухт, ман аз он хӯрок як коса ба ҳамқишлоқиёни худ бурда медодам *(С.Улуғзода)*. 2. Инро шунида, оҳиста-оҳиста ба хонаи

ҳамсоя гузаштам. 3. Аммо ҳамсӯҳбати ман бо суханҳои зеринаш маро як дараҷа ба кори худ шинос кард *(С.Айнӣ)*. 4. Чӣ тавр канизаки ман бо шумо ҳамгапу ҳамроз шуда мондааст? *(С.Улуғзода)*. 5. Бегоҳии ҳамон рӯз дар хонаи Ғуломалии адрасбоф ҳашт нафар ҳампеша ва ҳамкасбҳои вай ҷамъ шуда, чой нӯшида... менишастанд *(Ҷ.Икромӣ)*.

## СОХТИ ИСМҲО

Исмҳо аз ҷиҳати сохт **сода, сохта, мураккаб** ва **таркибӣ** мешаванд.

**Исмҳое, ки ба ҷузъҳо ҷудо намешаванд, *исми сода* мебошанд:** об, чӯб, китоб, санг, гов, дил, даст, гул.

**Исмҳое, ки бо воситаи пешванду пасвандҳо аз калимаҳои решагӣ сохта шудаанд, исми сохта меноманд:** ҳамроҳ ҳамном, гулдон, коргар, кӯҳсор, арчазор, гӯристон.

**Исмҳое, ки аз пайванди ду ва ё зиёда калимаҳо сохта шудаанд, исми мураккаб ном доранд:** гилкор, хасрӯба, садбарг, сарутан, гирдогирд, гулдаста, пахтакорӣ, оташгирак, ҳамнишин.

**Исмҳое, ки аз ду ва зиёда калимаҳои ҷудогона барои ифодаи мафҳуми умумӣ таркиб ёфтаанд, *исмҳои таркибӣ* ном доранд:** «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, Ташкилоти иттиҳодияи байналмилалӣ.

## § 38. ИСМҲОИ МУРАККАБ

• Ба исмҳои дар сутунҳо овардашуда зеҳн монда, сохти онҳоро муайян кунед. Исмҳои сутуни дуюмро шарҳ диҳед.

1. Кӯча, девор, бом, хок, чӯб
2. Тароша, ҳамкор, гулзор, бордон
3. Вахши Боло, механики ронанда

1. Рангубор, кофтуков, гуфтугӯ, сарупо
2. Давoдав, гирдогирд, занозан, моломол
3. Мироб, обрӯй, тангкӯча, гулғунча

Яке аз воситаҳо ва тарзҳои асосии калимасозии исм бо роҳи пайванди калимаҳо сохтани исмҳо мебошад. Бо ин роҳ исмҳои мураккаб сохта мешаванд. Исмҳои мураккаб аз пайванди ду ва зиёда калимаҳо ташкил ёбанд ҳам, аз ҷиҳати ифодаи маънӣ як воҳиди луғавии забонро ташкил медиҳанд. Масалан, калимаи «ошхона» аз пайванди калимаҳои решагии «ош» ва «хона» ташкил ёфтааст. Ҷузъҳои «ошхона» ҳар кадом ба сари худ дорои маънии ҷудогона («ош» – таом, «хона» – утоқ) бошанд ҳам, «ошхона» маънии ягона утоқи таомпазиро ифода мекунад.

Исмҳои мураккабро аз ҷиҳати алоқаи байни ҷузъҳояшон ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: исмҳои мураккаби навъи пайваст ва исмҳои мураккаби навъи тобеъ.

**Машқи 159.** Сохти исмҳои зеринро муайян карда, исмҳои мураккабро ба дафтаратон нависед. Онҳоро аз ҷиҳати сохт ва маънӣ шарҳ диҳед.

Даст, ҳамтабақ, сӯзангар, равуо, ковоков, симхор, обанбор, хишт, хор, барг, шох, ҳашарчӣ, мисгар, талабгор, дандона, сангпушт, харак, сарнайза, росткӯча, пирамард, пиразан, раҳнамо, хобгоҳ, китобдор.

**Машқи 160.** Исмҳои мураккабе созед, ки калимаҳои **«об», «нома», «сар», «хона»** яке аз ҷузъҳои онҳо бошанд.

***Н а м у н а:***

| | | | |
|---|---|---|---|
| обрез | табрикнома | сармоя | устохона |
| обанбор | созишнома | сарчашма | корхона |

**Машқи 161.** Бо исмҳои мураккаби зерин ҷумла созед.

Сардухтур, пирамард, даводавӣ, шикастурехт, табобатхона.

**Машқи 162.** Панҷ исми мураккаб созед, ки дар таркиби онҳо калимаи **«чор»** бошад.

***Н а м у н а: чормағз***

## § 39. ИСМҲОИ МУРАККАБИ НАВЪИ ПАЙВАСТ

• Ба исмҳои мураккаби зерин таваҷҷӯҳ карда, муносибати ҷузъҳояшонро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо бо кадом роҳҳо сохта шудаанд.

1. Гап-гап, кӯч-кӯч, чақ-чақ, пичир-пичир, так-так, омад-омад, қар-қар;

2. Сарупо, сарутан, рангубор, обуранг, рӯбучин, пурсуков, додугирифт;

3. Даводав, занозан, кашокаш, гурезогурез, нӯшонӯш, моломол.

Исмҳои мураккаби навъи пайваст аз ду ҷузъ иборатанд. Ҷузъҳои ин навъи калимаҳои мураккаб баробарҳуқуқ, комилмаъно буда, яке дигареро шарҳу эзоҳ намедиҳанд. Онҳо тавассути алоқаи пайваст алоқаманд мешаванд. Масалан, ҷузъҳои калимаи мураккаби «омад–омад», ки аз такрори бевоситаи калимаи «омад» иборат аст, баробарҳуқуқ буда, яке дигареро эзоҳ намедиҳад, монанди ҳамин, ҷузъҳои шаклан гуногуни калимаи мураккаби «сайругашт», ки аз калимаи «сайр» ва «гашт» тавассути миёнванди **-у-** пайваст шудаанд, низ баробарҳуқуқанд ва яке дигареро эзоҳ намедиҳад.

Исмҳои мураккаби навъи пайваст асосан бо роҳҳои зерин сохта мешаванд:

1. Аз такрори бевоситаи калимаҳо: кӯч-кӯч, гап-гап, омад-омад, гурез-гурез, баромад-баромад, пичир-пичир.

2. Бо воситаи миёнвандҳои **-у-** ва **-о-**: шинухез, рӯбучин, пурсуков, даводав, моломол, гурезогурез, хайрухуш.

*Истисно:* Аз исмҳои, мураккаби навъи пайвасте, ки тавассути миёнванди **-о-** аз такрори айни як калима (даводав, занозан) сохта шудаанд, бо воситаи пасванди **-ӣ** исмҳои мураккаб сохта мешавад: занозанӣ, даводавӣ, duздодуздӣ, муромурӣ, сӯзосӯзӣ.

**Машқи 163.** Ба исмҳои мураккаб зеҳн монда, исмҳои мураккаби навъи пайвастро муайян кунед. Онҳоро ба

дафтаратон навишта, роҳҳои сохта шуданашонро нишон диҳед.

Чорпо, китобхона, гап-гап, сарутан, гирудор, равуо, кашокаш, найшакар, мурғобӣ, бодбарак, ак-ак, пичир-пичир, киштукор, нӯшонӯш, гармоба, лабханд, пахтакаш, тахтасанг, кӯч-кӯч, шустушӯ, раворав, гирдогирд.

**Машқи 164.** Ҷумлаҳоро нависед, исмҳои мураккаби ишоратшударо аз ҷиҳати имло шарҳ диҳед.

1. Зариф **сарулибоси** худро пӯшида, омодаи сафар шуд. 2. Баъди борони кӯтоҳмуддат **тирукамон** баромад. 3. Тамошобинон **давродаври** майдончаро иҳота карданд. 4. Тамошобинон дари арк, аҳли баҳр **гирдогирди** чуқуриро фаро гирифтанд. 5. **Омад-омади** ту маро дубора ҷавон кард. 6. **Дукур-дукури** аспҳо торафт наздик мешуд.

**Машқи 165.** Бо исмҳои мураккаби навъи пайвасти зерин ҷумла созед.

Омад-омад, гап-гап, хайрухуш, шустушӯй, даводав, моломол, занозанӣ.

## § 40. ИСМҲОИ МУРАККАБИ НАВЪИ ТОБЕЪ

• Ба алоқаи ҷузъҳои исмҳои мураккаби ин ду сутун таваҷҷӯҳ намоед. Гӯед, ки ҷузъҳои исмҳои мураккаби кадом сутун дар асоси алоқаи тобеъ корбаст шудаанд.

| | |
|---|---|
| 1. Сарутан, обуранг, ниgоҳубин | 1. Гулоб, чойхалта, тоҷикдухтар |
| 2. Кашокаш, гурезогурез, кӯчокӯч | 2. Чӯбдаст, соҳибхона, модаркалон |

Дар забони адабии тоҷик тарзи калимасозии исмҳои мураккаби навъи тобеъ яке аз роҳҳои асосии калимасозӣ ба шумор меравад. Дар ин навъи исмсозӣ ҷузъҳои исмҳои мураккаб баробарҳуқуқ нестанд, зеро ки яке дигареро

эзоҳ медиҳад. Аз ин рӯ, ҷузъи эзоҳдиҳанда ба ҷузъи асосӣ (эзоҳшаванда) тобеъ аст.

Ҷузъи эзоҳдиҳанда – тобеи ин гуна исмҳои мураккаб метавонад пеш аз ҷузъи асосӣ –эзоҳшаванда ояд, ё баъд аз он қарор гирад. Масалан, дар исми мураккаби навъи тобеи «осиёсанг» ҷузъи якум –осиё ба ҷузъи дуюм–санг тобеъ аст (санги осиё), вале дар исми мураккаби «соҳибхона», баръакс, ҷузъи дуюм –хона ба ҷузъи якум–соҳиб тобеъ шудааст (соҳиби хона).

Бо дарназардошти ин хусусият исмҳои мураккаби навъи тобеъ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: исмҳои мураккабе, ки ҷузъи дуюмашон асосӣ ва исмҳои мураккабе, ки ҷузъи якумашон асосӣ.

**Машқи 166.** Ба исмҳои мураккаб зеҳн монда, исмҳои мураккаби навъи тобеъро муайян кунед. Онҳоро ба дафтаратон навишта, аз ҷиҳати муносибати ҷузъҳояшон шарҳ диҳед.

Бандубаст, меҳмонхона, мироб, занозан, гап-гап, гулғунча, обрӯй, киштукор, гуфтугӯ, гурез-гурез, шабнам, модарарӯс, нӯшонӯш, кофтуков, ошхона, зардолу, сардаста, найшакар, шустушӯй, моломол, пирмард, мӯйсар, корхона.

**Машқи 167.** Исмҳои мураккаби навъи тобеъро аз рӯи муносибати ҷузъҳояшон ба гурӯҳҳо ҷудо кунед ва ба тартиби зерин нависед.

1. Исмҳои мураккаби тобее, ки ҷузъи якумашон ба ҷузъи дуюм тобеъ; 2. Исмҳои мураккаби тобее, ки ҷузъи дуюмашон ба ҷузъи якум тобеъ.

Намакоб, тахтасанг, мӯйлаб, пиразан, торикшаб, тангкӯча, гандумбирён, мурғобӣ, ҷавонмард, сиёҳхок, саркор, мироб, носкаду, лаълпора, миршаб, миршикор, хокистартӯда, сихкабоб, девонахона, сарҳавз, додарарӯс, калӯшкуҳна, яккабед, бобокалон.

**Машқи 168.** Алоқаи ҷузъҳои исмҳои мураккабро муайян намоед. Бо онҳо аввал ибора, баъд ҷумла тартиб диҳед.

Амакбача, ангиштсанг, пунбадона, соҳибкор, чорбоғ, душанбе.

**Машқи 169.** Ҷумлаҳоро нависед. Исмҳои мураккаби навъи тобеъро муайян карда, аз ҷиҳати алоқаи ҷузъҳояшон шарҳ диҳед.

1. Зудтар хез, боғ меравем, ман ба ту гунҷишкбача даст гирифта медиҳам *(С.Айнӣ)*. 2. Ман аз ин сухани сартарош огоҳӣ ёфта, ба сари Қорӣ-ишкамба бо диққат назар андохта будам *(С.Айнӣ)*. 3. Дар охири мунозира соҳибхона аҳли маҷлисро зиёфат кард *(С.Айнӣ)*. 4. Ман занҳои хоҳишмандро рӯйхат кардам *(С.Улуғзода)*. 5. Падарам маро аз ҷойхобам оғӯш карда, ҳаросон ба рӯи ҳавлӣ давид *(Ҳ.Ирфон)*.

## § 41. ИМЛОИ ИСМҲОИ МУРАККАБ

• Исмҳои мураккабро навишта, ба имлои онҳо таваҷҷӯҳ намоед.

1. Садбарг, гулдаста, гарданбанд, сарфармондеҳ, падарарӯс, нозуксанам;

2. Себарга, сепоя, чоркунҷа, навсозӣ, пешвозгирӣ, дудилагӣ, даводавӣ;

3. Гуфтушунид, рафтуомад, гирогир, даводав, хезохез, ҷустуҷӯй;

4. Мовароуннаҳр, маликушшуаро, дорулфунун, Равзат-ус-сафо, Ҳабиб-ус-сияр;

5. Гап-гап, омад-омад, кӯч-кӯч, пичир-пичир, қарқар, гулдур-гулдур.

Ҷузъҳои исмҳои мураккаби зерин якҷоя навишта мешаванд:

1. Исмҳои мураккабе, ки аз пайванди бевоситаи ду ва ё зиёда калимаҳо (решаҳо) сохта шудаанд: сарчашма, пирмард, аробакаш, сарфармондеҳ, сартарошхона.

2. Исмҳои мураккабе, ки ба воситаи пасвандҳои **-а, -ак, -ӣ (-гӣ)** сохта шудаанд: дуоба, чорчӯба, пойтоба, бодбарак, тортанак, ҷомашӯй, чормағзбозӣ, дилшикастагӣ.

3. Исмҳои мураккабе, ки тавассути миёнвандҳои **-у-** ва **-о-** сохта шудаанд: гуфтугӯ, додугирифт, задухӯрд, пурсупос, хайрухуш, кашокаш, гурезогурез.

Бо нимтире навишта мешавад:

1. Исмҳои мураккабе, ки ба воситаи артикли -ал корбаст шудаанд: Мусталаҳот-уш-шуаро, Ғиёс-ул-луғот, Сиҳоҳ-ул-фурс, Кашф-ул-луғат...

2. Исмҳои мураккабе, ки аз такрори калимаҳо сохта шудаанд, бо нимтире навишта мешаванд: гап-гап, гурез-гурез, дукур-дукур, чақ-чақ, ғинг-ғинг.

**Машқи 170.** Ҷумлаҳоро нависед. Исмҳои мураккаби навъи пайвастро муайян карда, имлои онҳоро гӯед.

1. Сонитар гап-гап баромад, ки Ҳошим Корвон қасам хӯрда будааст *(С.Улуғзода)*. Саргарми чақ-чақ чойро ҳам фаромӯш кардаам *(С.Айнӣ)*. 3. Омад-омади бекро шунида гурехта рафтааст *(С.Улуғзода)*. 4. Аз шустушӯ ва моломоли ходимҳо беҳол шуд *(Ҷ.Икромӣ)*. 5. Рост мегӯяд, чӣ суд аз он кашокашҳо? *(А.Деҳотӣ)*. 6. ... номи ӯро аз сарбоз шунида ба пурсуков даромадам *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 171.** Ҷумлаҳоро хонед. Исмҳои мураккаби навъи тобеъро ёфта, имлои онҳоро гуфта диҳед.

1. Он вақт депои Когон корхонаи нав буд *(Ҷ.Икромӣ)*. 2. Домод ва додарарӯс чанд вақт қозибозӣ карда бошанд ҳам, Эшонқулбой чизе гирифта натавонист *(С.Айнӣ)*. 3. Ман яккаписар будам, амакам ҳам фарзанд надошт *(С.Айнӣ)*. 4. Русзанаки ҳамсоя сатили пуробро ба сепоя овезон карда монд *(Ҷ.Икромӣ)*. 5. Ҳамон рӯз бой ва усто як соат ба болои Истад гапгузаронак карданд *(Ҷ.Икромӣ)*. 6. Ҳайвончаронии баъд аз пешини Соро бисёр дароз накашид *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 172.** Ба исмҳои мураккаби навъи пайваст ва тобеъ мисолҳо нависед ва имлои онҳоро шарҳ диҳед.

## § 42. БА ИСМ ГУЗАШТАНИ СИФАТ

• Ба калимаҳои ишоратшуда савол гузошта, кадом ҳиссаи нутқ будани онҳоро муайян кунед.

1. Яке марди **пир,** дигаре ҷавон буд.
2. Аз дӯсти **нодон** душмани **доно** беҳтар аст.
3. Шахси **хушомадгӯй** ба воя нарасад беҳ.

1. **Пирон** тадбири бисёр корҳоро медонанд.
2. **Доно** аспашро таъриф мекунад, **нодон** худашро.
3. Обрӯи **хушомадгӯй** на дар кӯза, на дар ҷӯй.

Дар забони тоҷикӣ аз дигар ҳиссаҳои нутқ баъзе калимаҳо ба исм мегузаранд. Яке аз ин гуна ҳиссаҳои нутқ, ки калимаҳояшон ба исм мегузарад, сифат мебошад.

Сифатҳо бо роҳҳои зерин ба исм табдил меёбанд:

1. **Бевосита:** Тарсуро хатар ёр аст. Ба як ҷавонмард чил ҳунар кам аст.

2. **Ба воситаи пасвандҳои ҷамъбандии -ҳо** ва **-он:** Мӯйсафедҳои гузар аз дур ҷастухезҳои шайхи «араб»-ро тамошокунон дар зери лаб механдиданд. Оқилон аз пайи нуқат нараванд.

3. **Тавассути артикли номуайянии -е:** Ҷавоне аз хирадманде мепурсад. Қамар омада аз гулрухе гап мезад.

Сифатҳои исмшуда одатан ба шахс далолат мекунанд. Аз хубон шарофат, аз бадон касофат.

**Машқи 173.** Мисолҳоро нависед. Сифатҳои ба ҷои исм омадаро муайян карда шарҳ диҳед.

1. Аз хурдон хато, аз бузургон ато. 2. Доно ба ҳар диёр азизу мукаррам аст. 3. Дар маҷлис беинтизомеро танбеҳ медоданд. 4. Ба танбал кор фармо, панд бишнав. 5. Бинобар он Мулло Вафо ғазалҳои худро ба он ҷавонон ёд кунонд...

**Машқи 174.** Сифатҳоро бо воситаи пасвандҳои ҷамъбандии **-ҳо, -он** ва артикли номуайянии **-е** ба исмҳо табдил диҳед. Бо онҳо ибора созед:

Донишманд, нокас, хуб, бад, соҳибҷамол, тарсончак, ҷавон.

**Машқи 175.** Ҷумлаҳоро хонед. Сифатҳои исмшударо муайян кунед ва роҳҳои ба исм гузаштани сифатҳоро нишон диҳед.

1. Хурду калон ва пиру ҷавони гузари Ҳоҷӣ – махдум равон шуданд *(С.Айнӣ)*. 2. Донишмандон ба ду гурӯҳ тақсим шуданд *(Ф.Муҳаммадиев)*. 3. Камзаминҳо ва безаминҳо чоряккорӣ, ятимӣ мекарданд *(С.Айнӣ)*. 4. Бо бадон бад бошу бо некон накӯ *(С.Шерозӣ)*. 5. Биное ва нобиное дар роҳ рафиқи сафар буданд *(А.Дониш)*.

## § 43. ТАРЗИ ТАҲЛИЛИ ИСМ

Дар вақти таҳлили исм аломатҳои сарфӣ ва вазифаи наҳвии он дар назар дошта мешавад. Таҳлил аз гузоштани савол оғоз мегардад (кӣ?, киҳо?, чӣ?, чиҳо?).

**1. Аломатҳои сарфӣ:**

а) аломати сарфии исм: муайян ё номуайян, танҳо ё ҷамъ.

б) сохт: содда, сохта, мураккаб, таркибӣ

в) хел: ҷондор ё беҷон, хос ё ҷинс, зот ё маънӣ, шахс ё ғайришахс, ҷомеъ.

**2. Вазифаи наҳвӣ:** Ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадааст?

***Намуна:*** таҳлили калимаи **кӯҳистон. Кӯҳистон** дар ҳар айёми сол тароввати хоса дорад.

| Таҳлили шифоҳӣ | Таҳлили хаттӣ |
|---|---|
| Калимаи кӯҳистон исм аст, чунки предметро ифода карда, ба саволи чӣ? ҷавоб мешавад. Дорои чунин аломатҳои сарфӣ мебошад: исми муайян буда, шаклан сохта мебошад, решааш калимаи кӯҳ аст. Аз ҷиҳати хел: исми ҷинс, ғайришахс, беҷон, зот мебошад. Ба вазифаи мубтадо омадааст. | Кӯҳистон – исм, чунки:<br>1. Предметро ифода мекунад.<br>2. Исми муайян буда, шаклан танҳо мебошад.<br>3. Исми беҷон, ҷинс, зот, ғайришахс аст.<br>4. Ба саволи чӣ ҷавоб мешавад. |

**Машқи 176.** Ҷумлаҳоро нависед. Исмҳои ишорашударо таҳлили хаттӣ кунед.

1. Бегоҳӣ **боронаки** нағзакак шуд *(Ҷ.Икромӣ)*. 2. – Не, – гуфт боз махдум, – шумо талаб кардаед, **талабгор** аввал сар мекунад *(С.Айнӣ)*. 3. Рав, Маҳкам дар ҷойи Сафар **дидбон** шудааст *(С.Улуғзода)*. 4. Дар гирдаш пашшаю **хомӯшакҳо** парвона шуда буданд *(аз маҷалла)*. 5. Ҷорум Қорӣ Шариф ном дошт, ки падараш **кордгарӣ** мекард *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 177.** Нақшаро аз назар гузаронед ва бо мисолҳо шарҳ диҳед.

**Сохти исмҳо**

- содда
- сохта
  - бо пешванд
  - бо пасванд
  - бо пешванду пасванд
- мураккаб
  - бевосита
  - бо миёнванд
  - бо пасванд
- таркибӣ

## Савол ва супоришҳо:

**1.** Исми зот чӣ гуна предметҳоро ифода менамояд? Мисол гӯед.
**2.** Исми маънӣ ифодагари чӣ гуна предметҳост? Бо мисолҳо фаҳмонед.
**3.** Исми ҷомеъ чист? Фикратонро бо мисолҳо собит намоед.
**4.** Роҳҳои калимасозии исмро гӯед. Бо мисолҳо фаҳмонед.
**5.** Кадом пасвандҳои исмсозро медонед? Мисол гӯед.
**6.** Пасвандҳои -чӣ, -гар, -гор номи чӣ гуна исмҳоро месозанд? Мисол гӯед.

7. Исмҳои ифодагари макон ва фаровонии предметҳо бо кадом пасвандҳо сохта мешаванд? Мисол гӯед.
8. Пасвандҳои -а ва -ак номи чӣ гуна предметҳоро месозанд? Мисол гӯед.
9. Кадом пасвандҳои ифодагари хурдӣ ва навозишро медонед? Мисол гӯед.
10. Кадом пасвандҳо исми маънӣ месозанд? Бо мисолҳо фаҳмонед.
11. Кадом пешванди исмсозро медонед? Мисол гӯед.
12. Исмҳо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешаванд? Бо мисолҳо фаҳмонед.
13. Фарқи исмҳои мураккаби навъи тобеъ аз исмҳои мураккаби навъи пайваст дар чист? Мисол гӯед.
14. Исмҳои мураккаби навъи пайваст бо кадом роҳҳо сохта мешаванд? Бо мисолҳо фаҳмонед.
15. Исмҳои мураккаби навъи тобеъ чӣ тавр сохта мешаванд? Мисол гӯед.
16. Имлои исмҳои мураккабро бо мисолҳо фаҳмонед.
17. Роҳҳои исмшавии сифатро нишон диҳед. Бо мисолҳо фаҳмонед,
18. Дар хусуси тарзи таҳлили исмҳо чиҳоро медонед? Исми «боронгарӣ» -ро таҳлили шифоҳӣ кунед.

# СИФАТ

## § 44. ТАКРОРИ ДАРСҲОИ СИНФИ V

### Ба саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Сифат чист?
2. Кадом хелҳои сифатро медонед?
3. Дар бораи сифати аслӣ чиҳоро медонед?
4. Сифати нисбӣ чӣ гуна сифат аст?
5. Сифати аслӣ чанд дараҷа дорад?
6. Кадом дараҷаи сифатро дараҷаи оддӣ мегӯянд?
7. Дараҷаи қиёсӣ чӣ гуна дараҷаи сифат аст?
8. Дар бораи дараҷаи олии сифат чиҳоро медонед?
9. Сифатҳои таъкидӣ аз дигар сифатҳо чӣ фарқ дорад?

**Машқи 178.** Ба сифатҳо таваҷҷӯҳ намоед ва гӯед, ки онҳо тавсифи киҳоро ифода менамоянд.

1. Аълочӣ, боинтизом, боодоб ва фаъол.
2. Пешқадам, моҳир, ҷамоатчӣ ва нававар.
3. Ғамхор, меҳрубон, хуб, некхоҳ ва дилсӯз.
4. Мағрур, худписанд, танбал, дурӯғгӯй ва бад.

**Машқи 179.** Ба сифатҳо зеҳн монда, ба хелҳо ҷудо кунед. Аввал сифатҳои аслӣ, баъд сифатҳои нисбиро нависед.

Сурх, ширин, падарӣ, бародарона, талх, бамаза, хушбӯй, чӯбин, хонагӣ, даштӣ, бадбӯй, калон, баланд, фикрӣ, чармин, чустӣ, паст, вазнин, ғафс, ихтиёрӣ, модарӣ, имрӯза, нав, борик, танг, бачагона, дӯстона, тоҷикӣ, сахт.

**Машқи 180.** Дараҷаи сифатҳои зеринро муайян намоед ва бо тартиби зерин ба дафтаратон нависед: 1) дараҷаи оддӣ, 2) дараҷаи қиёсӣ, 3) дараҷаи олӣ.

Сафед, сиёҳ, калонтар, баландтар, зеботарин, беҳтарин, фарох, паст, гарм, хубтар, хурдтар, тангтар, бадтарин, сахттарин, нозуктарин, суст, зард, хунук, мулоим, фарбеҳтар, салқинтар, вазнинтар, сабуктарин, душвортарин.

**Машқи 181.** Ҷуфти исму сифатҳои зеринро аввал бо бандаки изофӣ, баъд бе бандак алоқаманд кунед. Гӯед, ки дар вақти тағйирёбии алоқа исм ҷои худро иваз мекунад ё сифат.

***Н а м у н а: иморат – баландтарин. Иморати баландтарин – баландтарин иморат.***

Шаҳр – калонтарин, кор – душвортарин, сармоя– пурқиматтарин, шахс – меҳрубонтарин, дӯст – наздиктарин, деҳа – сернуфустарин, фасл – хубтарин, рӯзҳо – дарозтарин, шабҳо – кӯтоҳтарин, одам – хушбахттарин.

**Машқи 182.** Мисолҳоро хонед. Сифатҳои ишорашударо ба хелҳо (сифати аслӣ, сифати нисбӣ) ҷудо карда нависед.

1. Мо ҳам **нағзтар, бароҳаттар** ва **серу пурратар** зиндагӣ кардан мехоҳем *(Ҷ.Икромӣ)*. 2. Ҳамин ки дар доманаи кӯҳе ё марғзоре мерасед, ҳамроҳи боди **форами баҳорӣ** ба димоғатон як хушбӯйи **латифе** мерасад *(С.Айнӣ)*. 3. Қамар дурбини **калону афсарӣ** оварда буд *(Ф.Муҳаммадиев)*. 4. Барои кишти **тирамоҳӣ** тайёрӣ медиданд... *(С.Айнӣ)*. 5. Воқеан, мушкил аст, ба хаёли одамӣ даррасад, ки ба аёдати беморе дурбини **саҳроии ҳарбӣ** биоваранд *(Ф.Муҳаммадиев)*.

**Машқи 183.** Ба исмҳои зерин сифатҳои нисбии мувофиқ илова карда, дар шакли ибора нависед.

***Н а м у н а: забони тоҷикӣ***

Забон, замин, рӯзнома, хона, мурғ, бел, қалам, ҷадвал, кор, коса.

## § 45. ДАРАҶАҲОИ ҒАЙРИҚИЁСИИ СИФАТ

• Ба сифатҳои ҳар ду сутун зеҳн монда, ифодаи дараҷаи аломатро муайян намоед. Гӯед, ки сифатҳои сутуни дуюм чӣ гуна будани аломати предметҳоро ифода менамоянд.

| | |
|---|---|
| 1. Сафед, сурх, сиёҳ, зард, сурхтарин, калонтарин | 1. Сафедча, сиёҳтоб, сурхчатоб, суп–сурх, калон–калон |

Дараҷаи ғайриқиёсии сифат аз меъёри муътадил кам ё зиёд будани аломати предметро бе муқоисаи предметҳои ҳамҷинс нишон медиҳад: барфи сап-сафед, шоҳии кабудча.

Дараҷаи зиёдӣ аз меъёри муътадил беш будани алома-

ти предмет, ҳодиса ва воқеаро нишон медиҳад. Дараҷаи зиёдӣ бо роҳҳои зерин ифода мегардад:

1. **Бо роҳи такрори бевоситаи сифат:** калон-калон, дароз-дароз, ҷиғда-ҷиғда.

2. **Тавассути сифатҳои таъкидӣ:** суп-сурх, кап-кабуд, каппа-калон, дуппа-дуруст.

Дараҷаи камии сифат ба меъёри муътадил нарасидани аломати предметро мефаҳмонад. Дараҷаи камии сифат бо пасвандҳо ифода мегардад:

1. **Бо пасванди -ча:** сурхча, зардча, заҳирча.

2. **Бо пасванди -тоб:** оташтоб, нуқратоб, сиёҳтоб

3. **Бо пасвандҳои -ча** ва **-тоб:** сиёҳчатоб, зардчатоб, сурхчатоб.

Истисно: пасвандҳои **-ак (-як)** ва **-акак (-якак)** бо сифатҳо илова гашта, камию зиёдии аломатро бо тобиши маъноии навозиш, гоҳо таҳқир ифода менамоянд: кампираки қадпастаки миҷморуқак, одами серманаҳак, мусичаи уболак; таоми нағзакак, саҳни тангакак, дастони гармакак, танбеҳи сахтакак, бачаи хурдакак.

**Машқи 184.** Ба исмҳои зерин сифатҳои мувофиқ илова карда, ибораҳое созед, ки дар онҳо сифат дараҷаи камию зиёдии аломатро ифода намоянд.

***Н а м у н а: матои нағзакак, пардаи суп-сурх, ранги сиёҳча.***

Матоъ, парда, ранг, даст, борон, девор, пироҳан, хол, духтарча, шаб, дандонҳо, дастархон, ришта, гӯшвора.

**Машқи 185.** Сифатҳоро навишта, ба зери пасвандҳо хат кашед. Гӯед, ки камию зиёдии аломат тавассути кадом пасвандҳо ифода мегарданд.

Наздикак, сурхча, сурхтоб, сурхчатоб, сурхак, сурхакак, калонак, калонакак, сиёҳча, сиёҳтоб, сиёҳчатоб, сиёҳак, сиёҳакак, фарбеҳча, фарбеҳакак, зебоякак.

**Машқи 186.** Ибораҳои зеринро истифода бурда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Хоначаи пастак, нони гармакак, лойи лағжонак, духтарчаи зебоякак, кӯчаи тангакак.

**Машқи 187.** Ҷумлаҳоро нависед, сифатҳоро муайян карда, вазифаи пасвандҳои **-ча, -тоб, -ак (-як), -акак (-якак)**-ро шарҳ диҳед.

1. Аз дарвозаи пастаки он ҳавлӣ касе баромада рафт *(Ҷ.Икромӣ)*. 2. Торҳои зардчае, ки дар миёнаи риши сафедаш менамуданд, дар ҷавонӣ малламӯй будани ӯро нишон медоданд. 3. Музаффар кирми хокистарранги сабзтобро қапида, ба дуруни шиша меандозад, ки муносиби зиёнкориаш мукофот ёбад *(Ф.Муҳаммадиев)*. 4. Бегоҳӣ боронаки нағзакак шуду ҳама ҷоро тару тоза кард. *(Ҷ.Икромӣ)*.

## СОХТИ СИФАТ

Сифатҳо аз ҷиҳати сохт содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ мешаванд.

## § 46. СИФАТҲОИ СОДДА ВА СОХТА

• Ба сифатҳои сутунҳо таваҷҷӯҳ намоед. Гӯед, ки сифатҳои сутуни дуюм аз сифатҳои сутуни якум бо чияшон фарқ мекунанд.

| | |
|---|---|
| 1. Меҳрубон, пир, сабз, зард | 1. Меҳрубонона, пирона, сабзина, зардина |
| 2. Талх, ширин, ғафс, паст | 2. Бамаънӣ, баодоб, безеб, ногувор |

Барои ифодаи аломати предметҳо баробари сифатҳои содда, сифатҳои сохта низ истифода мегарданд.

Сифатҳои содда аз калимаҳои решагӣ иборат буда,

сифатҳои сохта тавассути пешванду пасвандҳо аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сохта мешаванд. Масалан, сифати «паст» аз калимаҳои решагӣ иборат буда, сифати «боақл» тавассути пешванди **бо-**, аммо сифати «занона» бо воситаи пасванди **-она** аз исм (ақл, зан) сохта шудаанд.

**Сифатҳое, ки танҳо аз реша иборатанд, *сифати содда* номида мешаванд:** кабуд, сурх, танг, васеъ, талх...

**Сифатҳое, ки бо пешванду пасвандҳо аз калимаҳои решагӣ сохта шудаанд, сифати сохта ном доранд**: баодоб, бебок, ногувор, сафолин, шубҳанок, мардона, оилавӣ...

**Машқи 188.** Ба сифатҳои зерин зеҳн монед. Онҳоро аз ҷиҳати сохт ба гурӯҳҳо ҷудо кунед. Сифатҳои сохтаро навишта шарҳ диҳед.

Ободд, калон, базеб, саодатманд, кабуд, майда, лоғаракак, нуқрагин, зебо, баланд, паст, бараҳна, боғайрат, бемурувват, нодон, сард, гарм, тоза, чӯбин, деворӣ, хонагӣ, сиёҳ, ширин, талх, бамаза, занона, ногувор, сурхча, зардчатоб.

**Машқи 189.** Матнро навишта, ба зери сифатҳои содда ва сохта хат кашед. Гӯед, ки кадом хели сифат бештар истифода шудааст.

1. Оби нуқрафоми дарёи Сир дар зери шуои Офтоб медурахшид. Деҳоти дар канори он воқеъшуда бо кулбаҳои майдаи кулӯхдевор, дарахтони гуногун, заминҳои майда-майда ба қафо тозон мерафтанд. Садои паравоз, ки ба сӯи баландӣ бори гаронро зӯр зада мекашид, ба гӯш мерасид. Дам ба дам шамоли гарм дуди ангиштро ба вагон медаровард *(Р. Ҷалил)*.

**Машқи 190.** Ба исмҳои зерин сифатҳои мувофиқ ёфта ибора созед. Бо ибораҳои сохтаатон се ҷумла тартиб диҳед.

Себ, рӯз, либос, хона, ҳаво, мӯй, ресмон, гурба, дарвоза, дӯст.

**Машқи 191.** Ҷумлаҳоро нависед. Ба ҷойи нуқтаҳо сифати мувофиқро аз қавсайн интихоб карда гузоред.

1. Шароити пурхатар, вазъияти ..., муборизаи ...и бар гардан афтода, худ ба ин ҷувозкаши ...илми ҳарбро ёд медоданд. 2. Аз маслиҳатҳои ...и бародархондааш Восеъ бори дигар ба доноӣ ва дурандешии Нозир тан дод. 3. Восеъ бо шамшери ...сари роҳ тӯдаҳои ...ро гирифта, бо як ваҷоҳати ... Истед! нагурезед, ки нобуд мешавед, гӯён фарёд зад. 4. Зан аз нова офтобаи ...-ро бо оби ... чашма пур карда овард *(С. Улуғзода)*.

(кӯҳистонӣ, таҳлуканок, оқилона, хунин, воҳиманок, сафолин, бараҳна, гурезон, сард).

## § 47. ПАСВАНДҲОИ -Ӣ (-ГӢ -ВӢ), -ИН (-ГИН)

• Ба сифатҳои сохтаи ҳар ду сутун таваҷҷӯҳ намоед. Гӯед, ки сифатҳои сутуни дуюм аз сифатҳои сутуни якум чӣ фарқ доранд. Кадом пасвандҳо маънии калимаҳоро тамоман тағйир додаанд?

| | |
|---|---|
| 1. Зардча, гулобитоб, сурхчатоб | 1. Шикорӣ, хонагӣ, тарбиявӣ |
| 2. Пастак, калонакак, зебоякак | 2. Сафолин, чӯбин, шармгин, нуқрагин |

Пасванди **-ӣ (-гӣ, -вӣ)** серистеъмол буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифатҳое месозад, ки бештар мансубият, замон, макон ва аз чӣ сохта шудани предметро ифода мекунад. Пасванди **-ӣ** пас аз ҳамсадо, қаринаҳои он **(-гӣ, -вӣ)** пас аз садонокҳо меоянд: кишти тирамоҳӣ, мурғи даштӣ, солҳои бачагӣ, кори тарбиявӣ, рӯймоли пашмӣ, девори тахтагӣ.

Пасванди **-ӣ** пас аз садоноки «о» чун ётбарсар (йи) талаффуз мегардад: хатои имлоӣ, себи бобоӣ, баромади иҷтимоӣ, дастаи фидоӣ,

Пасванди **-ин (-гин)** сифатҳое месозанд, ки аз чӣ сох-

та шудан ва дорои кадом аломат будани предметро мефаҳмонанд. Пасванди **-ин** баъд аз ҳамсадо, **-гин** пас аз садонокҳо истифода мешаванд: ҳавзи сангин, кӯпруки оҳанин, мураббои олучагин, телпаки пӯсти баррагин...

*Истисно:* пасванди **-ин** пас аз ҳамсадои «ҳ» ва гоҳо «м» дар шакли **-гин** меоянд: андӯҳгин, шармгин, ғамгин...

**Машқи 192.** Ибораҳоро навишта, ба сифатҳо зеҳн монед. Сифатҳоро аз ҷиҳати сохт ва маънӣ шарҳ диҳед:

Косаи сафолин, либоси хонагӣ, мусофирони самарқандӣ, тоҷирони бухороӣ, анъанаи бобоӣ, бобои барфӣ, соати кисагӣ, духтари шармгин, гӯшвори нуқрагин, ҷиҳати тарбиявӣ, бели оҳанин, сайёҳони фарангӣ

**Машқи 193.** Ба ҷойи нуқтаҳо пасвандҳои мувофиқ гузошта, ибораҳоро нависед. Гӯед, ки пасвандҳои гузоштаатон аз кадом ҳиссаи нутқ сифат сохтаанд.

қаҳрамони афсона..., суханони оташ..., даррандаи хашм..., зулфи анбар..., иншои адаб..., хотираи абад..., ҳаёти оила..., вазифаи хона..., дарвозаи тахта...

**Машқи 194.** Матнро нависед. Сифатҳоро муайян карда, аз ҷиҳати сохт ва маънӣ шарҳ диҳед.

Ҷӯра ба хона даромад. Дар чизу чораи хона ягон дигаргуние дида намешуд. Ҳамон шкафи чӯбин ва рафи китоб, ҳамон шамъдони шишагӣ, ҳамон қолинчаи деворӣ ва дар зери он ҳамон каравоти оҳанин... ҳатто ҷойи мизи корӣ ҳам дигар нашуда буд.

**Машқи 195.** Байтҳоро навишта, сифатҳоро муайян намоед. Гӯед, ки онҳо бо кадом пасвандҳо сохта шудаанд.

Ҳама шаб дар ин умедам, ки насими субҳгоҳӣ,
Ба паёми ошноӣ бинавозад ошноро.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Гарчи ҳиндӣ дар узубат шаккар аст,
Тарзи гуфтори дарӣ ширинтар аст.

*Муҳаммад Иқбол*

Кӯҳи барфин – оби ширин дорад он,
Чашмаву рӯди булӯрин дорад он.

*Мирзо Турсунзода*

## § 48. ПАСВАНДҲОИ -ОНА (-ЁНА, -ГОНА), -НОК, -МАНД

• Ба сифатҳои дар сутунҳо овардашуда зеҳн монед. Пасвандҳои сифатсозро муайян карда, сифатҳои бо онҳо сохташударо шарҳ диҳед.

1. Дӯстона, пирона, рафиқона
2. Ваҳшиёна, ҷудогона, сегона

1. Зарарнок, воҳиманок, саводнок
2. Дардманд, ҳунарманд, хирадманд

Пасванди **-она (-ёна, -гона)** пасвандҳои сифатсози серистеъмол буда, сифатҳое месозад, ки аломати предметро бо тобиши таъинот, замон, инчунин, ба аломату амал ва хислат доро буданро ифода менамояд: тасвири шоирона, чашмони пирона, рақами нӯҳгона, иттифоқи сегона, муносибати гадоёна, хонаи бенавоёна.

Пасванди **-нок** сифатҳое месозад, ки дорои чизе буданро мефаҳмонанд: ҳиндуи салланок, суханони ҳикматнок, одами шубҳанок, хабари воҳиманок.

Пасванди **-манд** сифатҳое месозад, ки ба аломат, хислат ва хосият доро будани предметро ифода менамоянд: кампири дардманд, ҷавонони саодатманд, меҳмони иззатманд, устои ҳунарманд.

**Машқи 196.** Ибораҳоро нависед. Сифатҳоро муайян намуда, ба зери пасвандҳояшон хат кашед. Сифатҳои муайянкардаатонро маънидод кунед:

Баҳои солона, либоси идона, рафтори мардона, бозии бачагона, қуттиҳои ҷудогона, суханони муллоёна,

муборизаи шиддатнок, шахси илмнок, одами саводнок, пири хирадманд, олими шуҳратманд, марди донишманд.

**Машқи 197.** Ба ҷои сенуқтаҳо пасванди мувофиқ гузошта ҷумлаҳоро нависед. Сифатҳои пасванд иловакардаатонро шарҳ диҳед.

1. Ин ҳафта падарам дар бахши шаб... кор мекунанд. 2. Ҳамаи халқҳои Ватани мо дар як оилаи бародар... зиндагӣ мекунанд. 3. Мавҷҳо дар зери белҳо бо оташи ҳаворанги навозишкор...и худ шуълавар мегардиданд. 4. Дармони беминнат, офаридаи табиати хирад... ва дастони саховат... бародарону хоҳарони меҳрубон *(Ф.Муҳаммадиев)*.

**Машқи 198.** Ба исмҳо пасвандҳои **-она (-гона, -ёна), -нок, -манд** илова карда сифат созед. Сифатҳои сохтаатонро маънидод кунед.

Модар, дӯст, тантана, ғам, бача, гадо, шубҳа, саодат, давлат, зафар.

## § 49 ПАСВАНДҲОИ -А (-Я), -О, -ОН

• Ба сифатҳои ҳар ду сутун таваҷҷӯҳ намуда, пасвандҳои сифатсозро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо барои ифодаи кадом маънӣ оварда шудаанд.

| | |
|---|---|
| 1. Қалами ранга, суҳбати имрӯза | 1. Судхӯри гузаро, суханони бурро |
| 2. Шаҳри қадима, одами гуреза | 2. Чашмони дурахшон, фили дамон |

Пасванди сифатсози **-а (-я)** пасванди каммаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифатҳое месозад, ки замон, макон ва ё аломати предметро ифода менамоянд: деҳаи хароба, чораҳои лозима, шахси гуреза...

Пасвандҳои **-о (-ё)** ва **-он** пасвандҳои сермаҳсул буда, аз асоси замони ҳозираи феъл сифатҳое месозанд, ки ба хислате доро будани предметро мефаҳмонанд: дасти тавоно, булбули гӯё, Офтоби тобон, дарёи хурӯшон.

**Машқи 199.** Ба иборахои зерин зеҳн монда, сифатҳои сохтаро муайян кунед. Гӯед, ки пасванди **-а** аз кадом ҳиссаҳои нутқ сифат сохтааст:

Қулфи овеза, бачаи озода, асбобҳои лозима, анъанаи қадима, одами гуреза, коғази ранга, деҳаи хароба, хонаи вайрона.

**Машқи 200.** Ба иборахои зерин тавачҷӯҳ кунед. Сифатҳои сохтаро муайян намуда маънидод кунед. Гӯед, ки пасвандҳои -о ва -он аз кадом ҳиссаи нутқ сифат сохтаанд: духтари доно, забони гӯё, марди тавоно, овози шунаво, хати хоно, Офтоби сӯзон, баҳри дамон, ситораи дурахшон, шамъи фурӯзон, реги равон.

**Машқи 201.** Байтҳоро ифоданок хонед. Сифатҳои бо пасвандҳои **-о** ва **-он** сохташударо ёфта шарҳ диҳед. Гӯед, ки онҳо аз кадом ҳиссаи нутқ сифат сохтаанд.

Фиристода омад чу боди дамон,
Расонид нома бари паҳлавон.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Шамоиле, ки дар авсофи ҳусни таркибаш,
Маҷоли нутқ намонад забони гӯёро.

*Саъдии Шерозӣ*

Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Магзарон рӯзи саломат ба маломат, Ҳофиз,
Чӣ тавақкӯъ зи ҷаҳони гузарон медорӣ.

*Ҳофизи Шерозӣ*

## § 50. ПЕШВАНДҲОИ СИФАТСОЗ

• Мисолҳои ҳар ду сутунро хонда шарҳ диҳед. Гӯед, ки чаро **бо-, ба-, бе-** дар сутуни якум ҷудо, вале дар сутуни дуюм якҷоя навишта шудаанд.

| | |
|---|---|
| 1. Бо маслиҳати падарам ба мактаб ба кор даромадам. | 1. Ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд. |
| 2. Бузургӣ ба ақл аст, на ба сол. | 2. Собир бачаи баақл аст. |
| 3. Дар синфи мо ду нафар бе кори ҷамъиятӣ буданд. | 3. Одами бекор – дарахти бебор. |

Пешвандҳои **бо-, ба-, но-, бе-** пешвандҳои сифатсоз мебошанд. Ин пешвандҳо аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифати аслӣ месозанд: дунёи боумед, ҷавони баодоб, духтари бебок, туҳмати ноҳақ...

Пешвандҳои **бо-, ба-** аз исм сифатҳое месозанд, ки ба ягон аломат ё хосият доро будани предметро мефаҳмонанд: зани бамаънӣ, бачаи бофаросат, марди ботадбир, ҷавони баодоб.

Пешванди **бе-** аз исм ва пешванди **но-** аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифатҳое месозанд, ки аз ягон аломат ё хосияте маҳрум будани предметро ифода менамоянд: чизи ноёб, ҳодисаи ногувор, фазои бепоён, баҳори бехазон.

**Машқи 202.** Ба ибораҳо зеҳн монда, сифатҳои сохтаро муайян кунед. Гӯед, ки сифатҳо бо кадом унсури калимасоз сохта шудаанд. Сифатҳоро аз ҷиҳати сохт ва маънӣ шарҳ диҳед.

Одами босавод, духтари боақл, душмани беамон, шахси ношинос, дашти беоб, ҳаракатҳои нолоиқ, сухани бамаврид, хомӯшии ногувор, меҳмонони нохонда, ҳайвони безабон, одами беномус, бачаи бағайрат, кӯдаки бофаросат, марди нобино.

**Машқи 203.** Бо ибораҳои зерин ҷумла тартиб диҳед ва гӯед, ки сифатҳои таркиби ибора бо кадом пешвандҳо сохта шудаанд.

Сухани бемаврид, ҷои нобоб, бачаи баодоб, шахси бокарам, бахти безавол.

**Машқи 204.** Ба ҷои сенуқтаҳо пешванди мувофиқ гузош-

та, ибораҳоро нависед. Сифатҳоро аз ҷиҳати сохт ва маънӣ шарҳ диҳед:

ҷои ...боб, гули ...хор, меваи ...пухта, ҳавои ...ғубор, оши ...намак, кори ...тамом, чойники ...чой, дарахти ...мева, ҷавони ...одоб.

**Машқи 205**. Ҷумлаҳоро хонед. Сифатҳои сохтаро муайян намуда шарҳ диҳед.

1. Ин гуна як саги боақлу бономус бо яке аз одамони беномуси амир ҳамном шавад... *(С.Айнӣ)*. 2. Зокир одами босавод буд, то он дам дар милитсияи Тӯс хизмат мекард *(С.Улуғзода)*. 3. Ба як духтари ношинос ҷавони бегона чӣ ҳам гуфта метавонист *(С.Айнӣ)*. 4. Содиқ он ҳайвони безабони меҳрубони худро хуб хорумол кард *(С.Айнӣ)*.

## СИФАТҲОИ МУРАККАБ

Бо роҳи пайванди ду ва ё зиёда калимаҳо сохта шудани сифатҳо роҳи сермаҳсули калимасозии сифат аст. Бо ин роҳ сифатҳои мураккаб сохта мешаванд.

Сифатҳои мураккабро аз ҷиҳати муносибати байни ҷузъҳояшон ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: сифатҳои мураккаби пайваст ва сифатҳои мураккаби тобеъ.

## § 51. СИФАТҲОИ МУРАККАБИ НАВЪИ ПАЙВАСТ

• Ба мисолҳои зерин зеҳн монда, роҳҳои сохта шудани сифатҳои мураккабро муайян кунед.

1. Риши тор-тор, фурӯши дона-дона, гиребони пар-пар, коғази рах-рах.

2. Гапҳои майда-чуйда, кафи дағар-буғур.

1. Корҳои гуногун, куртаҳои хелмахел, ҷанги танбатан, суҳбати рӯбарӯ, борони пайдарпай.
2. Духтари рӯмолбасар, одами зиндадаргӯр, ҳарфҳои ётбарсар.

Алоқаи байни ҷузъҳои сифатҳои мураккаб ду хел мешавад: алоқаи пайваст ва алоқаи тобеъ.

Бо алоқаи пайваст ҷузъҳои сифатҳои мураккаби навъи пайваст алоқаманд мешаванд. Дар сифатҳои мураккаби пайваст ҷузъҳо ба ҳамдигар пайваст шуда, ҳар кадом мустақил, баробарҳуқуқ мебошанд ва яке аз он ҷузъҳо маънои ҷузъи дигарро такмил медиҳад, пурра мекунад.

Сифатҳои мураккаби пайваст бо роҳҳои зерин сохта мешаванд:

1. Такрори бевоситаи исм: чити рахрах, мӯйи фатила-фатила, нолаҳои зорзор.

2. Такрори ноқиси калимаи маънодор (як ҷузъ бемаъно буда, ба ҷузъи маънодор тақлидан талаффуз мегардад): гапҳои майда-чуйда, кафи дағар-буғур.

3. Такрори ҳамон як калима ва ё вожаҳои мухталиф бо воситаи миёнвандҳои **-о-, -ма-, -ба-, -дар-, -бар-:** гулҳои рангоранг, куртаҳои хелмахел, ҳамсояи дарбадар, такрори пайдарпай; суханони пойдарҳаво, марди кулоҳбарсар, зани рӯмолбасар.

**Машқи 206.** Ибораҳоро навишта, ба тарзи сохта шудани сифатҳои мураккаби пайваст зеҳн монед. Онҳоро аз ҷиҳати сохт ва маънӣ шарҳ диҳед.

Дили реш-реш, мӯйи мавҷ-мавҷ, роҳҳои дуродур, рафиқи ҷоноҷон, пардаҳои хелмахел, комёбиҳои навбанав, амалҳои тозабатоза, муаммоҳои печдарпеч, зарбаҳои пайдарпай, духтари тоқибасар, ҷавони кулоҳбарсар, матои нестдарҷаҳон.

**Машқи 207.** Ба сифатҳои мураккаби пайвасти зерин таваҷҷӯҳ намуда, имлои онҳоро шарҳ диҳед.

Дафтари рах-рах, нолаҳои зор-зор, корҳои майда-чуйда, девори дағар-буғур, гулҳои рангоранг, хонаҳои дарунбадарун, моҷароҳои пайдарпай, ҳавлии девордармиён, ҳарфҳои ётбарсар, зани рӯмолбасар.

**Машқи 208.** Бо сифатҳои мураккаби пайвасти зерин ҷумла тартиб диҳед.

Дарунбадарун, мўбамў, рўбарў, дона-дона, майдачуйда, пайдарпай, рахрах.

## § 52. СИФАТҲОИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ

• Ба ибораҳои ҳар ду сутун зеҳн монда, сифатҳои мураккабро муайян кунед. Фарқи сифатҳои мураккаби сутуни дуюмро аз ҷиҳати алоқаи ҷузъҳо аз сифатҳои мураккаби сутуни якум гўед.

1. Матои рах-рах, меваҳои гуногун
2. Сурудҳои навбанав, куртаҳои хелмахел
3. Ҳарфҳои ётбарсар, одами зиндадаргўр

1. Ҷавони гулдаст, марди сиёҳпир, камони дурзан
2. Зани муштипар, матои парипашша
3. Овози дупўста, дастаи бистнафарӣ, орзуи якумрӣ

Ҷузъҳои сифати мураккаби тобеъ бо алоқаи тобеъ алоқаманд мешаванд. Аз ин рў, яке аз ҷузъҳои он ба дигаре тобеъ мешаваду ҷузъи тобеъ ҷузъи асосиро шарҳу эзоҳ медиҳад.

Аз рўи ҷузъи тобеъ сифатҳои мураккаби тобеъ ду хел мешаванд: а) ҷузъи якум ба ҷузъи дуюм тобеъ; б) ҷузъи дуюм ба ҷузъи якум тобеъ. Масалан, дар сифати мураккаби тобеи «соҳибҷамол» ҷузъи якум – соҳиб ҷузъи асосӣ буда, ҷузъи дуюм – ҷамол ба ҷузъи якум тобеъ, аммо дар сифати мураккаби тобеи «дарёдил» ҷузъи дуюм –дил асосӣ буда, ҷузъи якум – дарё ба ҷузъи дуюм тобеъ аст.

Сифатҳои мураккаби тобеъ бо роҳҳои зерин сохта мешаванд:

1. Бевосита ҳамроҳ шудани калимаҳо: ситорагарм, парчагул, ҳақгўй, мевадор, қоматбаланд, дилтанг, сероб, ҳамешабаҳор, дилкаш.

2. Аз ибораи изофӣ бо пасванди **-ӣ (-гӣ)** кафши сарипоӣ, иди умумихалқӣ, телпаки пўстибаррагӣ.

3. Аз калимаҳои мустақил бо воситаи пасвандҳои **-а** ва **-ӣ:** кори ҳафтсоата, салтанати дубора, ҳайвони дубахра, орзуи якумрӣ, гурўҳи бистнафарӣ, ҷои хиштрезӣ.

**Машқи 209.** Ба сифатҳои мураккаби таркиби ибораҳои зерин зеҳн монед. Онҳоро ба сифатҳои мураккаби пайваст ва сифатҳои мураккаби тобеъ ҷудо карда ба дафтаратон нависед:

Бачаи якраҳа, умри дубора, фабрикаи абрешимресӣ, моли садтиллоӣ, чити рахрах, кафи дағар-буғур, суҳбати якбаяк, ҷавони гулдаст, санами парипайкар, дарахти мевадор, шахси хайрхоҳ, машқҳои гуногун, борони пайдарпай, шахси бадгап.

**Машқи 210.** Ба сифатҳои мураккаби ибораҳо таваҷҷӯҳ намоед. Таркиби сарфии онҳоро муайян карда, аз ҷиҳати маънӣ шарҳ диҳед.

Марди соҳибҳунар, куртаи лоларанг, одами раҳмдил, бачаи нармдил, мошини пурбор, ҷойи хушҳаво, марди мулоимсухан, духтараки малламӯй, ваъдаи умедбахш.

**Машқи 211.** Шарҳи сифати ибораҳои зеринро нависед.

***Н а м у н а: насими ҳаловатбахш — насиме, ки ҳаловат мебахшад.***

Деги чоргӯша, марди шастсола, нақшаи панҷсола, маймуни каҷпо, духтарчаи сурхрӯй, зани бадтабиат, мардуми нозуктабъ, бачаи ҳақгӯй, чароғи хирасӯз, дилбари мавзунқомат, одамони дилтанг, дугонаи ҷамолаккокул, шахси бадгап.

**Машқи 212.** Ҷумлаҳоро хонед. Сифатҳои мураккабро ёбед ва аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

1. Дар осмон танҳо ситораҳои нимравшан метофтанд *(Ҷ.Икромӣ)*. 2. Моҳи ҳафтрӯза ба фурӯ рафтан наздик расида буд *(С.Айнӣ)*. 3. Пӯлод ду кӯчаро тай намуда, ба як маҳаллаи коргарнишин расид. *(Р.Ҷалил)*. 4. Шӯрбои серравғани лабчасп ва зағораи гарми дастсӯзро тайёр карданд *(С.Айнӣ)*. 5. Аспи бодрафтори Пӯлод ҳаракат мекард, ки аз ҳамаи аспҳо пеш гузарад *(Р.Ҷалил)*.

**Машқи 213.** Чистонро нависед. Сифатҳои мураккабро муайян намуда шарҳ диҳед.

Як саволе бо ту дорам, эй рафиқи боҳунар,
Дар биёбоне бидидам як аҷоиб ҷонвар:
Мӯрпову морчашм, лаклакпару аждаршикам,
Уштурзону, шерсина, филгардан, аспсар.

## § 53. СИФАТҲОИ ТАРКИБӢ

• Ба сифатҳои сутунҳо зеҳн монда, сохти онҳоро муайян кунед. Гӯед, ки фарқи сифатҳои сутуни дуюм аз сифатҳои сутуни якум дар чист.

1. Деҳқони чӯбдастдор, бороны барфрезадор, ҳавлии шоҳсуфадор

2. Ресмони пашмибузӣ, фатири равғанизардӣ

1. Одами пушту паноҳдор, зани ғаму дарднок, гарданбанди абрешими сурхдор

2. Машғулияти оммавию сиёсӣ, масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ

**Сифатҳое, ки аз ду ва зиёда калимаҳои ҷудогона барои ифодаи мафҳуми умумӣ таркиб ёфтаанд, *сифатҳои таркибӣ* номида мешаванд.** Ҷузъҳои сифатҳои таркибӣ ҷудо навишта мешаванд: луғати тоҷикию русӣ, корди дастаи оҳаниндор.

Сифатҳои таркибӣ бо роҳҳои зерин корбаст мешаванд:

1. Аз таркибҳои исмӣ тавассути пасванди **-нок** ва асоси замони ҳозираи феъли **«доштан» (дор):** кори хавфу хатарнок, марди ғаму дарднок, одами пушту паноҳдор, занаки хешу табордор.

2. Аз сифатҳои нисбии пайдарпай омада тавассути пайвандаки **-у(-ю, -ву):** масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ, корҳои илмиву техникӣ, аҳволи моддию маънавӣ, муассисаҳои маданию равшаннамоӣ.

**Машқи 214.** Ба ибораҳо зеҳн монда, сифатҳоро аз ҷиҳати сохт ба хелҳо ҷудо кунед. Ибораҳои сифати таркибидоштаро ба дафтаратон нависед.

Гули садбарг, девори баланд, рафтори мардона, луғати тоҷикию русӣ, муассисаҳои маданию равшаннамоӣ, қалами сурх, мизи корӣ, ғазалҳои навбанав, биноҳои ду-се ошёнадор, найи чӯпонӣ, Офтоби тобон, сари сабз, мурғи посӯхта, ҳавлии калони рӯидаричанок, сандуқи оҳанӣ, ҳавои соф.

**Машқи 215.** Ҷумлаҳои зеринро хонед. Сифатҳои таркибиро муайян намуда шарҳ диҳед.

1. Мо дар дарси забони хориҷӣ аз луғати немисию русӣ истифода бурдем.
2. Халқи мо ҳаракати миллию озодихоҳии халқҳои гуногунро дастгирӣ мекунад.
3. Кори китобхонаҳо ва муассисаҳои маданию равшаннамоӣ беҳтар гардид.
4. Дар бобати ба ҷо овардани хизмати маданиву маишӣ як қатор тадбирҳо андешида шуд *(Аз рӯзнома)*.
5. Ин хона ёздаҳболори даҳлезу майдондор буд *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 216.** Бо сифатҳои таркибии зерин аввал ибора баъд ҷумла тартиб диҳед.

Иҷтимоию сиёсӣ, моддиву маънавӣ, илмиву техникӣ, одами яроқи чарминдор, амали хавфу хатарнок.

**Машқи 217.** Дар мавзӯи **«Зимистон»** иншо навишта, дар он сифатҳои таркибиро истифода баред.

## § 54. ТАРЗИ ТАҲЛИЛИ САРФИИ СИФАТ

***Нақшаи таҳлил:***

1. Кадом ҳиссаи нутқ аст ва ба кадом савол ҷавоб мешавад?
2. Аломатҳои сарфӣ: а) аслӣ ё нисбӣ; б) агар аслӣ бошад, дараҷааш; в) агар нисбӣ бошад, унсурҳои сифатсозаш.
3. Аз ҷиҳати сохт: содда, сохта, мураккаб ё таркибӣ.

***Намунаи таҳлил:***

Як зани ҷавони ситорагарм ба ҳавлӣ даромад.

| Таҳлили шифоҳӣ | Таҳлили хаттӣ |
|---|---|
| Калимаи ситорагарм сифат аст, чунки аломати предметро ифода карда, ба саволи чӣ хел? ҷавоб мешавад. Дорои чунин аломатҳои сарфӣ мебошад: сифати аслӣ, дараҷаи оддӣ, аз ҷиҳати сохт мураккаб, ба вазифаи муайянкунанда омадааст. | **Ситорагарм** – сифат аст, чунки:<br>1. Аломати предметро ифода мекунад.<br>2. Дараҷааш оддӣ аст.<br>3. Хелаш аслӣ мебошад.<br>4. Аз ҷиҳати сохт мураккаб аст.<br>5. Ба саволи чӣ хел? ҷавоб мешавад. |

**Машқи 218.** Ҷумлаҳоро хонед. Сифатҳои ишорашударо ба дафтаратон навишта, таҳлили хаттӣ кунед.

1. Ӯ дар миёнаи дарахтони **кӯҳӣ** озодона сайругашт менамуд *(С.Айнӣ)*. 2. Риши **сиёҳи** паҳну **дарозашро** қабза карда истода аз Ҳасан пурсид *(С.Улуғзода)*. 3. Мо, саисон, одамони **оворагард** мебошем *(С.Айнӣ)*. 4. Ин овози одамизод мани **нимбеҳушро** ба ҳуш меовард *(С.Улуғзода)*.

**Машқи 219.** Нақшаро аз назар гузаронида, ҳар якеи онҳоро маънидод кунед.



## Савол ва супоришҳо:

1. Дараҷаи зиёдии аломат чӣ тарз ифода мегардад? Мисол гӯед.
2. Дараҷаи камии аломат бо кадом унсурҳои шаклсоз ифода меёбад? Бо мисолҳо фаҳмонда диҳед.
3. Сифати содда чист? Мисол гӯед.
4. Сифати сохта чист? Бо мисолҳо фаҳмонед.
5. Кадом пасвандҳои сифатсозро медонед? Бо мисолҳо фаҳмонда диҳед.
6. Пешвандҳои сифатсоз кадом пешвандҳоянд? Мисол гӯед.
7. Дар бораи пасвандҳои **-а (-я), -о (-ё), -он** чиҳоро медонед? Мисол гӯед.
8. Сифати мураккабро таъриф кунед. Мисол гӯед.
9. Сифатҳои мураккаби навъи пайваст бо кадом роҳҳо сохта мешаванд? Мисол гӯед.
10. Фарқи сифати мураккаби пайваст аз сифати мураккаби тобеъ дар чист? Бо мисолҳо фаҳмонед.
11. Сифати мураккаби тобеъ бо кадом роҳҳо сохта мешавад? Мисол гӯед.
12. Таърифи сифати таркибиро гӯед. Мисол гӯед.
13. Сифатҳои таркибӣ бо кадом роҳҳо корбаст мешаванд? Мисол гӯед.
14. Фарқи сифати таркибӣ аз сифати мураккаб дар чист? Бо мисолҳо фаҳмонда диҳед.
15. Дар хусуси тарзи таҳлили сифатҳо чиҳоро медонед?
16. Сифати «рангоранг»-ро таҳлил кунед.

## § 55. ШУМОРА

• Ба калимаҳои ишорашуда зеҳн монда, маънии луғавии онҳоро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо чиро ифода мекунанд?

1. **30 + 20 = 50**
2. **Чор** ҷамъи **се ҳафт** мешавад.
3. Ӯ **панҷ** писар дорад.
4. Соли **сию якум** ба ин ҷо омада будам.

Калимаҳое мавҷуданд, ки бо маънои хоси луғавиашон аз дигар калимаҳо фарқ мекунанд. Онҳо ададҳои муҷаррад (адади холис, озод) се, чор, бист, сӣ, панҷоҳ..., миқдори предметҳо (се хона, чор дарвеш, бист мурғ, панҷоҳ мард) ва ҳангоми шумурдан тартиби предметҳоро (синфи шашум, хонаи ҳафтум, ошёнаи нӯҳум, соли ҳаштодум) ифода менамоянд. Ин гуна калимаҳо ба шумора (ҳиссаи нутқ) мансубанд.

Шакли бо рақамҳо ифодаёфтаи ададҳои муҷаррад дар фанни риёзӣ истифода мешаванд: 1, 2, 4, 20, 30, 50...

**Он ҳиссаи нутқ, ки адад, миқдори предметҳо ва дар вақти шумурдан тартиби онҳоро ифода менамоянд, шумора номида мешавад.**

Шумора ба саволҳои **чанд?, чӣ қадар?, чандум?, чандто?** ҷавоб мешавад: ҳафт, ҳашт, даҳ, бист, чордаҳто китоб, садто дафтар, боби чорум, саҳифаи сиюм.

**Машқи 220.** Ба шумораҳо таваҷҷӯҳ намуда, онҳоро аз ҷиҳати маънои луғавӣ ба гурӯҳҳои адади муҷаррад, миқдори предмет, тартиби шумури предмет ҷудо карда нависед.

Панҷ, шаш, се кӯча, чордаҳ кабӯтар, сӣ қалам, хонаи чорум, ҷилди панҷум, даҳ, нуздаҳ, чил, ҳафт бародар, ҳашт гӯсфанд, бори дуюм, ҷои шашум, шаст, панҷоҳу як ҳавлӣ, майдони сеюм.

**Машқи 221.** Ҷумлаҳоро нависед. Ба зери шумораҳо хат кашида, чиро ифода намудани онҳоро гӯед.

1. Шаш аспакӣ асп давонда баромад *(Р. Ҷалил)*. 2. Дар поёни сандалӣ ду мӯйсафед менишаст *(С.Айнӣ)*. 3. Дар хона ду кампир ба истиқболи он ба по хеста буданд *(Ҷ. Икромӣ)*. 4. Дар рӯзҳои панҷум, шашум, ҳафтум ва ҳаштуми март... дар даруни арк ҳам ҷои холӣ намонд *(С.Айнӣ)*. 5. Соли сию якум ба Вахш кӯчида омадем *(С.Улуғзода)*.

**Машқи 222.** Бо шумораҳои зерин ҷумла тартиб диҳед.

Чил, панҷоҳу як, шашум, нӯҳум, дусаду панҷоҳу ҳашт, ҳабдаҳ.

# § 56. АЛОМАТИ САРФӢ ВА ВАЗИФАИ НАҲВИИ ШУМОРА

• Ба калимаҳои ишорашуда зеҳн монед. Гӯед, ки шумораҳо дорои кадом аломатҳои сарфӣ ва вазифаи наҳвист.

1. Панҷоҳ **нафар** талаба, шаст **дона** қалам, чорта китоб, сӣ **сар** гӯсфанд;
2. Ду**юм**, шаш**ум**, чор**умин**, си**юмин**.

1. **Ҳафт** духтар, **чордаҳ** дафтар, **панҷ** дарахт, **бисту се** талаба;
2. Хонаи **сиюм**, синфи **шашум**, моҳи **ёздаҳум**, сайёраи **даҳум.**

Шумораҳо низ монанди дигар ҳиссаҳои нутқ дорои аломатҳои сарфӣ мебошад. Шумораи миқдорӣ нумератив қабул мекунад. Масалан, дар ибораи «ҳафт нафар омӯзгор» дар байни шумора (ҳафт) ва предмети шумурдашаванда (омӯзгор) нумеративи «нафар» истифода шудааст.

Пасвандҳои **-ум (-юм), -умин (-юмин)** аз шумораи миқдорӣ шумораи тартибӣ месозанд: панҷ–панҷум, сӣ–сиюм, як–якумин, ду–дуюмин.

Шумораҳо дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда меоянд: **даҳ** қалам, **бист** савор, шахси **сеюм,** солҳои **ҳафтодум.**

**Машқи 223.** Ба калимаҳои зерин таваҷҷӯҳ кунед. Шумораҳоро муайян намуда, ба дафтаратон нависед.

Нӯҳ, одам, гул, ширин, панҷоҳ, баланд, гиёҳ, гов, сеюм, хок, себ, олу, даҳ, нуздаҳ, бисту сеюм, об, кӯҳ, хушбӯй, қадбаланд, чордаҳ, ҳафтум, се, дарахт, болор, як, ҳазор, панҷсад, чилу чор, талх, сафед, дувоздаҳ, дуюмин.

**Машқи 224.** Бо шумораҳои зерин аввал ибора баъд ҷумла тартиб дода, аломати сарфӣ ва вазифаи наҳвии онҳоро муайян кунед.

Ҳафтод, чордаҳум, панҷумин, сеюмин, дуюм, нӯҳ, ҳазор.

**Машқи 225.** Ҷумлаҳоро нависед. Шумораҳоро муайян намуда шарҳ диҳед.

1. Имшаб чор кас омада, ба муқобили сесад кас ҷанг кардем ва душманро мағлуб кардем *(Р.Ҷалил)*. 2. Дар як ҷои ин саҳро як работи васеъ, ки атрофаш бо ҳафт похса девор печонида гирифта шуда буд, ба назар менамуд *(С.Айнӣ)*. 3. Дар гӯшаи аз ҳама дуртари хона, дар назди печка панҷумин иштироккунандаи маҷлис Ҳошим Корвон ҷойгир буд *(С.Улуғзода)*. 4. Меҳмонхона бо лампаи чилум гарм ва равшан шудагӣ буд *(С.Айнӣ)*. 5. Дусаду панҷоҳ нафар дар муқобили чор ҳазор кас, албатта, кам аст *(С. Айнӣ)*.

## ХЕЛҲОИ ШУМОРА

Шумораҳо аз ҷиҳати маъно ва аломатҳои дастуриашон ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд: шумораи микдорӣ ва шумораи тартибӣ.

## § 57. ШУМОРАИ МИҚДОРӢ

• Ба шумораҳо зеҳн монда гӯед, ки онҳо чиро ифода кардаанд.

1. Як, ду, даҳ, чордаҳ, бисту чор, сию панҷ, ҳазор, се ҳазор...
2. **Чор** нафар оҳангар, **даҳ** сар гов, **панҷ** дона анор, **шаст**то ниҳол....
3. **Ҳафт-ҳашт** духтар, **даҳ-понздаҳ** асп, **сад-дусад ҳазор** пул.....
4. **Чоряки дуюми** соли таҳсил, **аз панҷ се ҳиссаи** Замин, **сеяки** кор.....

**Шуморае, ки адади холису муҷаррад ва миқдори предметҳоро ифода намуда, ба саволҳои чанд?, чандто?, чӣ қадар? ҷавоб мешавад, *шумораи миқдорӣ* номида мешавад.** Масалан, **ду понзаҳ – як сӣ** гӯем, ададҳо муҷарраданд, вале

дар иборахои «**ду** бузича», **«понздаҳ** гунҷишк», **«сӣ** ниҳол» шумораҳо (ду, понздаҳ, сӣ) миқдори предметҳо (бузича, гунҷишк, ниҳол) -ро ифода менамоянд.

Шумораи миқдорӣ миқдори муайян, тахминӣ ва касрии предметҳоро мефаҳмонад. Чунончи, «**шаш** талаба» миқдори муайян, **«панҷ-шаш** талаба» миқдори тахминии талабагон аст, вале **«сеяки** талабагон» се ҳиссаи миқдори умумии талабагонро нишон медиҳад.

Аз ин рӯ, шумораи миқдорӣ ба хелҳои зерин ҷудо мешавад: **шумораи аслӣ, шумораи тахминӣ** ва **шумораи касрӣ.**

1. Шумораи аслӣ: панҷ қалам, чор нафар деҳқон, сесад сар гӯсфанд, даҳ дона себ, нӯҳто чормағз.

**Шуморае, ки миқдори муайяни предметҳоро мефаҳмонад, *шумораи аслӣ* номида мешавад:** Ҳазор монеа баромаданаш мумкин *(Ҷ.Икромӣ)*.

2. Шумораи тахминӣ: ҳафт-ҳашт китоб, понздаҳ-бист бех бодом, сӣ-чил нафар фаррош, чор-панҷто қалам.

**Шуморае, ки адади предметҳоро тахминан ифода мекунад, *шумораи тахминӣ* ном дорад:** Заминҳои бист-сӣ деҳқонро ба даст даровард *(С.Айнӣ)*.

3. Шумораи касрӣ: сеяки нон, аз нӯҳ се ҳиссаи халтаи орд, чоряк соат.

**Шуморае, ки ҳиссае аз адади бутунро ифода менамояд, *шумораи касрӣ* меноманд:** Аз сад яки айби ӯро ба раис гуфтам *(Р.Ҷалил)*.

**Машқи 226.** Ба шумораҳои миқдорӣ таваҷҷӯҳ намоед. Онҳоро ба хелҳои шумораи аслӣ, шумораи тахминӣ ва шумораи касрӣ ҷудо карда нависед.

Шаш, нӯҳ, се-чор, даҳ-понздаҳ, сеяк, чоряк, дувоздаҳ, чордаҳ, сӣ-чил, дусад-сесад, бисту ду, чилу чор, панҷоҳу нӯҳ, сию ду, бисту панҷ, панҷоҳу се, шасту нӯҳ, бист-бисту панҷ, чил-панҷоҳ, сад-саду панҷоҳ, аз се як, дуним, шашяк, сад, ҳазор, ду-се, аз панҷ ду.

**Машқи 227.** Ба шумораҳои зерин ибора созед. Бо

ибораҳои сохтаатон ҷумла тартиб диҳед. Хелҳои шумораи миқдориро муайян кунед.

Ҳафт, сад-дусад, чоряк, понздаҳ, сӣ-чил, аз шаш ду, панҷоҳу се.

**Машқи 228.** Ҷумлаҳоро нависед. Хелҳои шумораҳоро муайян намуда шарҳ диҳед.

1. Бозор бо як сару ҳазор савдо ва як дилу ҳазор хаёл ба хонаи худ даромад *(С.Айнӣ)*. 2. Ин гапҳоро шумо дар даруни меҳмонхона дар байни понздаҳ-бист нафар ёру ҷӯра зада метавонед *(С.Айнӣ)*. 3. Лекин машинаи рост ба ҷои шумо раванда аз сад якто наоянд, дигар ҳамааш то нисфи роҳ меравад *(Ф.Ниёзӣ)*. 4. Аз рӯи сандалӣ гирифта то поёни меҳмонхона чор дона шамъи нимчагии ҷойдорӣ нур мепошиданд *(С.Айнӣ)*.

## § 58. НУМЕРАТИВҲО

• Ба мисолҳои сутунҳо зеҳн монед. Гӯед, ки дар мисолҳои сутуни дуюм дар байни шумора ва предмети шумурдашаванда кадом калимаҳо истифода шудаанд. Вазифаи онҳоро муайян кунед.

| | |
|---|---|
| 1. Се мард, сӣ-чил ангиштkан | 1. Се нафар мард, сӣ-чил тан ангиштkан |
| 2. Шашсад гӯсфанд, чилу чор анор | 2. Шашсад сар гӯсфанд, чилу чор дона анор |
| 3. Даҳ китоб, сад ниҳол | 3. Даҳто китоб, сад бех ниҳол |

**Калимае, ки барои таъкиди миқдори предмет кор фармуда мешавад, *нумератив* ном дорад.**

Нумеративҳо одатан дар байни шумора ва предмети шумурдашаванда меоянд: ҳафт **нафар** талаба, сад **сар** буз, даҳ**то** себ, чил **бех** анҷир.

Нумеративи **-то (-та)** бо ҳамаи исмҳо истифода мешавад: чилто қалам, даҳто кабӯтар, бистто харгӯш.

Нумеративи «нафар» ба исмҳои шахс, «адад» ва «дона» ба исмҳои беҷон далолат мекунанд: ҳафт нафар ҳофиз, чор дона олу, панҷ нафар омӯзгор, шаш дона тухм.

Нумеративи «сар» бо исмҳое, ки номи ҳайвонотро ифода мекунанд, кор фармуда мешавад: даҳ сар гов, сесад сар гӯсфанд, чил сар буз, ду сар асп.

Ғайр аз ин, калимаҳои халта, бандча, ҷуфт, порча, даста, тӯб, тонна, гектар, таноб ва монанди инҳо ба вазифаи нумератив кор фармуда мешаванд: панҷ халта орд, ду бандча пиёз, се тӯб чит, ду ҷуфт кафш, даҳ порча матоъ, як даста гул, чор таноб замин, се тонна ангиштсанг...

**Машқи 228.** Ба ҷои сенуқтаҳо нумеративҳои мувофиқ гузошта, ибораҳоро нависед ва шарҳ диҳед.

Се... қалам, даҳ... китоб, се ... талаба, ҳафт ... навозанда, сад ... гӯсфанд, даҳ ... асп, панҷ ... себ, нӯҳ ... тухм, се ... кабӯтар, се ... биринҷ, чор ... гандум, ду ... райҳон, се ... пойафзол, се ... гул, ду ... чит, ёздаҳ ... ресмон.

**Машқи 229.** Ба ҷои сенуқтаҳо исмҳои мувофиқ гузошта ибораҳоро нависед. Бо онҳо се ҷумла тартиб диҳед.

Як даста..., се дона..., панҷ нафар..., ду ҷуфт..., чор тан..., чил бех..., дувоздаҳто..., даҳ литр..., ду таноб..., панҷоҳ нусха..., ду сар...

**Машқи 230.** Ҷумлаҳоро нависед. Нумеративҳоро муайян намуда шарҳ диҳед.

1. Ақаллан сӣ-чил тан ангиштканҳои рафтаро мегардондӣ... *(С.Айнӣ)*. 2. Дусаду панҷоҳ нафар дар муқобили чор ҳазор кас, албатта, кам аст... *(С.Айнӣ)*. 3. Ба як қитъаи замини вай чил бех анор шинонданд *(С.Улуғзода)*. 4. Бо ҳамаи ин як ҳазору шашсад сар гӯсфандамон дар як сол ду ҳазору ду сар шуд *(С.Айнӣ)*. 5. Аз 64 хоначаи тахтаи шоҳмот 32-тоаш сиёҳ мешавад.

**Машқи 232.** Бо нумеративҳои зерин аввал ибора баъд ҷумла тартиб диҳед.

***Н а м у н а: халта: даҳ халта гандум: Даҳ халта гандумро ба осиёб бурданд.***

Сар, нафар, -то, бех, дона, ҷуфт, тӯб.

## § 59. ШУМОРАИ ТАРТИБӢ

• Ба шумораҳои ҳар ду сутун зеҳн монед. Гӯед, ки шумораи сутуни дуюм аз ҷиҳати ифодаи маънӣ аз шумораи сутуни якум чӣ фарқ дорад.

| | |
|---|---|
| 1. Ҳафт, дувоздаҳ, бисту ду, ҳазор | 1. Якум, чорум, даҳум, бисту панҷум, сеюм, сиюм, чилу сеюм, сию якум |
| 2. Панҷ-шаш, даҳ-дувоздаҳ, сӣ-чил | 2. Якумин, дуюмин, бистумин, сиюмин |
| 3. Сеяк, шашяк, аз се як, чоряк | |

**Шумораҳое, ки дар вақти шумурдан тартиби предметҳоро мефаҳмонанд, *шумораи тартибӣ* ном дорад.** Шумораи тартибӣ ба саволи чандум? ҷавоб мешавад. Масалан, «шаш китоб» гӯем, шумораи «шаш» миқдори предмет – китобро ифода мекунад, вале дар ибораи «синфи шашум» шумораи «шашум» тартиби предмет–синфро мефаҳмонад. Шумораи тартибӣ дар вақти шумурдан истифода мешавад: ҷилди якум, боби дуюм, ошёнаи сеюм, хонаи чорум......

Шумораи тартибӣ аз шумораҳои миқдорӣ бо воситаи пасвандҳои **-ум (-юм), -умин (-юмин)** сохта мешавад: якум, дуюм, сеюм, чорум, бистум, сиюм, якумин, дуюмин, сеюмин, даҳумин, сиюмин...

**Машқи 233.** Шумораҳоро ба хелҳо ҷудо карда, аввал шумораҳои миқдорӣ баъд шумораҳои тартибиро нависед: панҷ, даҳум, шаш, шашяк, чор-панҷ, дуюм, се-чор, шаст, якум, се, чор, сеюм, чорумин, сиюмин, бисту се, чилу панҷ, даҳ-понздаҳ, сеяк, чоряк, сеюмин, ҳазору як, дусад, бист-бисту панҷ, ҳафтяк, шашум.

**Машқи 234.** Аз шумораҳои миқдории зерин бо воситаи пасвандҳои **-ум (-юм), -умин (-юмин)** шумораи тартибӣ созед.

Як, ду, се, бист, даҳ, сӣ, чор, панҷ, шаш, чил, панҷоҳ, бисту як.

**Машқи 235.** Аз шумораҳои тартибии зерин аввал ибораи изофӣ, баъд ҷумла тартиб диҳед.

Сеюм, нӯҳум, чорум, сию дуюм, шашум, ёздаҳум, бисту якум, нӯҳум.

**Машқи 236.** Ҷумлаҳоро нависед. Ба зери шумораҳои тартибӣ хат кашида, пасвандҳояшонро нишон диҳед.

1. Дар баробари ҳамин бригадаҳои дуюм ва чаҳорумро... танқид кард *(Ф.Ниёзӣ)*. 2. Соли сию якум ба Вахш кӯчида омадем *(С.Улуғзода)*. 3. Меҳмонхона бо лампаи чилум гарм ва равшан шудагӣ буд *(С.Айнӣ)*. 4. Лекин тири дуюми муаллим, ки дарҳол, пас аз тири якум баромада буд, Мансурбойро аз по афтонд *(Ҷ.Икромӣ)*. 5. Ман рафта, мувофиқи одат, аввал бо одами пешгоҳнишин вохӯрдӣ кардам, дуюм бо бинипучуқ, сеюм бо камонбинӣ *(С.Айнӣ)*. 6. Сардорамон тарҷумон ва ду муйсафедро ба қабати дуввум гусел карданд *(Ф.Муҳаммадиев)*.

**Машқи 237.** Нақшаро аз назар гузаронед ва ба келҳои шумора мисолҳо нависед.



# СОХТИ ШУМОРАҲО

Шумораҳо аз ҷиҳати сохт чор хел мешаванд: **содда, сохта, мураккаб** ва **таркибӣ.**

## § 60. ШУМОРАҲОИ СОДДА ВА СОХТА

• Ба шумораҳои сутунҳо таваҷҷӯҳ намуда, фарқи онҳоро аз ҷиҳати сохт муайян кунед. Гӯед, ки шумораҳои сутуни дуюм бо кадом пасвандҳо сохта шудаанд.

1. **Як**, ду, сӣ, чор, ҳашт, нӯҳ
2. Даҳ, бист, сӣ, чил, сад, ҳазор

1. **Якум**, даҳум, бистум, чилум, ҳазорум
2. Дуюм, сеюм, сиюм, якумин, сиюмин

Шумораҳо аз ҷиҳати сохт низ якранг нестанд. Масалан, шумораи «се» аз як реша, вале шумораи «сеюмин» аз решаю пасаванди **«-юмин»** иборат аст.

**Шумораҳое, ки аз як реша иборатанд, *шумораи содда* ном доранд:** ду, се, панҷ, ҳафт, нӯҳ, даҳ, сӣ, чил, шаст.

**Шумораҳое, ки реша ва пасванд доранд, *шумораи сохта* мебошанд:** якум, дуюм, сеюм, чорум, сиюм, якумин, сеюмин, сиюмин.

Шумораҳои сохта бо воситаи пасвандҳои **-ум (-юм) ва -умин (-юмин)** аз шумораҳои содда сохта мешаванд: якум, чорум, даҳум, дуюм, сеюм, сиюм, якумин, чорумин, бистумин, дуюмин, сеюмин, сиюмин.

**Машқи 238.** Ба шумораҳои зерин зеҳн монед. Онҳоро ба шумораҳои содда ва сохта ҷудо карда нависед.

Ду, се, чор, дуюм, сеюм, чорум, сиюмин, чорумин, якумин, шаш, ҳафт, ҳашт, шашум, ҳафтум, ҳаштум, шашумин, ҳафтумин, дуюмин, нӯҳ, даҳ, бист, сӣ, чил, даҳум, бистум, сиюм, чилум, сеюмин, чорумин.

**Машқи 239.** Аз шумораҳои соддаи зерин шумораи сохта созед.

Як, ду, се, чор, панҷ, даҳ, бист, сӣ, чил, шаст, шаш, сад.

**Машқи 240.** Бо шумораҳои соддаю сохтаи зерин аввал ибора, баъд ҷумла тартиб диҳед.

Ҳафт, ҳашт, нӯҳ, ҳафтум, даҳум, дуюм, сеюм.

**Машқи 241.** Ҷумлаҳоро хонед. Шумораҳои содда ва сохтаро муайян намуда, ба дафтаратон нависед.

1. Писараш соле ду бор ба ризои падараш меҳмондории рӯирост мекард *(С.Айнӣ)*. 2. ... бо ду ангушти дасти ростат аз ин дору як чимдӣ гирифта... ба чашмат мерезӣ *(С.Айнӣ)*. 3. Худатон дида истодаед, ки дар мо шаш мактаб мавҷуд аст *(Р.Ҷалил)*. 4. Бозор пас аз ин қарздорӣ ҳашт соли дигар ба хӯҷаин хизмат кард *(С.Айнӣ)*. 5. Дар ҳафтаи дуюм писари амаки падарам Иброҳимхоҷа ба Дарвешобод рафтагор шуд *(С.Айнӣ)*. 6. ... тирамоҳи сеюми дар қишлоқ ташкил шудани пункти тиббӣ хола ӯро гирифта ба шаҳр омад *(Р.Ҷалил)*. 7. Фасли деҳқонии дуюмин соли ҷанг ҳам дар ин деҳа мисли солҳои гузашта бо натиҷаҳои хуб ба анҷом расид *(Ф.Ниёзӣ)*.

## § 61. ШУМОРАҲОИ МУРАККАБ ВА ТАРКИБӢ

• Ба шумораҳои ҳар ду сутун таваҷҷӯҳ намуда, фарқи шумораҳои сутунҳоро аз ҷиҳати сохт муайян кунед.

| | |
|---|---|
| 1. Дусад, сесад, чорсад, панҷсад | 1. Бисту як, сию чор, панҷоҳу се, чилу чор |
| 2. Чордаҳ, чоряк, шашяк, ҳафтяк, дувоздаҳ, сеяк, ҳаштяк, ҳабдаҳ | 2. Чорсаду чилу панҷ, ду ҳазору шашсаду навад, ҳазору нӯҳсаду наваду панҷ |

Шумораҳо аз ҷихати сохт мураккаб ва таркибӣ низ мешаванд. Масалан, шумораи мураккаби «сесад» аз шумораҳои соддаи **«се»** ва **«сад»** сохта шудааст. Шумораи таркибии **«бисту панҷ»** бошад, аз шумораҳои **«бист»** ва **«панҷ»** бо воситаи пайвандаки **-у** таркиб ёфтааст.

**Шумораҳое, ки аз ду реша сохта шудаанд, *шумораи мураккаб* номида мешавад:** чордаҳ, дусад, шашсад, нӯҳсад, чоряк, шашяк.

**Шумораҳое, ки аз ду ва ё зиёда шумораҳо бо воситаи пайвандаки -у (-ю) таркиб ёфтаанд, *шумораи таркибӣ* ном дорад:** бисту як, чилу панҷ, сию чор, ҳазору шашсаду сию панҷ, шашсаду чор.

**Машқи 242.** Ба шумораҳои зерин зеҳн монда, сохти онҳоро муайян кунед. Шумораҳои мураккаб ва таркибиро ба дафтаратон нависед.

Дусад, сесад, чор, панҷ, сад, бисту се, сию шаш, чилу як, чорсад, сеяк, чоряк, шаш, ҳафт, ҳашт, чорум, сеюм, бисту чорум, сию дуюм, панҷсад, ҳафтсад, шашяк, ҳазору сесаду панҷ, ҳазору нӯҳсаду ҳаштоду се, нӯҳ, даҳ, ҳаштсад, ҳафтяк.

**Машқи 243.** Ҷумлаҳоро нависед. Шумораҳои мураккаб ва таркибиро муайян карда шарҳ диҳед.

1. Оқибати бозӣ ба «сади ману сади ту» қарор ёфт *(С.Айнӣ)*. 2. Боз чоряк соат вақт мондааст *(Ф.Ниёзӣ)*. 3. Агар дардатон зӯр бошад, бунакатон панҷсад нею шашсад *(С.Айнӣ)*. 4. ... маблағи қарздории Бозор дар соли сеюм – ба дусаду бист танга, дар соли чорум – ба дусаду ҳаштоду шаш, дар соли панҷум – ба сесаду ҳафтоду як, дар соли шашум – ба чорсаду ҳаштоду ду танга расид *(С.Айнӣ)*. 5. Ҷузҷонӣ умри ӯро *(Абӯалӣ ибни Синоро)* панҷоҳу се сол нишон медиҳад *(Р.Ҳошим)*.

**Машқи 244.** Бо шумораҳои мураккаб ва таркибии зерин ҷумла тартиб диҳед.

Дусад, шашяк, чорсад, чордаҳ, ҳаштоду ду, сию чор, ҳазор, саду чор.

**Машқи 245.** Аз шумораҳои содда шумораҳои мураккаб ва таркибӣ созед. Шумораҳои сохтаатонро шарҳ диҳед.

Ду, сад, чор, бист, панҷ, ҳафт, ҳазор, се, чил, шаст, шаш, нӯҳ.

## § 62. ИМЛОИ ШУМОРА

**1. Якҷоя навишта мешаванд:**

а) Шумораҳои мураккаб: дусад, сесад, панҷсад, чордаҳ, дувоздаҳ.

б) Пасванди шумораи тартибӣ: чорум, даҳум, сеюм, сиюм, якумин, дуюмин.

**2. Ҷудо навишта мешаванд:**

а) Шумораи касрӣ аз шумораҳои аслӣ: яку ним, сею чоряк, дую ним (вале дуним).

б) Шумораҳои таркибие, ки бо пайвандаки **-у (-ю, -ву)** корбаст шудаанд: бисту як, сиву се, дусаду сию чор, ҳазору чилу як.

**3. Бо нимтире навишта мешаванд:**

а) Пасвандҳои **-ум (-юм)** бо шумораҳои тартибии бо рақам ифодаёфта: синфи 5-ум, хонаи 3-юм, ҳавлии рақами 28-ум, ҷилди 12-ум.

б) Шумораҳои тахминӣ: як-ду (1–2), даҳ-понздаҳ (10–15), сӣ-чил (30–40).

в) Нумеративи **-то (-та)** бо шуморае, ки бо рақам ифода ёфтааст: 3-то, 5-то, 20-то, 10-та, 100-то, вале бо шуморае, ки бо ҳарф ифода гаштааст якҷоя: сето, панҷто, бисто, садта, даҳто...

*Истисно:* агар шумораи тартибӣ бо рақами римӣ ифода ёбад, пасванд навишта намешавад: синфи III (синфи сеюм), анҷумани IV омӯзгорон, ҷилди II.

**Машқи 246.** Ҷумлаҳоро нависед. Ба зери шумораҳои тартибӣ хат кашида, ба имлояшон диққат диҳед.

1. Мо 3-юми май ба осорхона меравем. 2. Муҳаббат имсол синфи 9-умро тамом мекунад. Сабоҳат дар партаи 2-юм менишаст. 4. Мо рӯзи 7-уми ноябр ба шаҳр рафтем. 5. Шарофат дар синфи VII, хоҳари ӯ дар синфи V ва додарчааш дар синфи II мехонанд.

**Машқи 247.** Шумораҳои тартибии зеринро бо рақам навишта, ба имлои пасванди **-ум (-юм)** диққат диҳед. Бо шумораҳо ҷумла тартиб диҳед.

Ҳафтодум, сию сеюм, саду дуюм, ҳазору нӯҳсаду панҷоҳу сеюм, нӯҳум, ёздаҳум, бисту дуюм.

**Машқи 248.** Шумораҳои миқдории зеринро бо ҳарф навишта, ба имлои онҳо диққат диҳед.

14 талаба, 25 қалам, 133 гӯсфанд, 66 ниҳол, 200 рӯз, ҳафт-ҳашт китоб, 15–20 дарахт, сӣ-чил сол, $\frac{1}{3}$ ҳиссаи нон, $\frac{1}{4}$ соли таҳсил, $\frac{1}{6}$ Замин.

**Машқи 249.** Рақамҳоро бо ҳарф ифода карда, ҷумлаҳоро нависед ва ба имлои онҳо диққат диҳед.

1. Ана ҳисоб кунед, аз солҳои 1927–1928, ки вай 7–8 сола буд, чанд сол гузаштааст *(Ф.Ниёзӣ)*. 2. Соли 1918 барои меҳнаткашони Туркистон бисёр бад омад *(С.Айнӣ)*. 3. Абдуллоҳи Ансорӣ 2-юми шаъбони соли 396 (майи 1006) дар Ҳирот таваллуд шудааст. 4. Таърихи вафоти ӯро аввали рамазони соли 428 қамарӣ, 18 июли 1037 мелодӣ мешуморад.... Вале аксарият соли таваллуди ӯро 980 ва вафоташро 1037 қабул кардаанд *(Р.Ҳошим)*.

Шарҳ: ҳангоми солшуморӣ шумораи тартибӣ бо шумораи миқдорӣ ифода мегардад: соли 1980–соли ҳазору нӯҳсаду хаштодум.

## § 63. ТАРЗИ ТАҲЛИЛИ САРФИИ ШУМОРА

***Нақшаи таҳлил:***

1. Кадом ҳиссаи нутқ аст ва ба кадом савол ҷавоб мешавад? Дар ҷумла ба кадом вазифа меояд?

2. Аломатҳои сарфӣ: а) миқдорист ё тартибӣ;

б) агар шумораи миқдорӣ бошад, хелаш (аслӣ, тахминӣ, касрӣ).

в) аз ҷиҳати сохт: содда, сохта, мураккаб ё таркибӣ;

г) бо нумератив омадааст, ё бе он.

<table>
<tr><td colspan="2">Намунаи таҳлил:<br>Аспакиҳо рӯзи бисту панҷум ба шаҳр расиданд.</td></tr>
<tr><th>Таҳлили шифоҳӣ</th><th>Таҳлили хаттӣ</th></tr>
<tr><td>Бисту панҷум шумора аст, тартиби предметро ифода карда, ба саволи чандум? ҷавоб мешавад. Дорои чунин аломатҳои сарфист: шумораи тартибӣ, аз ҷиҳати сохт таркибӣ аст, ба вазифаи муайянкунанда омадааст.</td><td>Бисту панҷум – шумора аст, чунки:<br>1. Тартиби предметро ифода мекунад.<br>2. Шумораи тартибӣ.<br>3. Ба саволи чандум? ҷавоб мешавад.<br>4. Аз ҷиҳати сохт таркибӣ аст.</td></tr>
</table>

**Машқи 249.** Ҷумлаҳоро хонед. Шумораҳои ишорашударо ба дафтаратон навишта, таҳлили хаттӣ кунед.

1. Арбоб Камол **панҷоҳ** сар гӯсфанду **як сар** маркабро ба дасти Одина супурда, ӯро ба хизмати чӯпонӣ ва ҳезумкашӣ фармуд *(С.Айнӣ)*. 2. Аз миён **бист** рӯзи дигар гузашт *(Р.Ҷалил)*. 3. Агар ҳамин даъворо карда, ҳамон **шашяки ним** таноб заминро мегирифт ҳам, ба ӯ чӣ мерасид? *(С.Айнӣ)*. 4. Чунон эҳтиёткорона ва ҳушёрона қадам мемонданд, ки **панҷ-шаш** қадам дуртар аз ҳамдигар рафта шарфаи пои якдигарро базӯр мешуниданд *(Р.Ҷалил)* 5. Агар ин тавр намекарда бошетон, ё наметавониста бошетон **ёздаҳ ҳазор** тангаи нақдаи ман додаро бо **панҷ ҳазор** тангаи мақбуз ба ман диҳетон *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 250.** Нақшаро аз назар гузаронед ва бо мисолҳо шарҳ диҳед.



## *Шарҳи луғат:*

**Маркаб** – ҳайвони саворӣ, хар
**Мақбуз** – ба даст омада
**Ато** – бахшиш, инъом
**Мулук** – ҷамъи малик, подшоҳ

## Савол ва супоришҳо:

1. Шумора чист? Мисол гӯед.
2. Шумора ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад? Бо мисолҳо фаҳмонед.
3. Шумора чанд хел мешавад? Мисол гӯед.
4. Шумораҳои миқдорӣ чанд хеланд? Бо мисолҳо фаҳмонда диҳед.
5. Шумораи аслӣ чист? Мисол гӯед.
6. Шумораи тахминӣ чист? Мисол гӯед.
7. Кадом хели шумораи миқдориро шумораи касрӣ мегӯянд? Мисол гӯед.
8. Шумораи тартибӣ чист? Бо мисолҳо фаҳмонед.
9. Шумораҳои тартибӣ бо кадом пасвандҳо сохта мешаванд? Мисол гӯед.
10. Нумератив чист? Бо мисолҳо фаҳмонед.
11. Шумораҳо аз ҷиҳати сохт чанд хеланд? Мисол гӯед.
12. Шумораи соддаро таъриф кунед. Мисол гӯед.
13. Шумораи сохта бо кадом пасвандҳо сохта мешавад? Мисол гӯед.
14. Шумораи мураккаб чӣ гуна шумора аст? Мисол гӯед.
15. Шумораи таркибӣ чист? Бо мисолҳо фаҳмонед.
16. Дар бораи имлои шумораҳо чиҳоро медонед? Бо мисолҳо фаҳмонед.
17. Тарзи таҳлили шумораро гӯед. Фикратонро бо мисолҳо собит намоед.
18. Шумораи «сию чор»-ро таҳлили шифоҳӣ кунед.

## § 64. ҶОНИШИН

• Ба калимаҳои ишорашудаи ҳар ду сутун зеҳн монед. Гӯед, ки калимаҳои ишорашудаи сутуни дуюм ба кадом ҳиссаҳои нутқ далолат кардаанд.

1. **Падарам** то синни чилсолагиаш паҳлавон будааст.
2. Дар барам куртаи сафеди **суфта** буд.
3. Ман **даҳ** дафтар дорам.

1. **Вай** қадбаланд, қоматаш рост, ришаш сипсиёҳ, пӯсти рӯяш сиёҳтоб буд.
2. **Ин гуна** либоси тоза маро хурсанд карда буд.
3. Бародарам ҳам **ҳамин қадар** дафтар дорад.

Дар таркиби луғавии забон калимаҳое мавҷуданд, ки ба ҷои исм, сифат ва шумора кор фармуда мешаванд. Чунин калимаҳо предметҳо, аломату миқдорро ифода накарда, балки ба онҳо далолат мекунанд. Ин гуна калимаҳо ба ҷонишинҳо мансубанд. Масалан, дар ҷумлаҳои «Мавлоно Ҷалолиддин танҳо бо тахаллуси «Балхӣ» эҷод накардааст. **Ӯ** бо лақаби «Румӣ» низ шуҳрат доштааст», ҷонишини «ӯ» ба исм – Мавлоно Ҷалолиддин далолат кардааст.

**Калимаҳое, ки ба предметҳо, аломату миқдори онҳо далолат карда, ба ҷои исм, сифат ва шумора кор фармуда мешаванд, *ҷонишин* ном доранд.**

Ҷонишин дар ҷумла ба вазифаи мубтадо, хабар ва аъзоҳои пайрав меояд.

1. **Ту** хавотир нашав *(Р.Ҷалил)*.
2. Подшоҳ **туӣ**, фармон аз **туст** *(С.Улуғзода)*.
3. Модари бечора **ӯро** аз ҷони худ азизтар мешуморад *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 252.** Ҷумлаҳоро навишта, ба ҷонишинҳои ишорашуда зеҳн монед. Гӯед, ки онҳо ба ҷои кадом ҳиссаҳои нутқ кор фармуда шудаанд.

1. **Вай** чӣ овард? *(С.Айнӣ)*. 2. **Мо** ба деҳа бо роҳи давродавр рафтанӣ шудем *(С.Улуғзода)*. 3. Аммо ҳеҷ

кадоми **ин гуна** хабарҳо ба азму иродаи Темурмалик футур нарасонид *(С.Айнӣ)*. 4. Нуралӣ он рӯз ва рӯзи дигар **ҳамин гуна** хаёлҳо мекард *(С.Улуғзода)*. 5. Ҷалолиддин ба муқобили муғулони бисёр **чандин** бор ҷангҳои мардонаи ғолибона карда душманро шикаст дод. *(С.Айнӣ)*. 6. Барои ин сарзамин мардум **чӣ қадарҳо** хун рехта, **чандин** касҳо сар бохтаанд *(Ф.Ниёзӣ)*.

**Машқи 253.** Ҷумлаҳоро хонед ва ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадани ҷонишинҳои ишорашударо гӯед.

**Ман** модарамро фақат як бор дидаам *(Ф.Ниёзӣ)*. 2. Акнун **шумо** падари вай ҳастед, мурдаю зиндааш дар дасти шумост *(С.Улуғзода)*. 3. Нур Носирович, дар **ҳамин хел** рӯз...чӣ кор мекунад *(Р. Ҷалил)*. 4. Магар ин ҷо кӯчабоғ буд, ки **ин хел** фориғбол меояд *(Ф.Ниёзӣ)*. 5. Барои мирзоӣ хату-саводам **он қадар** кор намеоянд... *(С.Айнӣ)*. 6. **Моёнро** мудири мактаб ва муаллимон пешвоз гирифтанд (*С.Улуғзода)*. 7. Он чизеро, ки ману Воронов **чандин** моҳ ин ҷониб ҷустуҷӯяш мекардем, ҳамин рӯз ёфт шуд *(Ф. Муҳаммадиев)*.

**Машқи 254.** Ба ҷонишинҳои зерин зеҳн монед. Ба кадом ҳиссаҳои нутқ далолат кардани онҳоро муайян карда, ба дафтаратон нависед.

Ман, шумо, ў, ҳамин қадар, ин гуна, ҳамон хел, он қадар, чӣ қадар, чандин, ҳама гуна, худ, ҳама.

**Машқи 255.** Мисолҳои зеринро нависед. Ҷонишинҳоро муайян карда, ба зерашон хат кашед ва шарҳ диҳед.

1. Ман воқеаи мактабхонии худро дар «Мактаби кӯҳна» ном асари худ батафсил зикр кардаам *(С.Айнӣ)*. 2. Маро бубахш, ки дарҳол гапро аз ин фоҷиаҳо сар кардам *(Ф.Ниёзӣ)*. 3. Шумоён дар ин ҷо маълумоти нағз мегиред *(С.Улуғзода)*.

4. Ту то суратпарастӣ, аҳли маъниро куҷо бинӣ?
Ба чашми аҳли маънӣ метавон дид аҳли маъноро.

*Камоли Хуҷандӣ*

5. Мо нагӯем баду майл ба ноҳақ накунем,
Ҷомаи кас сияҳу далқи худ азрақ накунем.

*Ҳофизи Шерозӣ*

## ХЕЛҲОИ ҶОНИШИН

Ҷонишинҳо аз рӯи маъно ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд: **шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ, ишоратӣ, саволӣ, таъинӣ, номуайянӣ, манфӣ, муштарак.**

## § 65. ҶОНИШИНҲОИ ШАХСӢ

• Ба ҷадвали зерин таваҷҷӯҳ намоед. Гӯед, ки ҷонишинҳои шахсӣ дорои чанд шахс ва чанд шумораанд. Чаро онҳоро ҷонишинҳои шахсӣ меноманд?

| **Шумораҳо / Шахсҳо** | **Танҳо** | **Ҷамъ** |
|---|---|---|
| Шахси якум — гӯянда | ман | мо, моён |
| Шахси дуюм — шунаванда | ту | шумо, шумоён, |
| Шахси сеюм — ғоиб | ӯ, вай | онҳо, онон |

Ҷонишинҳои шахсӣ ба ҷойи исмҳое, ки шахсро ифода мекунанд, кор фармуда мешаванд. Ин гурӯҳи ҷонишинҳо ба шахси гӯянда (ман, мо), шунаванда (ту, шумо) ва ғоиб (ӯ, вай, онҳо, онон) далолат менамоянд. Гӯяндаи суханро шахси якум, шунавандаро шахси дуюм ва ғоибро шахси сеюм меноманд. Ин се шахс дар шумораи танҳо ва ҷамъ воқеъ мегарданд (нигаред, ба ҷадвали ҷонишинҳои шахсӣ).

*Истисно:* ҷонишинҳои шахси сеюм (ғайр аз ӯ) на фақат ба исмҳои шахс, балки ба исмҳои ғайришахс (ҳайвонот, паррандагон, ҳашарот, наботот ва монанди инҳо) низ да-

лолат мекунанд: **Кабкҳо** дар ин дара маскан гирифтанд. **Онҳо** субҳгоҳон хушхонӣ мекунанд.

Шарҳ: ҷонишини шахси дуюми шумораи ҷамъ (шумо) барои эҳтиром ба ҷои ҷонишини шахси дуюми шумораи танҳо (ту) меояд: Далер аз бобояш пурсид:

– Шумо кай ба шаҳри Чирчиқ омадед?

– Имрӯз.

Ҷонишини **ман** бо пасванди **-ро** ояд, ҳарфи **н** меафтад.

Хуш аст аз ту саломе **маро** дар охири умр,
Чу нома рафт ба итмом, «вассалом» хуш аст.

*Камоли Хуҷандӣ*

**Машқи 256.** Ҷумлаҳоро нависед. Ба зери ҷонишинҳои шахсӣ хат кашида шарҳ диҳед.

1. Ман дар ҳақиқат ба шумо некӣ карданӣ ҳастам *(С.Улуғзода)*. 2. Мо як ҳафта ҳар шаб зиёфат ташкил кардем *(С.Айнӣ)*. 3. Ҳеҷ касро шарик нагирам, туро шарик мегирам, охир мову ту ошнои деринаку *(С.Улуғзода)*. 4. Ҳамаи шумоён – хонашери майдонғариб *(С.Айнӣ)*. 5. Моёнро мудири мактаб ва муаллимон пешвоз гирифтанд *(С.Улуғзода)*. 6. Пиразан ба коса боз об оварда, ба ӯ дароз намуд *(Р.Ҷалил)*. 7. Дар охири ин тамошогоҳи хаёлӣ як манзара меомад, ки вай хоб набуд *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 257.** Ҷумлаҳоро навишта, ба зери ҷонишини шумо хат кашед. Гӯед, ки ҷонишини шумо ба вазифаи кадом шахс омадааст. Чаро?

1. Ака Махдум, шумо ба ман меҳрубонии бародарона кардед *(С.Айнӣ)*. 2. Акнун шумо падари вай ҳастед, мурдаю зиндааш дар дасти шумост *(С.Улуғзода)*. 3. Шумо бо падари ман дар куҷо чӣ гуна ҷӯра шуда будед? *(С.Айнӣ)*. Шумо дар ин хусус ба гапи ҳеҷ кас гӯш накунед, Шодигул, маслиҳати ман ба шумо ҳамин *(С.Улуғзода)*. 5. Бисёр хуб, шумо имрӯз дар қатори мардикорон кор накунед, ман ба шумо як кори муносиби худатон мефармоям *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 258.** Бо ҷонишинҳои шахсӣ худатон чор ҷумла тартиб диҳед.

## § 66. ҶОНИШИНҲОИ НАФСӢ-ТАЪКИДӢ

• Ба ҷумлаҳои ҳар ду сутун таваҷҷӯҳ намуда, маънии ифодакардаи ҷонишини «худ»-ро муайян кунед.

| | |
|---|---|
| 1. Ман китобро ба рафиқам додам. | 1. Ман китоби худро ба рафиқам додам. |
| 2. Ҳамин якрӯза кор аст. | 2. Худи ҳамин якрӯза кор аст. |

Ҷонишинҳои **худ, хеш, хештан** ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ мебошанд. Ҷонишини худ бештар бо исму ҷонишинҳои шахсӣ омада, соҳибият ва таъкидро ифода менамояд. Ҷонишини «худ» дар ифодаи соҳибият баъд аз исму ҷонишинҳо, дар ифодаи таъкид бошад, пеш аз онҳо омада, бо бандаки изофӣ алоқаманд мегардад. Масалан, дар ҷумлаи «Ӯ ҷомадони худро наёфта ҷомадони маро гирифт» ҷонишини «худ» соҳибиятро ифода кардааст, аммо дар ҷумлаи «Худи Сафаров наомад» ҷонишини «худ» исм – «Сафаров»-ро таъкид намудааст.

Ҷонишини **«худ»** бандакҷонишин қабул карда, дар шаклҳои «худам», «худат», «худаш», «худамон», «худатон», «худашон» истифода мегардад: Худам ба дари хонаҳои мардум гашта ба ин синну сол расидаам *(С.Айнӣ)*.

Ҷонишинҳои **«хеш»** ва **«хештан»** муродифи ҷонишини **«худ»** буда, бештар дар назм истифода мешаванд:

Хешро мехонам акнун боз дар оғӯши ӯ,
Боз мехонам суруди тозае бар гӯши ӯ.

*Мирзо Турсунзода*

**Машқи 259.** Ҷумлаҳоро нависед. Ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидиро муайян намуда шарҳ диҳед.

1. Аз пайи вай худатон ҳам зудтар биёед *(С.Айнӣ)*. 2. Дузди калон худи арбоб *(Р.Ҷалил)*. 3. Ман падари худро надидаам, кӣ будани ӯро ҳам намедонам *(С.Айнӣ)*. 4. Ҳошим худаш кишт, худаш даравид, ху-

даш кӯфт *(С.Улуғзода)*. 5. Ба ин кори ман худи шумоён шоҳид ҳастед *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 260.** Ҷумлаҳоро навишта, ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидиро муайян намоед. Гӯед, ки онҳо кадом вазифаро иҷро кардаанд.

1. Ниҳоле, дарахте нест, ки чун одам тарҷимаи ҳоли худ, қиссаи саргузашти худро надошта бошад *(А.Шукӯҳӣ)*. 2. Ӯ аз болохона поин фуромада дар наздиктари рафчаҳо барои худ нишастгоҳ сохта аз он ҷо он занро дар зери чашми худ гирифт *(С.Айнӣ)*. 3. Ман воқеаи мактабхонии худро дар «Мактаби кӯҳна» ном асари худ батафсил зикр кардаам *(С.Айнӣ)*. 4. Бобоҷонов қавли худро...ба ҷо овард *(С.Улуғзода)*.

**Машқи 261.** Ҷумлаҳоро хонед. Ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидиро ёфта, вазифаи онҳоро муайян кунед.

1. Бекористии трактор на фақат занаш, балки худи ӯро ҳам шарманда кард *(Р.Ҷалил)*. 2. Худи Қурбоналиев ҳам мефаҳмид, ки бисёр вақт ин якравию худдонамиҳо чӣ тавр ба ӯ зарар меовард *(А.Шукӯҳӣ)*. 3. Ҳатто худи ман ҳам ба иғвои шайтон даромада гурехтанӣ шуда будам *(С.Айнӣ)*. 4. Бегоҳирӯзӣ пахтаҳоро баркашондему дар худи сари хирман Шарифаҷон кабӯтарро аз дасти ман гирифта, ба сандуқи дилаш овехт *(Р.Ҷалил)*.

**Машқи 262.** Ҷонишини «худ»-ро дар ҷумла бо бандакҷонишинҳо биёред.

## § 67. ҶОНИШИНҲОИ ИШОРАТӢ

• Ба калимаҳои ишоратшуда зеҳн монед. Гӯед, ки онҳо чиро ифода менамоянд.

1. Ана, **ҳаминҳо** буданд гули сари сабади маҷлис *(С.Айнӣ)*. 2. **Ин** мақоларо Аҳмад навиштааст. 3. ...хонаводае, ки то имрӯз **ин гуна** рӯзи сахтро надида буд, ғамхона шуд *(С.Айнӣ)*.

**Калимаҳое, ки ба предметҳо ё ба аломати онҳо ишорат мекунанд, *ҷонишини ишоратӣ* ном доранд.** Ҷонишинҳои ин, он, ҳамин, ҳамон, чунин ҷонишинҳои ишоратӣ мебошанд.

Ҷонишини **ин** ба предмети наздик, ҷонишини **он** ба предмети аз гӯянда дур ишора менамоянд: **ин** ҳавлӣ, **он** кӯҳ, **ҳамин** кор, **ҳамон** шаб, **чунин** рафтор... **Инҳо** заҳрпечакҳои ҳаёти моанд *(А.Шукӯҳӣ)*.

**Он** рӯз, ки ҳафтсола будӣ,
Чун гул ба чаман ҳавола будӣ.

*Низомии Ганҷавӣ*

Ҷонишинҳои **ҳамин** ва **ҳамон** ишораро таъкид менамоянд: Таклифи ман ҳамин ки аз ёрӣ рӯ гардондан даркор не *(А.Шукӯҳӣ)*. Ростӣ, ҳамон вақтҳо ман ҳам дар андеша афтода будам.

Ҷонишинҳои ишоратӣ бо калимаҳои **хел, гуна, навъ, тавр, сон** дар як таркиб омада, аломати предметро ишора мекунанд: ин хел, ин гуна, ин тавр, ин навъ, ин сон, он хел, он гуна, он тавр, он навъ, он сон, ҳамин хел, ҳамин гуна, ҳамин навъ, ҳамин тавр, ҳамон хел, ҳамон навъ, ҳамон гуна. Ин тавр бошад, ту метавонӣ аз пайи кори худ шавӣ *(С.Улуғзода)*.

Ҷонишинҳои ин хел, ин гуна, ин тавр, ин сон ва он хел, он гуна, он тавр, он сон ба якдигар хусусияти ҳаммаъноӣ доранд. Ба ҷойи ин гуна овоз ин хел, ин тавр, ин сон овоз низ гуфтан мумкин аст.

**Машқи 263.** Ҷумлаҳоро нависед. Ҷонишинҳои ишоратиро муайян намуда шарҳ диҳед.

1. Занат ҳам, модари занат ҳам дар ҳамин ҷо *(Р.Ҷалил)*. 2. Он чӣ, ки падарамро метарсонд, рӯй дод, яъне модари ӯгайи мо номеҳрубон баромад *(С.Улуғзода)*. 3. Дар он гуна вақтҳо дар баданам ларза меафтод *(С.Айнӣ)*. 4. Ва шогирди хуб он аст, ки ҳар чӣ аз устод омӯхта бошад, ба кор бурда тавонад *(Абӯалӣ Сино)*. 5. Дигар мо ба он тавр саҳву хатоҳо роҳ намедиҳем *(Ҷ.Икромӣ)*.

**Машқи 264.** Ба ҷумлаҳои зерин аз ҷонишинҳои дар қавсайн овардашуда мувофиқашро илова намуда хонед.

1. Шаҳр дар даҳ соли охир хеле обод шудааст. 2. Дарё аз қишлоқи мо ҷорӣ мешуд. 3. Абдулло буд, ки ба дарсҳои ман ёрӣ мерасонд. 4. Расмро ман бори аввал медидам. Рӯз ҳаво хеле гарм буд (ин, он, ҳамин, чунин, ҳамон).

**Машқи 265.** Бо истифодаи ҷонишинҳои ишоратӣ ҷумла тартиб диҳед.

## § 68. ҶОНИШИНҲОИ САВОЛӢ

• Ба калимаҳои ишоратшуда таваҷҷӯҳ намоед. Гӯед, ки онҳо чиро ифода менамоянд ва нисбат ба кадом хели предметҳо кор фармуда мешаванд.

1. Мардак дар **чӣ** хаёлу шумо дар **чӣ** хаёл? *(Ф.Ниёзӣ)*.

2. **Кӣ** медонист, ки он лаҳза аз дилаш **чиҳо** мегузашт? *(А.Самад)*.

3. Бигӯ рӯзҳои охир ба **куҷоҳо** рафта будӣ? **Киҳо** ҳамроҳат буданд? *(Ф.Муҳаммадиев)*.

**Ҷонишинҳое, ки пурсишро ифода мекунанд, *ҷонишини саволӣ* мебошанд. Ҷонишинҳои кӣ? (киҳо?), чӣ (чиҳо?), чӣ хел?, чӣ гуна?, кай?, куҷо?, чанд?, чаро?, кадом?, чӣ тавр?, чӣ тарз?** ба ҷонишинҳои саволӣ мансубанд: Бигӯ, ки дар куҷоҳо будӣ, чӣ дидию чӣ шунидӣ? *(Р.Ҷалил)*.

Ҷонишинҳоро аз ҷиҳати он, ки нисбат ба кадом мафҳум истифода мешаванд, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1. Нисбат ба мафҳумҳои ифодагари шахс: кӣ?, киҳо?

2. Нисбат ба мафҳумҳои ифодагари предметҳои ғайришахс: чӣ?, чиҳо?

3. Нисбат ба сифат: чӣ гуна?, чӣ хел?, кадом?

4. Нисбат ба замон: кай?

5. Нисбат ба макон: куҷо?

6. Нисбат ба миқдор ва тартиби предмет: чанд?, чӣ қадар?, чандум?

7. Нисбат ба сабаб: чаро?

8. Нисбат ба ҳолат: чӣ тавр?, чӣ тарз?

**Машқи 266.** Ҷумлаҳоро нависед. Ҷонишинҳои саволиро муайян карда шарҳ диҳед.

1. Аз кӣ чӣ гуна сирро фаҳмидӣ? *(С.Айнӣ)*. 2. Дадо, вай ангиштро чӣ хел мехӯрад? 3. Чӣ тавр нағз, чӣ тавр форам аст ин! *(Ҷ. Икромӣ)*. 4. Кадом писар? Наход ки зани ман писар ёфт *(Ҷ.Икромӣ)*. 5. Дар хонаи сиёҳ чанд кас менишаст? *(С.Айнӣ)*. 6. Дар ошёнаи чандум зиндагӣ мекунед? 7. Дар Тошканд чӣ қадар пул кор кардед? *(С.Улуғзода)*.

**Машқи 267.** Ба ҷои сенуқтаҳо ҷонишинҳои мувофиқ гузошта хонед.

1. Ту дар ... сол таваллуд шудаӣ? 2. Ҳоло ба ... даромадаӣ? 3. Ту хонданро ... ёд гирифтӣ? 4. Ба ту хондани ... маъқул аст? 5. Пас аз тайёр кардани дарсҳо ба ... кор машғул мешавӣ ? 6. ... кор кард?

**Машқи 268.** Бо истифодаи ҷонишинҳои саволӣ ҷумла тартиб диҳед.

Шарҳ: Ҷонишинҳои чӣ? ва кӣ? бо бандаки хабарии аст ояд, садоноки «а» меафтад: кист?, чист?: Ту кистӣ, чанд рӯз аст, ки дар дарсхонаи мо менамоӣ, аммо кӣ будани туро намедонам *(С.Айнӣ)*.

## § 69. ҶОНИШИНҲОИ ТАЪИНӢ

• Ба ҷумлаҳои дар сутунҳо овардашуда зеҳн монда, вазифаи калимаҳои ишорашударо муайян кунед.

| | |
|---|---|
| 1. Ба маъракаи пахтачинӣ иштирок карданд. | 1. Ба маъракаи пахтачинӣ **ҳама** иштирок карданд. |
| 2. Дар пеши хона полиз ва майдончаи ниҳолзоре буд. | 2. Дар пеши **ҳар** хона полиз ва майдончаи ниҳолзоре буд. |

**Ҷонишинҳое, ки предмет ё аломати онро бо тарзи умумӣ таъин менамоянд, *ҷонишинҳои таъинӣ* ном доранд.**

Масалан, дар ҷумлаи «ҳамаашон омаданд» ҷонишини

«ҳама» предметҳои ҳамҷинси якхеларо ба тарзи умумӣ таъин кардааст.

Дар ҷумлаи «Ҳар синф 20–25 нафар талаба дорад» ҷонишини «ҳар» маҷмӯи предметҳои ҳамҷинси аз предметҳои дигар ҷудо кардашударо таъин намудааст.

Ҷонишинҳои **«ҳама»** ва **«ҳар»** ҷонишини таъинӣ мебошанд. Ҷонишини **ҳар** бо калимаҳои **кӣ, чӣ, кас, чиз, кадом, як, гуна, хел, навъ** дар як таркиб омада, ба чанде аз предметҳои ҳамҷинс ва ё аломати онҳо далолат мекунанд: Ҳисобро ҳар кас хонад, ба пеши ягон кас рафта мехонад *(С.Айнӣ)*.

Дар бораи он **ҳар хел** гапҳо паҳн мешуд *(С. Улуғзода)*.

Ҷонишини **ҳар кӣ, ҳар кас** ба исмҳои шахс, **ҳар чӣ, ҳар чиз** ба исмҳои ғайришахс далолат мекунанд, ҷонишини ҳама бошад, бар ифодаи маҷмӯи предметҳо меояд...ҳар кас барои даромадан ба ин рӯихат корҳои худаш кардаро баён кардан гирифт *(С.Айнӣ)*. **Ҳар чӣ** гӯяд, «лаббай» мегуфтанд, **ҳар чӣ** хонад, муҳайё мекарданд *(Ҷ. Икромӣ)*. Саримсоқи кӯса ба дасту китфу гарданаш ҳаракатҳои ғалатӣ карда **ҳамаро** механдонд *(С.Улуғзода)*.

**Машқи 269.** Ҷумлаҳоро нависед. Ҷонишинҳои таъиниро муайян карда шарҳ диҳед.

1. Ҳамаи инҳо чораҳои агрономиро медонистанд, *(С.Улуғзода)*. 2. Аз ҳар гӯшае лашкари фитна ва ошӯб бо санг ва чӯб сар баровард *(Аз «Фатҳнома»)*. 3. Дар зиндагӣ ҳар кадоми инҳо даркор аст... *(С.Айнӣ)*. 4. ...оби ин ҳар гуна иллатро барҳам медиҳад *(С.Айнӣ)*. 5. Ба ҳар ҷое, ки пой мемондӣ, замини фалонӣ, мулки фалонӣ, оби фалонӣ *(С.Улуғзода)*. 6. ... ҳамаи бандиёнро як-як аз назар гузаронид... *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 270.** Матнро нависед, ба ҷои сенуқтаҳо аз ҷонишинҳои дар қавсайн додашуда мувофиқашро гузоред.

Аҳли оилаи Фотима ... говҷӯшанд. Модари Фотима нисфи умри худро ба ин касб бахшида, говҷӯширо ба ... фарзандаш омӯзонидааст. Фотима ва хоҳаронаш бо роҳи тайкардаи модарашон равонанд. Онҳо ... ҳам-

мусобиқаанд. Хоҳарон медонанд, ки инсон дар ҷамъият ба шарофати меҳнати софдилонаю нек ҳунарманд мешавад. Барои ҳамин ҳам онҳо ба чорво аз тахти дил нигоҳубин карда аз ... гов зиёда аз нақша шири аълосифат мечӯшанд (ҳама, ҳар як, ҳар се, ҳар сар).

## § 70. ҶОНИШИНҲОИ НОМУАЙЯНӢ

• Ба калимаҳои ишоратшудаи сутуни дуюм зеҳн монед. Гӯед, ки калимаҳои ишоратшудаи сутуни дуюм чӣ гуна предметҳо, аломат ва миқдорро далолат мекунанд.

| | |
|---|---|
| 1. Имсол хоҷагиҳо ҳосили баланд рӯёниданд. | 1. Имсол **баъзе** хоҷагиҳо ҳосили баланд рӯёниданд. |
| 2. Дастаи ҳаваскорони мактаб имшаб консерт медиҳад. | 2. Дастаи ҳаваскорони мактаб **ягон** шаб консерт медиҳад. |
| 3. Соро кори илмии тадқиқотии худро тамом карда меомадааст. | 3. Соро **ким-кадом** кори худро тамом карда меомадааст. |

**Ҷонишинҳое, ки ба шахсу аломатҳои номуайян ва миқдори номуайяни предметҳо далолат мекунанд, *ҷонишини номуайянӣ* ном дорад.** Ҷонишинҳои **фалон, фалонӣ, бисмадонӣ, беҳмадон, баъзе, ягон, чанде, якчанд, чандин, ким-кӣ, ким-чӣ, ким-кадом, ким-чӣ хел, ким-чӣ гуна, ким-чӣ тавр** ба ҷонишинҳои номуайянӣ мансубанд: Фалонӣ имсол даҳ тоқӣ ғалла коштааст, бисмадонӣ понздаҳ тоқӣ... Нуралӣ ва Каримов баъд аз он ким-чӣ гуна мубоҳисае сар карданд... аз ким–кадом анбор биринҷ ё мош гирифта меоварданд. *(С.Улуғзода)*. Ҷонишинҳои номуайянии **ким-кӣ, фалонӣ, бисмадонӣ** ба шахси номуайян, ҷонишинҳои **ким-чӣ гуна, ким чӣ хел, ким-чӣ тавр** ба аломати номуайян, ҷонишинҳои **чанд, чанде, якчанд, чандин** бошад, ба миқдори номуайяни предметҳо далолат мекунанд: Фалонӣ аз фалон гузар амри хайр доштааст *(С.Айнӣ)*.

Давлат ба ким-чӣ хел хаёлҳо рафта буд *(Ф.Ниёзӣ)*. Чанд гурӯҳ меҳмони дигар ҳам омада ош хӯрда рафтанд *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 271.** Ҷумлаҳои зеринро нависед. Ҷонишинҳои номуайяниро муайян намуда шарҳ диҳед.

1. Бирав бигӯ, ки фалонӣ омадааст, хоҷаро фавран дидан мехоҳад *(С.Улуғзода)*. 2. Ин лат ба андозае буд, ки нафаси ҷӯрабошӣ якчанд сония ба дарун афтид *(Р.Ҷалил)*. 3. Кадом рӯз, ки қадаматро беҷо мондӣ, ҳамон рӯз бо дастёрии ин хат туро ба кӯрқозиҳо ошно хоҳам кард *(С.Айнӣ)*. 4. Ба чандин устоди забардаст чандин сол хизмат карда, ин ҳунарро ба даст овардаам *(С.Айнӣ)*. 5. Аз ашъори Бедил ягон байт хон, бинам, ки маънӣ дорад ё не? *(Садри Зиё)*.

**Машқи 272.** Ба ҷои сенуқтаҳо аз ҷонишинҳои дар қавсайн овардашуда мувофиқашро гузошта, ҷумлаҳоро нависед.

1. ... бачагон аз ӯҳдаи ... кор набароянд ҳам, гапашон калон аст. 2. Талабаи мактаб бояд ин гуна хислат надошта бошад. Бача аз шарм худро ... ҳис мекард. 3. Шокир ... -ро ҷустуҷӯ мекард, аммо нагуфт, ки ...-ро меҷӯяд. 4. Як одам маро ба ... хешаш монанд карда, аз ман ...-ро пурсид. Баъд саҳвашро фаҳмида узр хост (Баъзе, ягон, ким-чӣ хел, ким-кӣ, фалонӣ, ким-кадом, ким-кӣ).

**Машқи 273.** Бо ҷонишинҳои номуайянии «баъзе», «ким-кадом», «якчанд», «ким-чӣ хел», «ким-кӣ» ҷумла тартиб дода, вазифаи онҳоро гӯед.

## § 71. ҶОНИШИНҲОИ МАНФӢ

• Ба калимаҳои ишоратшуда таваҷҷӯҳ намоед. Гӯед, ки онҳо ба чӣ далолат мекунанд.

1. **Ҳеҷ кас** ӯро шаступанҷсола намепиндорад *(Р.Ҷалил)*.

2. Ба назарам **ҳеҷ чӣ** наменамуд *(Ҳ. Карим)*.

3. Ман он вақтҳо **ҳеҷ гуна** бозиро намедонистам *(С.Айнӣ)*.

**Ҷонишинҳое, ки ба набудани шахсу предмет ё аломати предмет далолат мекунанд, *ҷонишини манфӣ* ном дорад.**

Калимаи «ҳеҷ» ба ҷонишини манфӣ мансуб аст. Ҷонишини «ҳеҷ» бо калимаҳои **кӣ? чӣ? кадом? кас, чиз, як, гуна** дар як таркиб меояд: **ҳеҷ кӣ, ҳеҷ чӣ, ҳеҷ кадом, ҳеҷ кас, ҳеҷ чиз, ҳеҷ як, ҳеҷ гуна:** Аммо ҳеҷ кадоми ин бозиҳо дили маро хуш намекард *(С.Улуғзода)*. Ҳеҷ гуна гап ба гӯши командир намедаромад *(Ҳ. Карим)*.

Шарҳ: Хабари ҷумлаи бо ҷонишини манфӣ тартиб додашуда дар шакли инкорӣ меояд: Ҳеҷ кадоми он бандиён лаб намекушоданд *(С.Айнӣ)*. Тамоми рӯз бо ҳеҷ кас ҳамгап нашудам ва аз ҳеҷ кас чизе напурсидам *(С.Улуғзода)*.

**Машқи 274.** Ҷумлаҳоро нависед. Ҷонишинҳои манфиро муайян намуда, вазифаи онро шарҳ диҳед.

1. Аммо Аслонхоҷа дар аввали кор ба бародараш ҳеҷ роҳи чораву тадбирро нишон надодааст *(С.Айнӣ)*. 2. Бе ҳеҷ гуна машқ қалам ба даст гирифта, бо дастҳои ларзон он ҳарфҳоро дар коғазе сархатвор навиштам *(С.Айнӣ)*. 3. Ҳеҷ яке аз он сифатҳоро мо дар ошнои деринаамон надида будем *(С.Улуғзода)*. 4. Дили пурсаховати ӯ ҳоло чашмаеро ба хотир меовард, ки оби зулолашро аз ҳеҷ кас дареғ намедорад *(А.Самад)*. Ҳеҷ гуна шакку шубҳа дар роҳи мо пеш наёмад ва ҳеҷ гуна туҳмат моро аз он қасд бознадошт *(Абӯалӣ Сино)*.

**Машқи 275.** Ба ҷои сенуқтаҳо ҷонишинҳои манфии мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро нависед.

1. ... овозе ба гӯшам нарасид *(Ҷ.Икромӣ)*. 2. Хати маро ба ғайр аз худам ... хонда наметавонист *(С.Айнӣ)*. 3. Барои ҳар кас ва ҳар чиз як ном лозим аст, ки ... набошад, дар ғайби он кас ва он чиз он номро ба забон гирифта, аз вай гап зананд *(С.Айнӣ)*. 4. Бе ... машқ ба даст қалам гирифта, бо дастҳои ларзон он ҳарфҳоро дар коғазе сархатвор навиштам *(С.Айнӣ)*. 5. ... нест, ки ба хондан наярзад ва охир ... ҳикоят аз

нуқтае, ки ба кор ояд, холӣ набошад *(Абулфазли Байҳақӣ)*.

**Машқи 276.** Ҷонишинҳои зеринро истифода намуда, чор ҷумла тартиб диҳед.

Ҳеҷ, ҳеҷ кадом, ҳеҷ кас, ҳеҷ чӣ.

## § 72. СОХТИ ҶОНИШИНҲО

• Ба ҷонишинҳои ишорашуда зеҳн монда, сохти онҳоро муайян кунед.

1. **Мо – ману шумо** айбдор ҳастем *(Ҷ.Икромӣ)*.
2. Сафар дар ҷустуҷӯи **ҳамин** роҳ ба фикр фурӯ рафт *(Ф.Ниёзӣ)*.
3. Чиғатой **чандин** ҳазор саворони ҷarrорро ... ба сафар баровард... *(С.Айнӣ)*.
4. **Ҳар як** савор зӯр мезад, ки ба наздики буз равад *(С.Улуғзода)*.

Ҷонишинҳо аз ҷиҳати сохт чор хел мешаванд: **содда, сохта, мураккаб** ва **таркибӣ.**

Ҷонишини содда аз калимаҳои решагӣ иборат аст: ман, ту, худ, кӣ?, куҷо?, ин, он, ҳеҷ, кадом.

**Ҷонишинҳое, ки аз ҷонишини содда бо воситаи пешванд сохта шудаанд, *ҷонишини сохта* ном дорад:** ҳамин, ҳамон.

**Ҷонишинҳое, ки аз ду ва зиёда решаҳо иборатанд, *ҷонишини мураккаб* номида мешаванд:** чандин, чандон, ончунон, якчанд.

**Ҷонишинҳое, ки аз ду ҷонишин ва ё аз ҷонишини соддаю калимаҳои ҷудогона таркиб ёфтаанд, *ҷонишини таркибӣ* ном дорад:** ҳар кӣ, ҳеҷ кадом, ҳар кас, ҳар чиз, чӣ қадар.

**Машқи 277.** Ҷонишинҳоро аз ҷиҳати сохт ба хелҳо ҷудо карда, ба дафтаратон нависед.

Ӯ, худ, хеш, кӣ, ин хел, ҳамин хел, ин гуна, ҳар, якчанд, чандин, ҳеҷ, фалон, ҳеҷ кас, чандон, ҳеҷ як, ҳар

кадом, ҳеҷ кас, ҳама, ин сон, вай, ту, чӣ хел, чӣ гуна, чӣ, чанд, ҳамин, ҳамон, ҳеҷ гуна.

**Машқи 278.** Ҷумлаҳоро хонед. Ҷонишинҳоро муайян карда, аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

1. Ҳар шаб донишҷӯён дар хонаи ӯ ҷамъ мешуданд, ман қисмате аз «Шифо» мехондам ва дигаре аз китоби «Қонун» мехонд *(Абӯалӣ Сино)*. 2. Ҳофизҳо меоянд ё не? Чаро дер карданд? *(Ҷ.Акобир)*. 3. Ҳар кӣ обе медиҳад, баҳри савобе медиҳад *(Камоли Хуҷандӣ)*. 4. Ҳар кадоми чашмаҳои дар ин чашмасор буда ба қадре сероб аст, ки як санг ё ним санги осиёро мегузаронад *(С.Айнӣ)*. 5. Вакил сарлавҳаи манзумаҳо ва якчанд сатри онҳоро шунаво хонд *(С.Улуғзода)*.

**Машқи 279.** Ба ҷонишинҳои сохта, мураккаб ва таркибӣ ҷумлаҳо нависед.

## § 73. ИМЛОИ ҶОНИШИН

1. Ҷонишинҳои саволии **кӣ?** ва **чӣ?** дар алоҳидагӣ ва дар дохили ҷонишинҳои таркибӣ бо **«и»** -и заданок **(ӣ)** навишта мешаванд: Кӣ омад?, чӣ гуфтӣ?, ҳар кӣ, ҳар чӣ, чӣ тавр, чӣ хел, чӣ қадар.

2. Ҷонишинҳои мураккаб якҷоя навишта мешаванд: якчанд, чандин, чандон, ончунон...

3. Ҷонишинҳои номуайянии зерин бо нимтире навишта мешаванд: ким-кӣ, ким-чӣ, ким-кадом, ким-чӣ хел.

4. Ҷузъҳои ҷонишинҳои таркибӣ ҷудо навишта мешаванд: ин гуна, он гуна, ин қадар, он қадар, ҳар як, ҳеҷ як, ҳар қадар, чӣ гуна, чӣ хел, чӣ қадар, чӣ навъ ва ғайра.

**Машқи 280.** Ҷумлаҳоро нависед. Ҷонишинҳоро муайян намуда, имлои онҳоро шарҳ диҳед.

1. Ба сари шумо чӣ балоҳоро оварданд ва шавҳаратонро чаро парронданд? *(С.Айнӣ)*. 2. Чӣ кор кард? *(Ҷ.Икромӣ)*. 3. Шумо аз уҳдааш набароед, кӣ мебарояд? *(Ф.Ниёзӣ)*. 4. Чӣ хел ҳила будааст? *(Ҷ.Икромӣ)*.

5. Кӣ медонад, ки баъди даҳ соли дигар ин ҷо чӣ гуна намуд пайдо мекунад? *(Р.Ҷалил)*.

**Машқи 281.** Ҷумлаҳоро хонда, ҷонишинҳои мураккаб ва таркибиро муайян кунед. Онҳоро ба дафтаратон навишта, имлояшонро шарҳ диҳед.

1. Чунон писар бош, ки Ватан ҳам туро доимо ёд кунаду дӯст дорад *(Ф.Ниёзӣ)*. 2. Нуралӣ он рӯз ва рӯзи дигар ҳамин гуна хаёлҳо мекард *(С.Улуғзода)*. 3. Дар ин гуна зиёфатҳо ман ҳам яке аз меҳмонони рӯйирост будам *(С.Айнӣ)*. 4. Якчанд савора аз даруни беша баромада, ба сӯи мо меомаданд. 5. Аммо вай, албатта, ҳеҷ чӣ нагуфт *(П. Толис)*.

**Машқи 282.** Ҷумлаҳоро навишта, ҷонишинҳои номуайяниро муайян кунед ва имлои онҳоро шарҳ диҳед.

1. Мамараҷаб ба саҳифаҳои дафтар баҳудаю беҳуда чашм давонда, баъзан бо қалам ким-чӣ аломатҳо мегузошт *(Ф.Ниёзӣ)*. 2. Агар зинда бошем, – гуфт Қодирмӯйсафед, – ким-чӣ хел рӯзҳои шодмониро аз сар мегузаронем *(Ҷ.Икромӣ)*. 3. Ӯ ким-чӣ гуна коғазро хонда, ба ким-чӣ гуна фикру хаёл ғарқ шуда нишаста буд *(С.Улуғзода)*. 4. Ба ким-кадом маҷлиси машваратии вилоят рафта буданд *(С.Улуғзода)*.

## § 74. ТАРЗИ ТАҲЛИЛИ САРФИИ ҶОНИШИН

***Нақшаи таҳлил:***

1. Кадом ҳиссаи нутқ аст, ба кадом савол ҷавоб мешавад ва вазифааш дар ҷумла.

2. Аломатҳои сарфӣ: а) Ба кадом ҳиссаи нутқ далолат мекунад; б) Хели ҷонишин: шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ, саволӣ, ишоратӣ, таъминӣ, номуайянӣ, манфӣ; в) Аз ҷиҳати сохт: содда, сохта, мураккаб, таркибӣ.

***Намунаи таҳлил:***

Дигар мо ба **он гуна** суханҳо бовар накардем.

| Таҳлили шифоҳӣ | Таҳлили хаттӣ |
|---|---|
| **Он гуна** ҷонишин аст, ба аломати предмет ишора мекунад (сифат) ва ба саволи **чӣ гуна** ҷавоб мешавад. Дорои чунин аломатҳои сарфист: ҷонишини ишоратӣ буда, аз ҷиҳати сохт таркибӣ аст.<br>Ба вазифаи муайянкунанда омадааст. | **Он гуна**-ҷонишин, чунки:<br>1. Ба аломати предмет далолат мекунад.<br>2. Ҷонишини ишоратӣ.<br>3. Ба сифат ишора карда ба саволи чӣ гуна? ҷавоб мешавад.<br>4. Аз ҷиҳати сохт таркибӣ аст. |

**Машқи 283.** Ҷумлаҳоро хонед. Ҷонишинҳои ишорашударо ба дафтаратон навишта, таҳлили хаттӣ кунед.

1. Дар даруни молхона якчанд сар хобида буданд. 2. Муаллим, инро бинед, Собир бо сиёҳӣ **ким-чӣ** навиштааст. 3. **Ҳеҷ** овозе ба гӯшам нарасид *(Ҷ.Икромӣ)*. 4. **Ҳар як** сухани ӯ дар бораи ҷингиламӯям ба мани пирсол як қабат гӯшт меафзуд *(Ҳ.Карим)*. 5. Ӯ ҳавлӣ ва ҷои истиқомат надошт *(С.Айнӣ)*. 6. Мана ба **ҳаминҳо** барои ба хизмати аскарӣ рафтан розигӣ доданд.

**Машқи 284.** Нақшаро аз назар гузаронида, ба ҳар яки онҳо мисолҳо нависед.



### Савол ва супоришҳо:

1. Ҷонишин чист? Мисол гӯед.
2. Ҷонишинҳо ба ҷои кадом ҳиссаҳои нутқ меоянд? Мисол гӯед.
3. Ҷонишин чанд хел мешавад? Бо мисолҳо фаҳмонда диҳед.
4. Ҷонишини шахсӣ чист? Бо мисолҳо фаҳмонед.
5. Дар бораи ҷонишини нафсӣ-таъкидӣ чиро медонед? Мисол гӯед.
6. Ҷонишини ишоратӣ чист? Бо мисолҳо фаҳмонед.
7. Ҷонишини таъиниро номбар кунед. Онҳо чиҳоро таъин менамоянд?
8. Кадом ҷонишинҳоро ҷонишини саволӣ меноманд? Мисол гӯед.
9. Дар хусуси ҷонишинҳои номуайянӣ чиҳоро медонед? Мисол гӯед.
10. Ҷонишини манфӣ чист? Бо мисолҳо фаҳмонед.
11. Дар бораи имлои ҷонишинҳо чиҳоро медонед? Мисол гӯед.
12. Тарзи таҳлили ҷонишинро фаҳмонед. Мисол гӯед.
13. Ҷонишинҳо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешаванд? Мисол гӯед.
14. Ҷонишини «ҳар-кӣ»-ро таҳлили хаттӣ кунед.

# ФЕЪЛ

## § 75. ТАКРОРИ ДАРСҲОИ СИНФИ V

### Савол ва супоришҳо:

1. Феъл чист? Бо мисолҳо фаҳмонед.
2. Дар бораи асосҳои феъл чиҳоро медонед? Мисол гӯед.
3. Кадом бандакҳои феълиро медонед? Мисол гӯед.
4. Тасриф чист? Феъли «хондан» ва «навиштан»–ро тасриф кунед.
5. Фарқи феълҳои бавосита аз феълҳои бевосита дар чист? Мисол гӯед.
6. Кадом пешвандҳои шаклсози феълро медонед. Мисол гӯед.

**Машқи 285.** Ҷумлаҳоро нависед. Феълҳоро муайян карда, асос ва бандакашонро шарҳ диҳед.

1. Чӣ механдӣ, ин ҷо ҷойи масхарабозӣ-мӣ? *(Ф.Ниёзӣ)*. 2. Акнун камтар арзи маро шунавед *(Ҷ.Икромӣ)*. 3. Акнун ман рафтам, шаб ҳам бевақт шуд *(Ф.Ниёзӣ)*. 4. Вақте ки комиссия омад, ана баъд ба кори амалӣ сар мекунем *(Ҷ.Икромӣ)*. 5. Тухмҳои таърифӣ якта намонда шикастаанд *(Ф.Муҳаммадиев)*.

**Машқи 286.** Ба асосҳо таваҷҷӯҳ намоед. Онҳоро бо тартиби зерин ба дафтаратон нависед.

1) Асоси замони гузашта. 2) Асоси замони ҳозира.

хӯр, часп, шукуф, ҷӯш, хӯрд, часпид, шукуфт, ҷӯшид, бор, боф, дав, кан, борид, бофт, давид, канд, куш, кушо, кӯш, лес, кушт, кушод, кӯшид, лесид, хон, нӯш, нӯшид, пӯшид, андоз, банд, бар, деҳ, бин, дид, дод, андохт, баст, бурд.

**Машқи 287.** Ҷумлаҳоро хонда, феълҳоро муайян кунед. Онҳоро бо тартиби зерин ба дафтаратон нависед: 1) Феълҳои бевосита. 2) Феълҳои бавосита.

1. Акбар дар суфачаи дарвозахона нишаст *(Р.Ҷалил)*. 2. Ба котиб гуфтам, ки идораро шӯёнад *(Р.Ҷалил)*. 3. Аҳмадбек ба қафо нигарист *(Ф.Муҳаммадиев)*. 4. Ҳамаи чор абзоли зиндагониро муҳайё карда, ба илова онҳоро мехононанд, ҳунар меомӯзонанд *(Ҷ.Икромӣ)*. 5. Фурсате гузашту Ҷамилаи дар рӯйи ҷойгаҳ хамёзаю дарозкашида чашмакони сиёҳашро пӯшид. *(Р.Ҷалил)*. 6. ... имсол деҳқонони он ҷоро кор фармуда, ҳамон заминҳоро гандум ва шолӣ корондам *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 288.** Ҷумлаҳоро навишта, феълҳоро муайян кунед. Гӯед, ки пешвандҳои ин феълҳо чӣ гуна пешвандҳо мебошанд.

1. Телефон накунед, мулоқот наҷӯед, мактуб нанависед, ба ҳар кас саломи паём нафиристед *(Ф.Муҳаммадиев)*. 2. Дар гирду атроф ким-чӣ хел одамҳои

ношинос мегарданд, воқеанависӣ мекунанд *(Ҷ.Икромӣ)*. 3. Ба хонаи духтараш биравад ва дастнигари домодаш бишавад? *(Ҳ.Карим)*. 4. Аз вай шохи дарахт кулчаҳоро биёр *(Ҷ. Икромӣ)*. 5. Аз гунҷишк тарсӣ – арзан макор. 6. Охир, ӯро панҷоҳудусола мегӯянд-ку! *(Ф.Муҳаммадиев)*. 7. Аммо ин сангпушти бузурги раъдовоз ҳанӯз ба нимаи роҳ нарасидааст *(Ф. Муҳаммадиев)*.

## § 76. ТАРЗҲОИ ФЕЪЛ

• Ба феълҳои ишорашуда зеҳн монед. Гӯед, ки дар ҷумлаҳои кадом сутун иҷрокунандаи амал мубтадост.

| | |
|---|---|
| 1. Ҳакимҷон чой овард. | 1. Чой оварда шуд. |
| 2. Талаба дарсашро тайёр кард. | 2. Дарс тайёр карда шуд. |
| 3. Чӯпон гӯсфандонро бештар дар ҷангалзор мечаронид. | 3. Кӯчаҳо мумфарш кунонида шуданд. |

Дар забони тоҷикӣ амал ду тарзи иҷро дорад: фоилӣ ва мафъулӣ. Дар тарзи фоилӣ мубтадо иҷрокунандаи амал аст, аммо дар тарзи мафъулӣ мубтадо иҷрокунандаи амал нест. Масалан, дар ҷумлаи «Собир қарорро навишт» иҷрокунандаи амал (Собир) мубтадо аст, вале дар ҷумлаи «Қарор навишта шуд» «қарор» мубтадо бошад ҳам, иҷрокунандаи амал нест, яъне амал аз тарафи «қарор» иҷро нашуда, балки дучори амал гардидааст. Аз ин рӯ, мубтадои мантиқӣ пуркунандаи ҷумла мебошад. Аз ин ҷиҳат ин тарзи суханрониро тарзи мафъулӣ меноманд.

Тарзи мафъулӣ ба воситаи феълҳои ёридиҳандаи ***шудан*** ва ***гардидан*** сурат мегирад.

**Машқи 289.** Ҷумлаҳоро нависед. Феълҳоро ёфта тарзи онҳоро муайян кунед.

1. Ман чизи фармудаи шуморо муҳайё кардам *(С.Улуғзода)*. 2. Тамоми чизҳо дар вақташ ба бригадаи Тоҷибой саркор тақсим карда шуданд *(Ҳ.Карим)*. 3. Дар ним соат ширчой тайёр шуд *(С.Айнӣ)*. 4. Ма-

рия қомати зебои худро рост кард *(Р.Ҷалил)*. 5. Дар токчаҳо китобҳо болои ҳам чида шудаанд *(С.Улуғзода)*. 6. Ман тобистони соли 1916-ро бештар бо саёҳат гузаронидам *(С.Айнӣ)*

**Машқи 290.** Ба феълҳои зерин зеҳн монда, тарзи онҳоро муайян кунед. Онҳоро бо тартиби зерин нависед:

1. Тарзи фоилӣ, 2. Тарзи мафъулӣ.

Овардан, гузоштан, навишта шудан, нишастан, супурда шудан, омадан, рафтан, хестан, изҳор карда шудан, шунида шудан, хӯрда шудан, паридан, сохта шудан, чарондан, зада шудан, чинонда шудан, хомӯш карда шудан.

**Машқи 291.** Ҷумлаҳоро хонед. Ҳамаи феълҳо бо феъли ёридиҳандаи шудан омадаанд, кадоми онҳо тарзи мафъулӣ ва кадомашон фоилианд?

1. Ӯ сангсор карда мешавад *(С.Айнӣ)*. 2. Ин тавр бошад, ман аз ҳамин вақт сар карда зарбдор шудам... *(С.Айнӣ)*. 3. Лашкаркашӣ бе ҳила намешавад *(Р.Ҷалил)*. 4. Дар рӯи Бобоҷон аломати хурсандӣ, вале дар симои Хайрӣ ҷиддият ва ҳайрат пайдо шуданд. 5. Як ҷо равем, дуртар аз баҳр, дар болои регзор гулхани баланде афрӯхта шуда буд *(А.Баҳорӣ)*. 6. Ин хел бошад, меҳнати мо чӣ мешавад? *(С.Улуғзода)*.

**Машқи 292.** Ба тарзҳои фоилӣ ва мафъулӣ сетоӣ мисол навишта, онҳоро шарҳ диҳед.

## § 77. ФЕЪЛҲОИ МОНДА ВА ГУЗАРАНДА

• Ҷумлаҳои сутунҳоро муқоиса кунед. Гӯед, ки амали онҳо чӣ гуна иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| 1. Наргис аз мактаб рафт. | 1. Наргис мактуб навишт. |
| 2. Гов дар марғзор чарид. | 2. Гов алафро хӯрд. |
| 3. Имрӯз коса шикаст. | 3. Ман косаро шикастам. |

Феълҳое мавҷуданд, ки таъсири амали онҳо ба предмети дигар мегузарад. Масалан, дар ҷумлаи «Далер ҳезумро шикаст» таъсири амали феъли «шикаст» ба предмети дигар (ҳезум) гузаштааст. Вале, таъсири амали гурӯҳи дигар феълҳо ба предмети дигар намегузарад. Чунончи, дар ҷумлаи «Об омад» таъсири амали феъли «омад» ба предмети дигар нагузашта, амал дар иҷрокунандаи амал (об) мондааст.

**Феълҳое, ки таъсири амали онҳо ба предмети дигар намегузарад, *феъли монда* номида мешавад:** Асп медавад. Собир хобидааст.

**Феълҳое, ки таъсири амали онҳо ба предмети дигар мегузарад, *феъли гузаранда* ном дорад:** Солеҳ мактубро хонд. Барот пахта мечинад.

*Истисно:* Дар забони тоҷикӣ баъзе феълҳо ҳам гузаранда, ҳам монда мешаванд. Гузаранда ё монда будани онҳо дар ҷумла муайян мегардад. Чунончи, дар ҷумлаи «Фаррух обро рехт» иҷрокунандаи амал – рехт Фаррух аст ва предмети дигар (об) ба таъсири амали ӯ дучор гардидааст. Вале дар ҷумлаи «Баргҳо рехтанд» иҷрокунандаи амал «баргҳо» буда, предмети дигар ба таъсири амал дучор нагардида, амал дар худи иҷрокунанда –баргҳо мондааст. Аз ин рӯ, феъли «рехтан» дар ҷумлаи аввал феъли гузаранда буда, дар ҷумлаи сонӣ феъли монда мебошад.

**Машқи 293.** Феълҳои мондаро ба як сутун ва феълҳои гузарандаро ба сутуни дигар нависед.

Давидан, дурахшидан, ёфтан, донистан, дӯшидан, даргирифтан, хандидан, гузоштан, дӯхтан, дидан, гуфтан, гирифтан, дарафтидан, гудохтан, даравидан, даридан, ғӯтидан, ҷаҳидан.

**Машқи 294.** Феълҳои мондаи зеринро ба феъли гузаранда баргардонед.

***Н а м у н а: расидан — расондан***

Расидан, хобидан, шиштан, давидан, гаштан, вазидан, ғалтидан, гурехтан, даргирифтан, даридан.

**Машқи 295.** Феълҳои гузарандаро ба феъли монда баргардонед.

Бедор кардан – бедор шудан

Бедор кардан, ором кардан, хомӯш кардан, паҳн кардан, овоза кардан, соф кардан, хушк кардан, зиёд кардан, шод кардан, гум кардан.

**Машқи 296.** Ҷумлаҳоро нависед. Ба зери феъли монда як ва ба зери феъли гузаранда ду хат кашед.

1. Ришу мӯйлабаш ларзиданд *(Р.Ҷалил)*. 2. Низомиддин табассуми даври даҳонашро ғундошт *(Ҷ.Икромӣ)*. 3. Дафъаи дигар ба худи ҳамин майдон ӯро Салим–муаллим кашола карда овард *(Ф.Муҳаммадиев)* 4. Фирӯза ба ҳуҷраи таи айвони дарвозахона даромад, Мирак ба рӯи суфаи таги айвон нишаст *(Ҷ.Икромӣ)*. 5. Пагоҳ суҳбат мекунем *(Ф.Муҳаммадиев)*. 6. Давлат ӯро шинохт *(Р.Ҷалил)*. 7. Ҳамин тавр, се-чор дарс мехонданду ҷавоб мешуданд *(Ҷ.Икромӣ)*.

## § 78. ФЕЪЛҲОИ МУТЛАҚ ВА ДАВОМДОР

• Ҷумлаҳоро хонед ва ба феъли ҷумлаҳои ҳар ду сутун зеҳн монед. Гӯед, ки амали феъли ҷумлаҳои кадом сутун давом дорад. Амали феъли ҷумлаҳои сутуни дигар чӣ?

| | |
|---|---|
| 1. Мошин ба рӯи суфакӯҳ баромад. | 1. Заҳро кӯзаро бардошта омада истодааст. |
| 2. Ҷонишинатон нағз ғайрат кард. | 2. Боди берун бӯйи ғаллаи расидаро меовард. |
| 3. Барно ба ин ҷо омада буд. | 3. Шумо оҳиста-оҳиста чидан гиред. |

Феълҳо дорои ду намуд мебошанд: намуди мутлақ ва намуди давомдор.

**Феъле, ки амали ба анҷом расидаро ифода мекунад, *феъли мутлақ* номида мешавад:** рафтам, дидӣ, гирифт, хондем, шунидед, омаданд, дида будам, хонда шудам, хӯрда шудам.

**Феъле, ки амали иҷро шудаистода, иҷрошаванда ва ё бисёркаратаро ифода мекунад, *феъли давомдор* ном дорад:** хонда истодаам, мехонам, хондан гирифт, рафта истодааст, меравад, рафтан гирифтам.

**Машқи 297.** Ба феълҳо зеҳн монда, феълҳои мутлақ ва давомдорро муайян кунед. Феълҳои мутлақро ба як сутун ва феълҳои давомдорро ба сутуни дигар нависед.

Рафтам, омаданд, хандида истодааст, мерафтем, баромада буд, ҳозир шуд, гирифта буданд, меовард, мегуфтанд, хӯронда истод, итоат мекарданд, задан гирифт.

**Машқи 298.** Ба ҷои сенуқтаҳо феълҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро нависед ва намудҳои феълро муайян кунед.

1. Баҳори сабзу хуррам ва зебо ... . 2. Деҳқонон имсол ҳосили фаровон ... . 3. Дар пахтазорҳои хоҷагӣ кор ... . 4. Ҳар пагоҳ шамоли форам ... . 5. Наим дар ҳамин деҳа ... . 6. Инак, шумо бахти худро ... .

**Машқи 299.** Ҷумлаҳоро нависед. Феълҳоро ёфта, ба зери феъли мутлақ як хат ва ба зери феъли давомдор ду хат кашед.

1. Тирамоҳу зимистон гузашта, баҳор омад *(Ф.Ниёзӣ)*. 2. Ойқиз ба хона дер баргашт *(Ш.Рашидов)*. 3. ...ӯ дар мағзи беда ва коҳ ва дар зери бандҳои шох даромада руст шуда мехобид. *(С.Айнӣ)*. 4. Вай ҳам газетаи имрӯзаро хонда буд *(Ш.Рашидов)*. 5. Аммо то чанд гоҳ, ҳар бор ки хоҳ бой бошад, хоҳ занаш ӯро медиданд, мезадандаш *(С.Айнӣ)*. 6. Ӯҳу! Тароша ба-

рин дағал шуда истодаӣ-ку! *(Ф.Муҳаммадиев)*. 7. Ҳа Мунира! Давон-давон ба куҷо рафта истодаӣ дар ин боронгарӣ? *(С.Улуғзода)*.

**Машқи 300.** Ба феълҳои мутлақ ва давомдор сетоӣ ҷумла тартиб дода, феълҳоро шарҳ диҳед.

## СИҒАҲОИ ФЕЪЛ

**Шаклҳои феълиеро, ки барои ифодаи муносибати ба амал доштаи гӯянда корбаст шудаанд, *сиға* мегӯянд.** Сиға муносибати гӯяндаро ба амал мефаҳмонад. Аз ин рӯ, феъл шаклан тағйир ёфта, барои ифодаи хабар, эҳтимол, шарту хоҳиш ё амр мусоидат мекунад. Масалан, феъли «рафтанд» ба вуқӯъ омадани амалро мефаҳмонад (хабар), вале феъли «рафтагистанд» амали эҳтимолиро ифода мекунад.

Дар забони тоҷикӣ чор сиға ҳаст: **хабарӣ, шартию хоҳишмандӣ, амрӣ** ва **эҳтимолӣ.**

### § 79. СИҒАИ ХАБАРӢ

• Ҷумлаҳоро хонда феълҳоро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо ба кадом замон мансубанд ва чӣ гуна муносибати гӯяндаро ба амал (хабар, амр, эҳтимол ё шарту хоҳиш) ифода кардаанд.

1. Роҳила рӯяшро пӯшида ба хона даромада рафт *(Р.Ҷалил)*.

2. Писараш подаро ба чарогоҳ ронда истодааст *(Р.Ҷалил)*.

3. Ба назарам, пиразан ҳам туро дӯст медорад *(Р.Ҷалил)*.

4. То зиндаем, аз шумо миннатдор хоҳем буд *(Р.Ҷалил)*.

Сиғаи хабарӣ ба вуқӯъ омадан ё наомадани амалро дар ҳамаи замонҳои феъл ифода мекунад: омад, омада истодааст, меояд, хоҳад омад, наомад, намеояд.

Шаклҳои феълии ин сиға тавассути ба асосҳои замони гузашта ва ҳозира ҳамроҳ гаштани бандакҳои феълӣ ва хабарӣ сурат мегиранд: рафтам, рафтаам, рафта истодааст, мегӯям, намегӯяд, мерафтем, хоҳӣ дид.

**Машқи 301.** Ҷумлаҳоро нависед. Феълҳоро ёфта, замон ва сиғаи онҳоро муайян кунед.

1. Аз гунҷишк тарсӣ – арзан накор *(Зарб.)*. 2. Хоб пахш кард, хобидам *(С.Айнӣ)*. 3. Доруҳои духтур додагиро хӯрдед-мӣ? *(Ҷ.Икромӣ)*. 4. Инак, дар вақти вафоти падарам ман ба дасти модарам ёздаҳмоҳа мондаам *(Ҳ.Карим)*. 5. Бахти ту акнун гул карда истодааст... *(Ҷ.Икромӣ)*. 6. Аз қади хӯроку аз бари пӯшок мезанаду пул мегундорад *(Р.Ҷалил)*. 7. Охир, вай мункир шуда метавонад *(Р.Ҷалил)*. 8. Худи ҳамин қайд нишон медод, ки ҳеҷ кор нахоҳад шуд *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 302.** Аз масдарҳои зерин феълҳое созед, ки ба шаклҳои гуногуни сиғаи хабарӣ мансуб бошанд.

***Н а м у н а: омадан — омадам, меомадам, омада буд, омада истодааст, хоҳад омад.***

Рафтан, хестан, хӯрдан, кардан.

**Машқи 303.** Чор ҷумла тартиб диҳед, ки феълҳояшон ба сиғаи хабарӣ мансуб бошанд.

## § 80. СИҒАИ ШАРТИЮ ХОҲИШМАНДӢ

• Ҷумлаҳоро хонда, ба феълҳои ишоратшуда зеҳн монед. Онҳоро аз ҷиҳати сохт ва тобиши маъноӣ шарҳ диҳед.

1. Меҳнат **кунӣ,** роҳат мебинӣ.

2. Қорӣ Исматро аз хона баровардand, ки ба ҳавлии худ **равад.**

3. Тӯйро ба чор кас маъқул карда **гузаронем.**

4. Об **бошад,** ободонӣ мешавад.

Феълҳои мансуби сиғаи шартию хоҳишмандӣ амалеро ифода мекунанд, ки ба вуқӯъ омадани он ба майлу хоҳиш ё шарте вобаста аст. Масалан, дар ҷумлаи «Кор кунӣ, нон мехӯрӣ» феъли «кор кунӣ» шарти амал (нон хӯрдан)-ро ифода менамояд. Аз ин рӯ, феъли «кор кунӣ» ба сиғаи шартию хоҳишмандӣ мансуб аст.

Шакли феълҳои шартию хоҳишмандӣ аз асоси замони ҳозира бо ҳамроҳ шудани бандаки феълӣ сурат мегирад:

рав+ам, рав+ӣ, рав+ад,
рав+ем, рав+ед, рав+анд.

Шакли сиғаи шартию хоҳишмандиро аорист низ меноманд, ки маънои замони номуайянро дорад: гӯям, гӯй, гӯяд, гӯем, гӯед, гӯянд.

**Машқи 304.** Ҷумлаҳоро хонда маънидод кунед. Феълҳои мансуби сиғаи шартию хоҳишмандиро муайян карда шарҳ диҳед.

1. Меҳнат кунӣ, роҳат мебинӣ. 2. Ҳар пагоҳӣ бо варзиш машғул шавӣ, саломат ва бақувват мешавӣ. 3. Агар дар тахмини худ хато карда бошӣ, ташвиши муфт мекашем. 4. На ин ки ман бо ҳамин риши сафед ту барин кӯдакро фиреб диҳам *(С.Айнӣ)*. 5. Агар дар мадрасаи Мири Араб ғалмағали муллоҳоро тамошо мекарда бошам, дар ин ҷо ин ҳам набуд *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 305.** Феълҳои дар дохили қавсайн бударо ба шакли сиғаи шартию хоҳишмандӣ баргардонда, мисолҳоро нависед.

1. (Ғайрат кардан), корро ҳамин рӯз ба охир мерасонем.
2. Асп намегузошт, ки Ҳодибой аз пешаш (рафтан).
3. Ҳамватанон маслиҳат доданд, ки Восеъ ҳозир барои баргаштан ба кӯҳистон (шитоб накардан).
4. Шодӣ ҳамин рӯз (омадан)...

**Машқи 306.** Феълҳоро ба сиғаи шартию хоҳишмандӣ баргардонед ва тасриф кунед.

Дидан, навохтан, сохтан, фиристодан, чидан, нӯшидан, пӯшидан, бархостан, ҷустуҷӯ кардан.

## § 81. СИҒАИ АМРӢ

• Ҷумлаҳоро хонед ва ба феълҳои ишоратшуда зеҳн монед. Онҳоро аз ҷиҳати сохт ва шахсу шумора шарҳ диҳед.

1. Ма, меҳмон, чой **бинӯш.**
2. Ту акнун баҳузур **хоб кун**. *(А.Баҳорӣ)*.
3. Акнун камтар арзи моро **шунавед** *(Ҷ.Икромӣ)*.
4. ....вай накл кунад, шумо **бишнавед!** *(Ҳ.Карим)*.

**Шаклҳои феълие, ки изҳори хоҳишу илтимос, фармону супориш, даъвату таъкид ва водоркуниро ифода менамоянд, *сиғаи амрӣ* номида мешавад.**

Масалан, дар ҷумлаи «Ту ин китобро хон» феъли «хон» супоришро мефаҳмонад, вале феъли «дароед» дар ҷумлаи «як ба пеши директор дароед» хоҳишро ифода намудааст.

Сиғаи амрӣ амалеро ифода менамояд, ки нисбат ба шахси дуюм гуфта шудааст. Феълҳои мансуби ин сиға фақат як шахс, яъне шахси дуюми танҳо ва ҷамъ дорад. Шахси дуюми шумораи танҳои он асоси замони ҳозираи феъл буда, шахси дуюми шумораи ҷамъ бо роҳи ба асос ҳамроҳ кардани бандаки феълӣ (-ед) корбаст мешавад: рав–равед, бин–бинед, гир–гиред, хез–хезед.

Шакли сиғаи амрӣ пешванди **би (-бу)** қабул мекунад: гӯй– бигӯй, рав–бирав, гир–бигир, хез–бихез, бин–бубин, бар–бубар.

Шакли инкории сиғаи амрӣ тавассути пешванди **на-, ма-** сохта мешавад: навис–нанавис, хӯр–нахӯр, шав–нашав, рав– марав, гӯй–магӯй.

**Машқи 307.** Аз масдарҳои зерин сиғаи амрӣ созед.

***Н а м у н а: дӯхтан—дӯз***

Нӯшидан, сӯхтан, пӯшидан, тамошо кардан, тамом кардан, бурдан, хӯрдан, рафтан, хестан, гирифтан.

**Машқи 308.** Ба ҷои сенуқтаҳо сиғаҳои амрӣ гузошта, ҷумлаҳоро нависед.

1. Ту ба мо мактуб ...

2. Шумо романи «Дохунда»-ро ....
3. Бачаҳо, дар маҷлисгоҳ ҷамъ ....
4. Шумо аз дигарон ақиб....
5. Модарҷон, пагоҳ ба мактаб ....
6. Ин китобҳоро ба китобдори мактаб....

**Машқи 309.** Зарбулмасалҳоро хонед ва сиғаи амриро ёфта шарҳ диҳед.

1. Аз миннат тарсу аз меҳнат натарс. 2. Меҳнат куну тоҷи сари ҳама бош. 3. Об хӯрӣ, ҷӯйбор тоза кун. 4. Кабӯтари дубома нашав. 5. Ангура хӯру боғашро напурс. 6. Намак хӯрдӣ, намакдон нашикан.

## § 82. СИҒАИ ЭҲТИМОЛӢ

• Ҷумлаҳоро навишта ба феълҳои ишоратшуда зеҳн монед. Сохт ва маънии ин феълҳоро шарҳ диҳед.

1. Ягон моҳ **шудагист.**
2. Ҳоло Фирӯза дар донишгоҳ **хонда истодагист.**
3. То баҳор сохта **тамом мекардагистем?**

Шаклҳои феълие мавҷуданд, ки амалу ҳолатро ба таври тахмин, эҳтимол, гумон ва шубҳа ифода мекунанд. Масалан, дар ҷумлаи «Шарифа ба мактаб рафтагист» феъли «рафтан» дар шакли «рафтагист» амалро ба тарзи эҳтимол ифода кардааст.

**Шаклҳои феълие, ки ба вуқӯъ омадан ё наомадани амалро ба тарзи гумону эҳтимол ифода мекунанд, *сиғаи эҳтимолӣ* номида мешавад: омадагист, хеста истодагист, мехобидагист, рафтагистанд...**

Ин сиға аз сифати феълии замони гузашта (рафта) бо пасванди **-гӣ,** шакли ноқиси бандаки хабарии **аст (ст)** ва бандакҳои феълӣ корбаст мешавад: рафта+ги+ст+ед – рафтагистед.

Шахси сеюми шумораи танҳои феълҳои сиғаи эҳтимолӣ бандак қабул намекунад.

Омадагистам – омадагистем

Омадагистӣ – омадагистед

**Омадагист** – омадагистанд

Сиғаи эҳтимолӣ дорои замонҳои гузашта, ҳозира ва оянда мебошад: Онҳо шунидагистанд. Борон борида истодагист. Шумо мехондагистед.

Ҳамаи шаклҳои замонии сиғаи эҳтимолӣ тасриф мешаванд:

Мехӯрдагистам – мехӯрдагистем
Мехӯрдагистӣ – мехӯрдагистед
Мехӯрдагист – мехӯрдагистанд

**Машқи 310.** Ҷумлаҳоро нависед. Шаклҳои замонии сиғаи эҳтимолиро муайян карда шарҳ диҳед.

1. Ба ҳама чиз қаҳтӣ биёяд ҳам, ба ҳезум қаҳтӣ намеомадагист *(Ӯ.Кӯҳзод)*. 2. Аз дастам биёяд, ягон ёрдам ҳам мерасидагист *(С.Турсун)*. 3. Модар аз дер мондани ман хавотир шудагист. 4. Ҳоло дар ағба барф борида истодагист. 5. Шодӣ ба идораи ҷамоа рафта буд, ҳоло ҳам дар ҳамон ҷо будагист *(Ҷ.Икромӣ)*.

**Машқи 311.** Ба ҷои сенуқтаҳо сиғаи эҳтимолӣ гузошта, ҷумлаҳоро нависед.

1. Рӯйи осмонро абри ғавс фаро гирифтааст, борон ... 2. Гулмоҳ дар таътили тобистона ба пеши мо ... 3. Ҳаво бегоҳ кушода ... 4. Шумо имрӯз дар ҳамин ҷо ...? 5. Шумо китоби таъинкардаи маро ... ? 6. Мактуби ту баъди ду-се рӯз ба хоҳарат рафта ...

**Машқи 312.** Сиғаи хабариро ба сиғаи эҳтимолӣ баргардонда, ҷумлаҳоро нависед.

1. Ин садои гунбур-гунбури бисёр бадҳайбат Ёдгорро аз хобаш бедор кард.

2. Бахти Мирзолатиф тофту ба заводи равған ба кор даромада тавонист.

3. Ҳамроҳи Давлатов сар-сари замини хоҷагии ҳамсояашон мерафтем. 4. Ашӯр сари аспро ба тарафи кӯҳ гардонд. 5. Аз ин муомилаи дурушт Салимбой ва Гулрӯ тамом ҳайрон шуда, ба Пӯлод нигоҳ карданд.

**Машқи 313.** Ба шаклҳои замонии сиғаи эҳтимолӣ (гузашта, ҳозира, оянда) дутогӣ ҷумла тартиб диҳед.

# СОХТИ ФЕЪЛҲО

Феълҳо аз ҷиҳати сохт ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: содда, сохта ва таркибӣ.

## 83. ФЕЪЛҲОИ СОДДА

• Ҷумлаҳоро хонда, ба феълҳои ишоратшуда таваҷҷӯҳ намоед. Таркиби онҳоро муайян кунед.

1. Ҳақиқатан, он муллоро писари шумо **ғалтонд** *(С.Айнӣ)*.

2. Агар аз гапи ман бароӣ, **мезанам** *(С.Айнӣ)*.

3. Падарам аз ман **мепурсид** ва ман ҷавоб медодам *(С.Айнӣ)*.

4. Биё, додарам, ҳар ду як гӯштин **бигирем** *(Ф.Муҳаммадиев)*.

**Феълҳое, ки танҳо аз як асос иборатанд, *феълҳои содда* ном дорад:** гир–гирифт, бар–бурд, рав–рафт, хӯр–хӯрд, дор–дошт...

Феълҳои содда пешвандҳои шаклсози **ме-, би- (бу-)** ва бандакҳои шахсӣ гиранд ҳам, феълҳои содда ҳисоб мешаванд: бихонд, меравам, мебурд, медиҳӣ, бидеҳ, бубин, бубар ...

**Машқи 314.** Ҷумлаҳоро хонед. Феълҳои соддаро навишта, таркиби онҳоро муайян кунед.

***Н а м у н а: ме—рав—анд.***

1. Талабагон матнро хомӯшона мехонданд.
2. Он рӯз аз субҳ то шом беист барф борид.
3. Бирав, писарам, шолиро мо худамон мекӯбем.
4. Ҳавлӣ мерӯфтам, об меовардам, ҳезум мечидам.
5. Ҳофиз ба рафиқонаш рости гапро гуфт.
6. Кош, Моҳ мебаромад.

**Машқи 315.** Ба ҷои сенуқтаҳо феълҳои соддаи мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро нависед.

1. Насими форам ... 2. Борон бошиддат ... 3. Рамаҳо

ба кӯҳ ... 4. Бачагон дар лаби ҷӯйбор ... 5. Ту ба ман китоб ...! 6. Ман мактуби бародарамро ... 7. Шумо ба куҷо ...? 8. Баргҳои зардшудаи дарахтон ...

**Машқи 316.** Ҷумлаҳоро хонед. Феълҳои соддаи ишоратшударо навишта таҳлил кунед.

***Н а м у н а: бубинӣ — бу (пешванд), бин (асос), -ӣ (бандак).***

1. Ин кӯҳи азим таронаҳо **дорад** ҳамчу чашмаҳои равон, уқобон дорад баландпарвоз. 2. Ба обаш рӯй **мешӯям,** гулҳояшро мебӯям ва бо худ гулдастае **мегирам,** ҳадя барои дӯстонам. 3. Ман борҳо домани ин кӯҳро **гузаштаам.** 4. Ӯ нақшаҳои бисёр нозук ва маккоронае **мекашад.** 5. **Бубин,** тафовути роҳ аз куҷост то ба куҷо? 6. Солеҳ аз паси модараш **мерафт.**

**Машқи 317.** Бист феъли содда нависед, ки дахтояш асоси замони гузашта ва дахтои дигараш асоси замони ҳозира дошта бошанд.

## § 84. ФЕЪЛҲОИ СОХТА

• Ба феълҳои ишоратшудаи ҳар ду сутун зеҳн монда, фарқи онҳоро аз ҷиҳати сохт муайян кунед.

1. Ба назди мо Аҳмад **омад.**
2. Мо ҳар пагоҳӣ ширчой **мехӯрдем.**
3. Аввал бубин ҷойи худ, баъд **бимон** пойи худ.
4. Ҳар рӯз ба сари қабр **мерафт.**

1. Ба назди модар писар **даромад.**
2. Далер дар роҳ ба раис **вохӯрдааст.**
3. Ҳамаи ниҳолҳои шинондаатон **сабзиданд.**
4. Фаррух омада иҷрои корро **тезонид.**

Феълҳои сохта бо воситаи пешванду пасвандҳои феълсоз аз асосҳои феълӣ ва исму сифат сохта мешаванд. Масалан, феълҳои «бардор» ва «бардошт» бо воситаи пеш-

ванди **«бар»** аз асосҳои замони ҳозира (дор) ва гузашта (дошт) сохта шудаанд, вале феълҳои «сабзид» ва «сабзон» тавассути пасвандҳои **-ид** ва **-он** аз сифат (сабз) сохта шудаанд.

**Феълҳое, ки бо воситаи пешванду пасвандҳои феълсоз аз асосҳои феълӣ ва исму сифат сохта шудаанд, *феълҳои сохта* ном доранд.**

Феълҳои сохта бо роҳҳои зерин сохта мешаванд:

1. Аз асосҳои замони ҳозира ва гузаштаи феълҳо бо воситаи пешвандҳои феълсоз **(бар-, дар-, фур- (фар-), во-, боз-):** бардор, бардошт, даргирифт, фуромад–фаромад, бозгашт, вохӯрд, вохӯред...

2. Аз асоси замони ҳозираи феълҳо бо пасванди **-он:** хон– хонон, дав–давон, навис–нависон, хез–хезон, рез–резон, шин–шинон...

3. Аз исму сифат тавассути пасванди **-ид:** сабз–сабзид, хушк–хушкид, рақс–рақсид, ҷанг–ҷангид, хоб–хобид.

Шарҳ: Дар сохтани баъзе феълҳои сохта пасвандҳои **-он** ва **-ид** дар шакли –онид истифода мешавад: тез–тезонид, хушк – хушконид, сабз–сабзонид, дав–давонид, печ–печонид, хоб–хобонид.

Гоҳо «и» фурӯгузор шуда, **«-онид»** дар шакли ноқис **(-онд)** меояд: рақсонд, хушконд, давонд, тезонд, сабзонд, печонд...

**Машқи 318.** Аз исму сифатҳои зерин феъл сохта, бо онҳо ҷумла тартиб диҳед.

1. Рақс, ҷанг, хоб
2. Тез, сабз, хушк

**Машқи 319.** Ҷумлаҳоро нависед. Феълҳои сохтаро муайян намуда, шарҳ диҳед.

1. Баъди як моҳ Аҳмадбек аз саф баргашт *(Ф.Муҳаммадиев)*. 2. Ва ба хаёлаш дарҳол зарбулмасали машҳури халқ «аввал пурсиш, баъд кӯшиш» даррасид *(Ҳ.Карим)*. 3. Милитсионерҳо сагҳоро ронда, онҳоро боздоштанд *(Ҷ.Икромӣ)*. 4. Гоҳо аспакие ё аробае

вомехӯраду бас *(Ҷ.Икромӣ)*. 5. Ҳайдарқул пеш-пеш, Саидпаҳлавон, Мирак ва Асо аз қафои вай ба пеши дарвоза, ба роҳи калон фаромаданд *(Ҷ. Икромӣ)*. 6. Мо борҳоро фуровардем.

**Машқи 320.** Ҷумлаҳоро хонда, феълҳои сохтаро муайян кунед. Онҳоро ба дафтаратон навишта шарҳ диҳед.

1. Ин ҷавон дар пеши назари худамон сабзид. 2. Он шаб ҳар яке аз аҳли оила бо як фикре ва ба як хаёле хобиданд *(Ҷ. Икромӣ)*. 3. Ситораи субҳ ба ҳоли инҳо мезавқид *(Ҳ.Карим)*. 4. Ин гапи Гулбону шавҳарашро тамоман дар ҳайрат мононд *(Ҳ.Карим)*. 5. Симои Озодаи имрӯзаро, андак бошад ҳам, ба ман шиносонд. 6. Шаббода қувват гирифта, ба хирманҷой бӯйи пудина ва шувваси мавҷҳои Ванҷобро мерасонид *(Ф.Муҳаммадиев)*.

**Машқи 321.** Бо пешванду пасвандҳои феълсоз феъл созед ва бо онҳо ҷумла тартиб диҳед.

## ФЕЪЛҲОИ ТАРКИБӢ

**Феълҳое, ки аз феъли асосию феъли ёвар ё аз ҷузъи номию феъли ёридиҳанда таркиб ёфтаанд, *феълҳои таркибӣ* ном доранд.** Масалан, феъли «омада буд» аз феъли асосӣ (омада) ва феъли ёвар (буд), вале феъли «тамошо кард» аз ҷузъи номӣ – тамошо (исм) ва феъли ёридиҳанда (кард) таркиб ёфтааст.

Феълҳои таркибӣ бо эътибори таркиби сарфиашон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: феълҳои таркибии феълӣ ва феълҳои таркибии номӣ.

## § 85. ФЕЪЛҲОИ ТАРКИБИИ ФЕЪЛӢ

• Ба феълҳои таркибии ишоратшуда зеҳн монда, феъли асосӣ ва феъли ёвари онҳоро муайян кунед.

1. Луқмаҳои нон гулӯяшро **харошида гузаштанд.**
2. Шукуров сари калони сермӯяшро **ҷунбонда монд.**

3. Дугонаҳоятон махсус барои ҳамин маросим фатирҳои рӯғанин **пухта оварданд.**

4. Мо то он вақт хӯрокамонро **хӯрда шуда будем.**

**Феълҳое, ки ҷузъҳои таркибиашон аз феъли асосӣ ва феъли ёвар иборатанд, *феълҳои таркибии феълӣ* номида мешавад:** омада будам, рафта истода буд, задан гирифт, гуфта шудам, нишаста будам, гирифта буд.

Дар ин навъи феълҳои таркибӣ одатан ҷузъи аввал соҳибмаъно буда, дар шакли феъли ҳол (рафта) меояд. Ҷузъи дуюм бошад, феъли ёварест, ки дар шакли тасрифӣ (будам, будӣ, буд...) истифода мешавад: рафта будам, рафта будӣ, рафта буд...

Ба сифати феъли ёвар феълҳои «будан», «истодан», «баромадан», «бурдан», «гаштан», «гирифтан», «дидан», «додан», «мондан», «нишастан», «омадан», «фиристодан», «шудан» ва ғайра истифода мешаванд: баромада истодан, хонда баромадан, гирифта бурдан, хӯрда гаштан, баровварда гирифтан, санҷида дидан...

**Машқи 322.** Ҷумлаҳоро нависед. Феълҳои таркибии феълиро муайян намуда шарҳ диҳед.

1. Мо то он вақт хӯрокамонро хӯрда шуда будем *(Ҳ.Карим)*. 2. Чор километр ҷойро дар бадали ҳашт рӯз канда шуданд *(Ҳ.Карим)*. 3. Мирак ҳам ба майдони назди Саройи Чой расида омад *(Ҷ.Икромӣ)*. 5. Номи мо ҳам як бор – ним бор ба рӯзнома баромада истаддия *(Ҳ.Карим)*.

**Машқи 323.** Аз масдарҳои зерин бо воситаи феълҳои ёвар феъли таркибии феълӣ созед. Бо феълҳои сохтаатон чор ҷумла тартиб диҳед.

Гуфтан, навиштан, хондан, рӯфтан, дидан, омадан, харидан.

**Машқи 324.** Феълҳои зеринро ба сифати феъли ёвар истифода карда феъли таркибии феълӣ созед. Бо феълҳои сохтаатон шаш ҷумла тартиб диҳед.

Гирифтан, додан, истодан, мондан, овардан, шудан, кардан.

**Машқи 325.** Феълҳои дар қавсайн додашударо истифода бурда, ҷумлаҳоро нависед. Феълҳои интихобкардаатонро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

1. Дар охир арӯсу домод ҳам барои хурсандии меҳмонон навбат ба навбат таронаҳо ... 2. Зебинисо қоҳ-қоҳ зада ... 3. Шафеъ гуфт, ки ҳамон коғазро ... 4. Ду бор садтогӣ ... 5. Муҳаббат ба баста синча карда, мактубро ... 6. Барои бачаҳо аз бозор мева ...

(шумурда баромадан, харида овардан, хонда додан, хонда дидан, хандида фиристодан, бароварда гирифтан).

## § 86. ФЕЪЛҲОИ ТАРКИБИИ НОМӢ

• Ба феълҳои таркибии ҳар ду сутун зеҳн монда, онҳоро аз ҷиҳати таркиб муқоиса кунед. Фарқи феълҳои таркибии сутуни дуюмро аз сутуни якум муайян намоед.

1. Гуфта мегашт, омада мондан.
2. Хоҳад хонд, хоҳад гирифт.
3. Хондан мехоҳад, хондан гирифт.

1. Кор кардан, чашм андохтан.
2. Сафед кардан, хунук шудан.
3. Як шудан, як кардан.

**Феълҳое, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва феълҳои ёридиҳанда таркиб ёфтаанд, *феълҳои таркибии номӣ* номида мешавад.**

Феълҳои таркибии номӣ аз ду ҷузъ: ҷузъи номӣ (ягон ҳиссаи номии нутқ) ва ҷузъи феълӣ (феъли ёридиҳанда) таркиб ёфтаанд. Масалан, феъли таркибии номии «кор кардан» аз ҷузъи номӣ –исм (кор) ва ҷузъи феълӣ–феъли ёридиҳанда (кардан) таркиб ёфтааст.

Ҷузъи номии феълҳои таркибии номӣ ҷузъи асосӣ ва

соҳибмаъно буда, ҷузъи феълӣ аз феълҳои ёридиҳанда иборат аст: қадам гузоштан, ҷавоб гардондан, қасос гирифтан, босавод кардан, сиҳат шудан, як кардан.

**Машқи 326.** Ҷумлаҳоро нависед. Феълҳои таркибии номиро муайян намуда, таркиби сарфиашонро шарҳ диҳед.

1. Мо барои бахт, барои саодати худамон ва насли ояндаамон кор мекунем *(Ҳ.Карим)*. 2. Дар баъзе ҷойҳо ҳанӯз ҳам дуд фаввора мезад *(Ҷ.Икромӣ)*. 3. Садои тор баланд шуд *(Ф. Муҳаммадиев)*. 4. Дар симои оқилонаи ӯ аломати ҳузн намоён гашт *(Ҷ.Икромӣ)*. 5. Ин хандаи болохонадор Солеҳро боз оташинтар кард *(Ҳ.Карим)*. 6. Раву бахти худро ҷустуҷӯ кун *(Ҷ.Икромӣ)*.

**Машқи 327.** Ба ҷойи сенуқтаҳо феълҳои таркибие гузоред, ки аз исму феъли ёридиҳанда таркиб ёфта бошанд.

***Н а м у н а: Сармои зимистон оби кӯлмакҳоро ях кунонд.***

1. Сармои зимистон оби кӯлмакҳоро ... 2. Писар ҳамон воқеаҳои дар вақти сафар дидаашро ба падараш ... 3. Бачагон дар атрофи омӯзгор ... 4. Онҳо имрӯз ду тракторро ... 5. Вай монда нашуда... 6. Рӯзи гузашта филми навро ... 7. Талабагон супориши омӯзгорро...

**Машқи 328.** Бо калимаҳои зерин феълҳои таркибӣ сохта, таркиби сарфиашонро шарҳ диҳед.

Ғайрат, тайёр, тамом, ғалаба, хунук, гарм, хурсанд, сафед, таъсир, тамошо.

**Машқи 329.** Ҷумлаҳоро нависед. Ба зери феълҳои таркибии номӣ хат кашида маънидод кунед.

1. Комил сурудхониро нағз медид. 2. Барвақт омадани Аҳмад гап доштааст. 3. Дирӯз боз намак начашидаам.

4. Ниҳоят аз кори бад кардан даст кашид. 5. Аз ин муомила димоғаш сӯхт. 6. Харидор ба аспи ман чашм дӯхт.

## § 87. ПЕШВАНД ВА ПАСВАНДҲОИ ФЕЪЛСОЗ

• Ба феълҳои ҳар ду сутун тавачҷӯҳ намоед. Гӯед, ки онҳо бо кадом пешванду пасвандҳо сохта шудаанд.

1. Бардоштан, даргирифт, баргашт.
2. Боздошт, бозгашт, вохӯрд, вораст.
3. Фуромад, фаровард, фаромад.

1. Рақсид, сабзид, хобид, хушкид.
2. Давон, хушкон, хобон, рақсон.
3. Расонид, кашонид, равонд, сӯзонд.

Барои ифодаи ҳаракату ҳолати иҷрокунандаи амал як миқдор феълҳо аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сохта шудаанд. Дар сохтани ин гуна феълҳо пешванду пасвандҳои феълсоз истифода мешаванд. Пешванду пасвандҳои феълсоз аз асосҳои феълӣ, исм ва сифат феъл месозанд.

Пешвандҳои **-бар, -дар, - боз, -во, -фур** (қаринааш **-фар-)** пешвандҳои феълсоз буда, аз асосҳои феълӣ, феъл месозанд. Масалан, феълҳои «баркан» ва «барканд» – баркандан аз асосҳои замони гузашта ва ҳозираи феъли «кандан» (кан–канд) сохта шудаанд.

Бо илова шудани пешвандҳо маънои феъл тағйир меёбад. Масалан, аз асоси замони гузаштаи феъли «омадан» –омад тавассути пешвандҳои **бар-, дар-, фур-, (фар-)** феълҳое сохта мешаванд, ки самти ҳаракати иҷрокунандаи амалро ифода менамоянд: бароমадан –маънои ба боло, даромадан – ба дарун, фуромадан ё фаромадан ба поён ҳаракат доштани иҷрокунандаи амалро ифода мекунанд.

Пасвандҳои **-ид, -он, -онид** (шакли ноқисаш **-онд)** пасвандҳои феълсоз буда, аз асоси феълӣ ва исму сифат феъл месозанд: каш–кашон–кашонид–кашонидан, дав–давон–давонд, давондан; рақс–рақсон–рақсонд–рақсонид–рақсондан; тез–тезон–тезонид–тезонидан...

**Машқи 330.** Ҷумлаҳоро нависед. Феълҳои бо пешвандҳои феълсоз сохташударо муайян карда шарҳ диҳед.

1. Ҳар се аз ҷо бархоста, берун баромаданд *(Ҷ.Икромӣ)*. 2. Кампир баромада рафту пас аз дақиқае Насимҷон ба хона даромад *(Ҷ.Икромӣ)*. 3. Синааш, чун дами оҳангарӣ пасту баланд мешуд, оҳиста–оҳиста гӯё аз ҳаракат бозмонд *(Р.Ҷалил)*. 4. Он марди ношинос худро сайёҳ вонамуд. 5. Ҳар ду ба қишлоқ фуромаданд *(Р.Ҷалил)*.

**Машқи 331.** Ҷумлаҳоро хонед. Феълҳои бо пасвандҳои феълсоз сохташударо нависед. Онҳоро аз ҷиҳати таркиби сарфиашон шарҳ диҳед.

1. Вай чӣ тавр кард, накард, ки куртаашро аз китфаш фуроваронд *(Р.Ҷалил)*. 2. Боди маҳини субҳи баҳор мӯйҳои ҷингилаи ӯро мерақсонд. 3. Ба таги кӯрпа даст андохту палмосид *(Ҳ.Карим)*. 4. Пирамарди посбон дар пеши мошини ғаллакӯбӣ ба рӯйи нимкати симинаш ором мехобид *(Ф.Муҳаммадиев)*. 5. Заҳроро дар он канори ҳавз, зери дарахти бед шинонд *(Ҳ.Карим)*. 5. Аз дасти паҳлавони навбаромад Муҳаммадмуроди ҳангоматалаб чанд бор шуд, ки маъракаҳои хурсандӣ барои ӯ бо парешонӣ ва нохушӣ анҷомидааст *(Ф.Муҳаммадиев)*.

**Машқи 332.** Аз асосҳои феълҳои зерин бо воситаи пешвандҳои феълсоз феъл созед. Феълҳои сохтаатонро аз ҷиҳати маънӣ ва таркиби сарфӣ шарҳ диҳед.

***Н а м у н а: доштан—бардоштан—боздоштан.***

Омадан, хондан, овардан, ҷастан, расидан, мондан, гузаштан, доштан, хӯрдан, нашудан, овардан.

**Машқи 333.** Аз исму сифатҳои зерин тавассути пасвандҳои феълсоз феъл созед. Онҳоро аз ҷиҳати маънӣ ва таркиби сарфӣ шарҳ диҳед.

***Н а м у н а: хушк—хушкон—хушконид—хушконидан.***

Рақс, чанг, ҷиҳоз, ором, завқ, сабз, тез.

## § 88. ИМЛОИ ФЕЪЛ

Феълҳо ба тариқи зайл навишта мешаванд:

**I. Якҷоя навишта мешаванд:**

1. Пешвандҳои феълсози **бар- дар-, фур- (фар-), во- боз-** бо феъл: даромадан, баромадан, бархостан, баргаштан, фуромадан (фаромадан), вохӯрдан, бозгаштан, бозмондан...

Шарҳ: «во» ва «боз» чун калимаи мустақил ба маънои кушода ва ифодаи такрор аз феъл ҷудо навишта мешаванд: во кардан, во гузоштан, боз гардидан, боз хондан, боз омадан.

2. Пешвандҳои шаклсози **би- (бу-), на- (ма-), ме-, ҳаме-** бо феъли тасрифӣ: бирав, бигуфт, нахост, марав, меравад, медавид, дарнамегирад, барнахост, дарнамеафтад, ҳамеояд...

Шарҳ : пешванди **на-** дар шакли кӯтоҳшуда (дар назм) бо нимтире навишта мешавад: н-омӯзад, н-омад, н-осояд...

3. Бандакҳои феълӣ **(-ам, -ӣ, -ем, -ед, -анд)** ва хабарӣ **(-ам, -ӣ, -ем, -ед, -анд)** бо калимаи пеш аз худ: хондам, хондӣ, хондем, хондед, хонданд; коргарам, коргарӣ, коргарем, коргаред, коргаранд.

4. Бандаки хабарии шахси сеюми танҳо **(аст)** бо сифати феълӣ (феълҳои нақлӣ) якҷоя (хондааст, гуфтааст, дидааст), вале аз ҳиссаҳои номии нутқ, ҷудо навишта мешавад: коргар аст, доно аст, довталаб аст, пешқадам аст...

Шарҳ: шакли ноқиси бандаки хабарии **«аст» (ст)** бо калимаи пеш аз худ якҷоя навишта мешавад: мардест, шахсест, хонданист, гуфтанист...

**II. Ҷудо навишта мешаванд:**

1. Ҷузъҳои феъли таркибӣ: даъват кардан (даъват намудан, даъват шудан, сафед кардан (сафед шудан), хафа кардан (хафа шудан), хандида истодан, хонда истода бу-

дан, сурх шудан, як шудан, омада мондан, хӯрдан гирифтан...

2. Ҷузъҳои феъли таркибии номии пешояндор: аз бар кардан, аз ёд кардан, ба ҷо овардан, ба амал овардан, дар ғазаб шудан, ба шӯр омадан, умр ба сар бурдан, дар бар гирифтан, ба воя расидан, ба кор бурдан...

**Машқи 334.** Ҷумлаҳоро хонда, феълҳояшонро муайян кунед. Онҳоро ба дафтаратон навишта, имлояшонро шарҳ диҳед.

1. Насими баҳорӣ маро навозишкунон аз олами хаёлҳо мебарорад *(С.Гулчеҳра)*. 2. Қодирову соҳибхона пасу пеш фуромада, ба ҳавлӣ даромаданд *(Р.Ҷалил)*. 3. Насимҷон давида рафта, холаашро бардошта гирифт ва садқаю балогардон шуда, ба хона дароварду ба замин гузошт *(Ҷ.Икромӣ)*. 4. Бо шунидани ин суханони ман Қорӣ-ишкамба аз роҳ рафтан бозистод *(С.Айнӣ)*. 5. Мард ба тарафи духтарак хам шуда, аз қуттие, ки дар поёни кабина, дар муқобили ӯ воқеъ буд, сачоқеро баровард *(Ф.Муҳаммадиев)*.

**Машқи 335.** Ҷумлаҳоро нависед. Феълҳои таркибиро муайян намуда, имлои онҳоро шарҳ диҳед.

1. Дар баъзе ҷойҳо ҳанӯз ҳам дуд фаввора мезад *(Ҷ.Икромӣ)*. 2. Ин пешбиниҳои онон рост баромад *(Ҳ.Карим)*. 3. Маъмурияти корхона ҳурмати коргарони содиқи худро ба ҷо овард *(Ҳ.Карим)*. 4. Деворҳояш бо нақшҳои кандакорӣ ва гулҳои гуногун зебу зинат дода шуда буд *(С.Айнӣ)*. 5. Пайдо шудани одами ношиносро ба хотир оварда, аъзои баданаш виҷиррос зада рафт *(Ф.Ниёзӣ)*. 6. Дигар чизе нагуфта бадар рафт *(Ф.Муҳаммадиев)*.

**Машқи 336.** Ба феълҳои зерин зеҳн монед. Аввал феълҳои сохта баъд феълҳои таркибиро ба дафтаратон нависед. Ба имлои феълҳо маълумот диҳед.

Бардоштан, дӯст доштан, гуфта мондан, фаромадан,

даромадан, кор кардан, ҷо ба ҷо кардан, боздоштан, вохӯрдан, номбар кардан, нигоҳ доштан, сабзидан, хушконидан, гуфта мондан, даромада омадан, фуромадан, ба амал овардан, дар бар гирифтан, дарнагирифт.

## § 89. ТАРЗИ ТАҲЛИЛИ САРФИИ ФЕЪЛҲОИ ТАСРИФӢ

***Нақшаи таҳлил:***

1. Кадом ҳиссаи нутқ аст, ба кадом савол ҷавоб мешавад ва вазифааш дар ҷумла.

2. Аломатҳои сарфӣ:

а). Замон – гузашта, ҳозира, ҳозира– оянда.

б). Тарзи фоилӣ ё мафъулӣ, бевосита ё бавосита;

в). Феъли гузаранда ё монда;

г). Сиғаи хабарӣ, шартию хоҳишмандӣ, амрӣ ё эҳтимолӣ;

д). Намуди мутлақ ё давомдор;

е). Аз ҷиҳати сохт – содда, сохта ё таркибӣ;

ё). Агар таркибӣ бошад, хелаш – феъли таркибии феълӣ ё феъли таркибии номӣ.

***Намунаи таҳлил:***

Дар кӯҳҳои баланд шаҳру қалъаҳо сохтанд.

| **Таҳлили шифоҳӣ** | **Таҳлили хаттӣ** |
|---|---|
| Калимаи **сохтанд** феъл аст, чунки амалро ифода карда, ба саволи чӣ кор карданд? ҷавоб мешавад. Дорои чунин аломатҳои сарфист: замони гузаштаи наздик, тарзи фоилӣ, бевосита, феъли гузаранда, сиғаи хабарӣ, намуди мутлақ, аз ҷиҳати сохт – содда. Ба вазифаи хабар омадааст. | **Сохтанд** – феъл аст, зеро ки:<br>1. Амалро ифода мекунад;<br>2. Ба саволи *чӣ кор карданд?* ҷавоб мешавад.<br>3. Замонаш – гузаштаи наздик;<br>4. Тарзаш – фоили бевосита;<br>5. Феъли гузаранда;<br>6. Сиғааш – хабарӣ;<br>7. Намудаш – мутлақ;<br>8. Аз ҷиҳати сохт – содда. |

**Машқи 337.** Ҷумлаҳоро хонед. Феълҳои ишоратшударо ба дафтаратон навишта, таҳлили хаттӣ кунед.

1. Шӯълаи Офтоб **намесӯзонад**, **намегудозад**, балки фақат ҳамчун меҳри падару модар ба фарзанди дилбанд гарм–гарм **навозиш мекунад** *(С.Улуғзода)*. 2. Обҳои шаффофи ҷӯйҳо ҳам бо барг **пӯшида шудаанд** *(Ҷ.Икромӣ)*. 3. Аз фойтун се нафар одамони ҳарбӣ **фаромаданд**... *(Ҷ.Икромӣ)*.

**Машқи 338.** Нақшаро аз назар гузаронида бо мисолҳо шарҳ диҳед.

**Сохти феълҳо**

| содда | сохта | таркибӣ |
|---|---|---|
| асосҳои феълӣ<br>бо бандак<br>бо пешванди шаклсоз | бо пешванд<br>бо пасванд | феълӣ<br>номӣ |

### Савол ва супоришҳо:

1. Феъли мондаро таъриф кунед. Мисолҳо биёред.
2. Кадом феълҳо гузарандаанд? Мисол гӯед.
3. Тарзи фоилӣ ва мафъулиро бо мисолҳо шарҳ диҳед.
4. Феълҳои мутлақ ва давомдор чӣ гуна амалро ифода мекунанд? Мисол гӯед.
5. Сиғаи феълро таъриф кунед. Мисол биёред.
6. Феъл чанд сиға дорад? Бо мисолҳо фаҳмонед.
7. Сиғаи хабариро таъриф кунед. Мисол гӯед.
8. Вазифа ва сохти сиғаи шартию хоҳишмандиро гӯед. Мисолҳо биёред.
9. Сиғаи амрӣ чӣ гуна амалро ифода мекунад? Мисол гӯед.

10. Фарқи сиғаи эҳтимолӣ аз дигар сиғаҳо дар чист? Мисолҳо биёред.
11. Феълҳо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешаванд? Мисол гӯед.
12. Фарқи феъли сохта аз феълҳои содда дар чист? Бо мисолҳо фаҳмонед.
13. Феълҳои таркибӣ аз кадом ҷузъҳо иборатанд? Мисолҳо биёред.
14. Феъли таркибии номӣ аз феъли таркибии феълӣ чӣ фарқ дорад? Мисол гӯед.
15. Пешвандҳои феълсозро номбар кунед. Мисолҳо биёред.
16. Кадом пасвандҳо феълсозанд? Бо мисолҳо фаҳмонда диҳед.
17. Кадом пешвандҳо шаклсозанд? Мисолҳо биёред.
18. Имлои феълҳоро бо мисолҳо фаҳмонда диҳед.
19. Дар бораи тарзи таҳлили феълҳои тасрифӣ чиҳоро медонед?
20. Феъли «тамошо кард»-ро таҳлили хаттӣ кунед.

## ФЕЪЛҲОИ ҒАЙРИТАСРИФӢ

Ҳамаи шаклҳои феълӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: феълҳои тасрифӣ ва феълҳои ғайритасрифӣ.

**1. Феълҳои тасрифӣ.** Ин гуна феълҳо бо бандакҳои шахсии феълӣ ва хабарӣ тасриф шуда, дорои аломатҳои гуногуни сарфӣ (шахсу шумора, замон, тарз, сиға ва намуд) мебошанд. Дар ҷумла одатан хабар шуда меоянд.

**2. Феълҳои ғайритасрифӣ.** Ба феълҳои ғайритасрифӣ шаклҳои тасрифнашавандаи феъл мансубанд. Ин гуна феълҳо бо бандакҳои шахсии феълӣ ё хабарӣ тасриф намешаванд. Ба ин гурӯҳи феълҳо масдар, сифати феълӣ ва феъли ҳол мансубанд. Онҳо баробари соҳиб будан ба баъзе аломатҳои дастурии феъл дорои хусусиятҳои исм (масдар), сифат (сифати феълӣ) ва зарф (феъли ҳол) низ мебошанд. Аз ин рӯ, масдар ба исм, сифати феълӣ ба сифат ва феъли ҳол ба зарф монанданд.

## § 90. МАСДАР

• Ба феълҳои зерин зеҳн монда, сохташонро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо бо кадом унсури сарфӣ ба охир расидаанд ва чиро ифода менамоянд.

Навиштан, омадан, хоб рафтан, супурдан, бардоштан, даргирифтан, тамошо кардан, ёд гирифтан, хунук хӯрдан, аз ёд кардан, аз даст додан, навишта мондан.

**Феъле, ки амалу ҳолатро фаҳмонида замон, шахсу шумора ва сиға надорад, *масдар* ном дорад.** Аломати сарфии масдар пасванди **-ан** мебошад: рафтан, омадан, дидан, пухтан, ҷаҳидан, боридан.

Масдар бо хусусиятҳои луғавӣ ва дастуриаш дорои аломатҳои ҳам феъл ва ҳам исм мебошад. Масдарҳо амалу ҳолатро ифода мекунанд ва дорои намуд, тарз буда, гузарандаю монда мешаванд, бинобар ин аз ин ҷиҳат ба феъл мансубанд. Аз тарафи дигар, масдарҳо номи амал (исми амал) буда, монанди исмҳо шакли ҷамъ дошта, бандакҷонишинҳоро қабул мекунанд ва бо пешоянду пасояндҳо меоянд, ки аз ин ҷиҳат ба исмҳо қаробат доранд. Масалан, масдари «хандидан» ҳолатро ифода мекунад, намудаш мутлақ, тарзаш фоилӣ буда, масдари монда мебошад. Аз ҷониби дигар, номи ҳолат буда, дар шакли ҷамъ (хандиданҳо) омада, бандакҷонишин (хандиданаш) ва пешоянду пасояндҳо (аз хандидан, хандиданро) қабул мекунад. Феълҳо дар луғатҳо дар шакли масдар оварда мешаванд.

**Машқи 339.** Ҷумлаҳоро навишта масдарҳоро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо чиро ифода мекунанд.

1. Сохта шудани стансияи электрикии Қайроққум манбаи чунин қувваи фаровонро ба амал овард *(А.Деҳотӣ)*. 2. Вай аз чоштгоҳ то вақти аз дӯкони саррофӣ гашта омадани шавҳараш ғел зада хоб мекард *(Р.Ҷалил)*. 3. Дарвоза кушода шудан замон як нафар

савор ба сарой даромад *(С.Айнӣ)*. 4. Ҳоло ту танҳо дар майдони гӯштингирӣ баромада, чӣ гуна ғалтондани як ҷавони монанди худатро медонӣ *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 340.** Мақолҳоро ба дафтаратон навишта, масдарҳоро муайян кунед. Гӯед, ки масдар ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадааст.

1. Сад задани сӯзангар, як задани оҳангар. 2. Омадан ба иродат рафтан бо иҷозат. 3. Давидани гӯсола то дари каҳдон. 4. Мардӣ ҷои худ шинохтан аст. 5. Сафар кардан – ҷаҳон дидан.

**Машқи 341.** Масдарҳои «бардоштан», «орзу кардан», «сурх шудан», «дӯст доштан» -ро истифода бурда чор ҷумла нависед. Гӯед, ки ин феълҳо кадом маъноҳо (амал, ҳаракат ва ҳолат) -ро ифода кардаанд.

**Машқи 342.** Бо феълҳои зерин масдар сохта, асос ва масдарро аз ҷиҳати ифодаи маънӣ шарҳ диҳед. Гӯед, ки масдарҳо бо кадом унсури сарфӣ сохта мешаванд.

Хонд, рафт, рехт, сӯхт, дод, бурд, дошт, овард, гузашт, гузошт, чид, кошт, даромад, баромад, вохӯрд, бозгашт.

## § 91. СОХТИ МАСДАР

Масдар аз асоси замони гузаштаи феълҳо бо воситаи пасванди **-ан** сохта мешавад: хонд+ан – хондан, гуфтан, дидан, чидан, хӯрдан.

Масдар аз ҷиҳати сохт се хел мешавад: ***содда, сохта, таркибӣ.***

**Масдари аслӣ, ки аз асосу пасванди -ан сохта шудааст, *масдари содда* ном дорад:** хестан, рафтан, гуфтан, навиштан, хондан, додан..

**Масдарҳое, ки дар таркибашон пешванд ё пасванди феълсоз доранд, *масдарҳои сохта* мебошанд:** баромадан, фуромадан, даргирифтан, вохӯрдан, давидан, давондан, номидан, фаҳмидан, сабзидан, мукофотонидан, чарондан.

**Масдарҳое, ки аз феълҳои таркибӣ тавассути пасванди -ан сохта шудаанд, *масдарҳои таркибӣ* мебошанд:** кор кардан, кишт кардан, як шудан, аз бар кардан, дар бар гирифтан, нигоҳ доштан, хонда баромадан, хӯрда дидан, даромада мондан, расида омадан...

Шакли инкории масдарҳо бо воситаи пешванди феълии **на** сохта мешавад: **на**рафтан, **на**гуфтан, **на**тавонистан, дар**на**гирифтан, во**на**хӯрдан, **на**баромадан, тамом **на**шудан, шитоб **на**намудан, хонда **на**баромадан.

**Машқи 343.** Масдарҳои зеринро аз ҷиҳати сохт ба хелҳо ҷудо карда, ба дафтаратон бо тартиби зерин нависед:

1. Масдарҳои содда: –
2. Масдарҳои сохта: –
3. Масдарҳои таркибӣ: –

Омадан, сӯҳбат кардан, даромада омадан, баргаштан, хондан, даромадан, хестан, шудан, вохӯрдан, тамошо кардан, сайр кардан, нишастан, сабзидан, рақсидан, давондан, хушкондан, додан, давида рафтан.

**Машқи 344.** Масдари таркиби ҷумлаҳоро муайян кунед ва онҳоро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

1. Шеър хондан ва онро фаҳмидан осон нест, духтарам *(Ҷ.Икромӣ)*. 2. Ҳар рӯз як ош пухта, як касро зиёфат кардан кори душвор нест *(С.Айнӣ)*. 3. Баъзан онҳоро ёфта гирифтан ҳам мумкин аст *(Ҷ.Икромӣ)*. 4. Баъд аз 5 дақиқа ба замин хобидан сар бардошта чорзону нишаст *(С.Айнӣ)*. 5. Ӯро дидан ҳамоно як қадам қафо гашт *(Ф.Ниёзӣ)*. 6. Ҳозир ба роҳ баромадан барои ту хатарнок аст *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 345.** Бо масдарҳои содда, сохта ва таркибӣ дутогӣ ҷумла тартиб диҳед. Масдарҳои интихобкардаатонро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

## § 92. ХУСУСИЯТҲОИ НОМӢ ВА ФЕЪЛИИ МАСДАР

• Ба масдарҳои ишоратшуда зеҳн монда, хусусиятҳои исмӣ ва феълии онҳоро муайян кунед.

1. Дар вақти ба хонаи бой **омадани** мулозими қозӣ ва миршаби туман, амлокдор Абдусаттор ҳам дар ҳамон ҷо будааст *(С.Айнӣ)*.

2. Аз кор гашта ба ҳавлӣ **даромадан** замон чашмам ба Муллофозил афтид *(Р.Ҷалил)*.

3. Дар ҳангоми аспҳояшонро **баста истодани** онҳо аз даруни яке аз хонаҳои сиёҳ як зани пирсол баромада омада онҳоро пешвоз гирифт *(С.Айнӣ)*.

Масдарҳо дорои хусусиятҳои номӣ ва феълӣ мебошанд. Масдар дорои хусусиятҳои феъл аст. Масдарҳо:

1. **Гузаранда** (навиштан, гирифтан, шунидан) ва **монда** (давидан, нишастан, омадан) мешаванд;

2. **Дорои тарзи фоилӣ** (фаҳмидан, хондан, гирифтан) ва **мафъулӣ** (кушода шудан, гирифта шудан, ғарқ шудан) мебошанд;

3. **Мутлақ** (гирифтан, дидан, омада мондан) ва **давомдор** (омада истодан, баргашта истодан, карда гаштан) шуда метавонанд.

Масдар бо хусусиятҳои номии худ ба исм наздик аст. Масдарҳо:

1. **Шакли ҷамъ мегиранд:** Гулбибӣ як ғунчаи ношукуфтае буд, ки умеди як олам шукуфтанҳо дар дил дошт... *(С.Айнӣ)*.

2. **Бо пешоянду пасояндҳо омада метавонанд:** Ман бо дидани ин ҳол аз ошхӯрӣ даст кашидам. Баъд аз ин аз тарафи арбоб ва ӯ ҳеҷ зулм ва осебе нарасиданро ваъда доданд *(С.Айнӣ)*.

3. **Бо бандакҷонишинҳо меоянд:** Зайнаб, омаданат нағзу рафтанат бад-дия *(С.Улуғзода)*.

4. **Бо шумораҳои миқдорӣ ва ҷонишинҳои таъинӣ низ мавриди истифода қарор мегиранд:** Сад задани сӯзангару як задани оҳангар *(Зарб.)*. Зеро либоси заррини ӯ дар ҳар ҷунбидан ва ҷунбондан бо як қабат пӯст аз баданаш канда, ӯро азоби тоқатнопазир медод *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 346.** Ҷумлаҳоро нависед. Масдарҳоро ёфта, хусусиятҳои номӣ ва феълии онҳоро гӯед.

1. Дар вақти хобида дам гирифтани бузғола навбати бо вай бозӣ кардани Шодӣ мерасид *(С.Айнӣ)*. 2. Ӯ дар вақти аз саҳро ба шаҳр омада истоданаш ғарқ шуда талаф гардид *(С.Айнӣ)*. 3. Саргузашти Зебиро нақл кардани аммаам маро ғарқи фикру хаёлот кард *(С.Улуғзода)*. 4. Худамро базӯр аз гиристан нигоҳ дошта, ӯро навозиш мекардам *(С.Улуғзода)*. 5. Ман ҳамаи ин касон ва чизҳоро дар як рафтан овардам *(А.Деҳотӣ)*. 6. Акнун чораи аз ин рӯёнидани ҳаққи худамонро андешиданамон даркор аст *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 347.** Ҷумлаҳоро хонда, масдарҳоро муайян кунед. Хусусиятҳои исмии онҳоро шарҳ диҳед.

1. Боло хазидану поин хамиданҳо вакилони ба кӯчагардӣ одатнакардаи моро хеле монда карданд *(С.Улуғзода)*. 2. Салимбой ... бархоста, ба ӯ барои ба толор фуромадан ёрӣ доданд *(Р.Ҷалил)*. 3. Гумон мекард, ки вай имрӯз дар вақти ба хонаи онҳо даромаданаш рӯйи хандонро надида буд *(С.Улуғзода)*. 4. Ақлу ҳушам ба хондан банд буд *(С.Улуғзода)*. 5. Сабаби ғирч-ғирч кардани кафши Муллотуробро аз ӯ пурсиданд *(С.Айнӣ)*. 6. Ман ҳамаи ин касон ва чизҳоро дар як рафтан овардам *(А.Деҳотӣ)*.

**Машқи 348.** Ҷумлаҳоро навишта, масдарҳоро муайян кунед. Хусусиятҳои феълии онҳоро шарҳ диҳед.

1. Пас аз ошро хӯрда тамом кардани Ёдгор ӯро рухсат дода, боз ғазалхонии худро давом кунониданд *(С.Айнӣ)*. 2. Бинобар ин ба он ҳарина инод карда нишастанро номуносиб дониста, ӯро тамоман аз шубҳа баровардагӣ шудам *(С.Айнӣ)*. 3. Пас аз китобро хонда шудан ба гуфтугӯй сар кард *(П.Толис)*. 4. Барои бо деҳқонон алоқа бастан ба Қорӣ-ишкамба роҳи қишлоқ кушода шуд *(С.Айнӣ)*. 5. Аломати охири

рӯзҳои зиндагиро гузаронида истодани ӯ ба ҳар кадомамон маълум буд *(С.Айнӣ)*. 6. Махдум дар миёнаҷои ана ҳамин тоқи серодам рост истода, расида омадани миршабро нигарон шуд *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 349.** Бо масдарҳои зерин ҷумла тартиб дода, хусусиятҳои исмӣ ва феълии онҳоро шарҳ диҳед.

Хезондан, хондан, тамом шудан, нишастан, рехтан, хазидан, ёрӣ додан, нақл кардан, сабзидан, рақсонидан.

## § 93. ВАЗИФАИ НАҲВИИ МАСДАР

• Ҷумлаҳоро хонда, ба масдарҳои ишоратшуда зеҳн монед. Гӯед, ки онҳо ба вазифаи кадом аъзоҳои ҷумла омадаанд.

1. **Хобидан** ҳоло барвақт буд *(С.Улуғзода)*.

2. Вазифаи наздиктарини мо ҳамаи аҳли деҳаро **осудаҳол кардан** аст.

3. Ақлу ҳушам ба **хондан** банд буд *(С.Улуғзода)*.

4. Пӯлод аз он ки Салимбой барои **дидани** модарон ба хонааш омадааст, хурсанд шуд *(Р.Ҷалил)*.

Яке аз аломатҳои дастурии масдар вазифаи наҳвии он аст, зеро ки масдарҳо монанди исмҳо дар ҷумла ба вазифаи сараъзо ва аъзоҳои пайрав меоянд:

**1. Ба вазифаи мубтадо: Шунидан** кай бувад монанди дидан.

**2. Ба вазифаи хабар:** Вазифаи мо – **хондан.**

**3. Ба вазифаи аъзоҳои пайрави ҷумла:** Ман пагоҳӣ дар оби хунук **шустушӯ карданро** дӯст медорам.

Набояд рӯзи аввал **аҳд бастан**,
Пас аз **бастан** намебояд **шикастан**.

*Бадриддини Ҳилолӣ*

**Машқи 350.** Ҷумлаҳоро нависед. Масдарҳоро муайян карда, вазифаи наҳвии онҳоро шарҳ диҳед.

1. Заминро тезтар шудгор карда яхоб мондан лозим *(С.Айнӣ)*. 2. ... маҷоли ба ҳеҷ тараф қадам мондан набуд. *(С.Айнӣ)*. 3 .... дигар пеш кардани вакили мухтори сабукборшударо лозим надонистанд *(С.Айнӣ)*. 4. ... ба чор тараф давида, бо одамон баҳсу мунозира кардан, ба болои ҳамаи ин боз мағрур будан кори осон нест *(А.Шукӯҳӣ)*. 5. ... ба он бемалол ғӯта задан мумкин нест *(А.Баҳорӣ)*. 6. Муаллим аз нахӯрдани ман ба ғазаб омад ... *(А.Лоҳутӣ)*.

**Машқи 351.** Ҷумлаҳоро навишта, масдарҳоро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо ба вазифаи кадом аъзои ҷумла оварда шудаанд.

1. Сафар кардан – ҷаҳон дидан *(Ҷ.Икромӣ)*. 2. Шикастани шохи дарахтон дар ҳама ҷо, аз ҷумла дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ҳам ҷиноят аст *(Р.Ҷалил)*. 3. Аз пагоҳӣ сар карда мардуми аспакӣ, харакӣ ва пиёда зану мард дар он ҷо ҷамъ шудан гирифтанд *(С.Улуғзода)*. 4. Пушаймон шуданаш ба ман маълум нест *(С.Улуғзода)*. 5. Барои рафтан аз кори бой аз ягон ҷои дигар кор ёфтан даркор буд *(С.Айнӣ)*. 6. Ба маълумоти онҳо нарасондан мумкин нест *(Р.Ҷалил)*.

## § 94. СИФАТИ ФЕЪЛӢ

• Ба ибораҳои ҳар ду сутун таваҷҷӯҳ намоед. Калимаҳои ишоратшударо муқоиса карда, ҷиҳати монандӣ ва фарқкунандаи онҳоро гӯед.

| | |
|---|---|
| 1. Сабзаи **нарм** | 1. Сабзаи **дамида** |
| 2. Одами **хуб** | 2. Одами **хестагӣ** |
| 3. Замони **бостонӣ** | 3. Замони **оянда** |
| 4. Мошини **боркаш** | 4. Мошини **рафта истодагӣ** |
| 5. Чизи **нодир** | 5. Чизи **хӯрданӣ** |

> **Шакли феълие, ки амал ва ҳолатро ҳамчун аломати ашё баён мекунад, *сифати феълӣ* ном дорад:** гули шукуфта, гули шукуфта истодагӣ, гули мешукуфтагӣ.

Сифати феълӣ дорои хусусиятҳои ҳам феъл ва ҳам сифат мебошад. Асоситарин хусусияти феълии сифати феълӣ ба замоне далолат кардани он аст. Сифати феълӣ дорои замони гузашта, ҳозира, ҳозираи муайян, ҳозира-оянда ва оянда мебошад: дари **пӯшида,** шахси **гӯянда,** ҷои **мерафтагӣ,** одами **хеста истодагӣ,** кори **карданӣ.**

Хусусияти сифатии сифати феълӣ дар он зоҳир мегардад, ки вай чун сифат бо бандаки изофӣ бо исмҳо алоқаманд шуда, ибораи изофӣ месозад: дари кушода, нони хӯрданӣ, мошини рафта истодагӣ, кори мекардагӣ.

**Машқи 352.** Ҷумлаҳоро навишта, сифати феълиро муайян кунед. Хусусиятҳои феълӣ ва сифатии онҳоро шарҳ диҳед.

1. Гуфтаанд, ки малики одил беҳтар аст аз абри боранда ва Офтоби тобанда *(Ҳусайн Воизи Кошифӣ)*. 2. Асарҳои хондагиашро ба тарзи худ шарҳ медиҳад *(С.Айнӣ)*. 3. Ин бой ба зоғе монандӣ дошт, ки як чашмашро ба устухон ё ба дигар чизҳои хӯрдании худаш дӯзад, чашми дигарашро аз сайёд намеканад *(С.Айнӣ)*. 4. Чун омили садоқат биёмад ва бар одати гузашта садоқат хост *(Низомулмулк)*. 5. Байти хондашуда хеле бамавқеъ ва муддаои дил буд... *(А.Қаҳҳоров)*.

**Машқи 353.** Ҷумлаҳоро хонед. Сифати феълиро ёфта, аломати феълӣ ва сифатии онҳоро гӯед.

1. Ба рӯи чизҳои хӯрданӣ ҳамеша тӯрҳои сиёҳи симин мекашид *(С.Айнӣ)*. 2. Ҳикояҳои аз Тӯтипошшо шунидаам бисёранд *(С.Айнӣ)*. 3. Суханонаш чун мӯмиёанд, ки ба дарди дилҳои шикаста дармон мешаванд *(А.Қаҳҳоров)*. 4. Китфони мӯйсафедҳо ба оҳани рез-рези тору суруд меларзид ва дар фазои ҳоит мепечид фиғони дардолуди ҳофизи дӯстдошта *(Ҷ.Акобир)*. 5. Барфи рӯйи пайраҳаро пӯшида, дар зери пойи Рустамов ғичиррос мезад *(Ф.Ниёзӣ)*.

**Машқи 354.** Ҷумлаҳоро навишта ба сифатҳои феълии

ишоратшуда зеҳн монед. Гӯед, ки онҳо кадом замонро ифода кардаанд.

1. Хайбар саги бисёр хуб буда, дар андак вақт ҳамаи гуфтаҳои моро **фаҳманда** ва вазифаи асосии худро **донанда** шуда монд *(С.Айнӣ)*. 2. Моҳи акнун **баромада истодаро** тамошо карда хобида буд *(С.Айнӣ)*. 3. Даромади аз ин роҳ шудан**ӣ** ба ҳамин асп намерасид *(С.Айнӣ)*. 4. Ба заминкани фақат ду-се кас **меғунҷидагӣ** Сафар даромада омад *(Ф.Ниёзӣ)*. 5. Духтар кокулҳои то ҳами зонуяш **фуромадаро** даста намуда, ба тахтапушташ мепартофт *(Р.Ҷалил)*. 6. Кори **мекардагиатро** ман ҳеҷ нафаҳмидам-ку! *(С.Улуғзода)*.

**Машқи 355.** Бо шаклҳои замонии сифати феълӣ чор ҷумла тартиб диҳед. Сифатҳои феълии истифодакардаатонро шарҳ диҳед.

## § 95. СИФАТИ ФЕЪЛИИ ЗАМОНИ ГУЗАШТА

• Ба сифатҳои феълии ишоратшудаи сутунҳо зеҳн монед. Онҳоро аз ҷиҳати сохт ва замон шарҳ диҳед.

| | |
|---|---|
| 1. Дарвозаи **кушода** | 1. Дарвозаи **кушодагӣ** |
| 2. Шохчаҳои **хушкида** | 2. Шохчаҳои **хушкидагӣ** |
| 3. Кори **анҷомёфта** | 3. Кори **анҷомёфтагӣ** |

Сифати феълии замони гузашта амал ва ҳолати пеш аз замони хабари ҷумла ба анҷом расидаро ифода менамояд: Ту боз як бори дигар байти навакак **хондаатро** хон ва аз ман ҷавоб шунав *(С.Айнӣ)*.

Сифати феълии замони гузашта дорои ду шакл буда, аз асоси замони гузаштаи феъл тавассути пасванди **-а** (шакли якум) ва **-агӣ** (шакли дуюм) сохта мешавад: кӯзаи шикаста –кӯзаи шикастагӣ, ҷомаи дарида – ҷомаи даридагӣ, сабзаи дамида – сабзаи дамидагӣ ...

Сифати феълии замони гузашта ба вазифаи муайянкунанда меояд: Дар Дараи Мухтор аҳолии кулфатзада, марду занҳои аз ҷон сергашта ба назди Восеъ меомаданд *(С.Улуғзода)*. Озода бошӣ, либоси шустагӣ зуд чиркин намешавад.

Сифати феълии замони гузашта ба вазифаи хабар низ меояд: Охир ман ӯро бо дастонам калон кардагӣ *(М.Миршакар)*. Охир ман ӯро бо дастонам калон кардам. Чизҳо ҳама паҳну парешон, табақу косаҳо шикастагӣ *(С.Улугзода)*. Чизҳо ҳама паҳну парешон, табақу косаҳо шикастаанд.

**Машқи 356.** Ҷумлаҳоро нависед. Сифати феълии замони гузаштаро муайян карда, онҳоро аз ҷиҳати сохт ва замон шарҳ диҳед.

1. Мо порчаҳои дар дасти додари шоир мондаро навишта гирифтем *(С.Айнӣ)*. 2. Аз зарраҳои ба рӯяш задаистодаи об лаззат мебурд *(Р.Ҷалил)*. 3. Хадича суханҳои Шамсияро шунида хандид *(Ҷ. Икромӣ)*. 4. Чӯбҳои ман ба ҳавз фиристодагӣ чӯбҳои тут буданд *(С.Айнӣ)*. 5. Бачаҳо ба кафи даст хокро ҳамвор карда, рӯйи он бо нӯги ангуштон ҳарфҳои ёдгирифтаашонро навиштанд *(А.Самад)*. 6. Аркони салтанат, мардони корозмудаву ҷаҳоншинохта ба ҷавоби Фаридун як-як забон кушоданд *(С.Улугзода)*.

**Машқи 357.** Ҷумлаҳоро хонед. Сифати феълии замони гузаштаро муайян карда, вазифаи наҳвии онҳоро гӯед.

1. Қади барҷаста, рӯи ҳуҷиста, зулфи шикаста, абрӯи пайваста – ҳама ба якдигар мутаносиб, ҳама ба якдигар шинам, ҳама ба якдигар зебанда афтида буданд *(С.Айнӣ)*. 2. Ман ба Шодӣ панҷ–шаш бор ҳалво пухта фиристодагӣ *(Ҷ.Икромӣ)*. 3. Барф рӯйи заминро кӯрпа барин пӯшида гирифтагӣ *(П.Толис)*. 4. Саломат хола бо шавҳараш гашта обдориро нағз омӯхтагӣ... *(Ҷ.Икромӣ)*. 5. Гули бишкуфтаи рӯйи ту баҳори дили ман ... *(Ҳ.Юсуфӣ)*.

**Машқи 358.** Ба ҷои сенуқтаҳо сифати феълии мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро нависед.

1. Жолаи дирӯз ... хайрият, ба кишт чандон зарар нарасонд. 2. Дарвозаи мактаб ... буд. 3. Мо бояд аз қувваи

кории дар худамон ... дурусттар истифода барем. 4. Сорохон мактаби санъатро дар Тошканд тамом ... 5. Нақшаи Фаррух ... ба ман хеле маъқул шуд. 6. Шеъри Саломат ...

**Машқи 359.** Аз масдарҳои зерин сифати феълии замони гузашта сохта, ба ҳар кадоми онҳо яктоӣ ҷумла тартиб диҳед.

Мола кардан, хандидан, шинондан, рафтан, шикастан.

## § 96. СИФАТИ ФЕЪЛИИ ЗАМОНИ ҲОЗИРА-ОЯНДА

• Ба сифатҳои феълии ҳар ду сутун зеҳн монда, сохт ва фарқи замонии онҳоро муайян кунед.

| | |
|---|---|
| 1. Хондагӣ, навиштагӣ, рафтагӣ. | 1. Мехондагӣ, менавиштагӣ, мерафтагӣ. |
| 2. Кор кардагӣ, тамошо кардагӣ, рафта омадагӣ. | 2. Кор мекардагӣ, тамошо мекардагӣ, рафта меомадагӣ |
| 3. Кофта шудагӣ, хӯрда шудагӣ, гуфта шудагӣ. | 3. Кофта мешудагӣ, хӯрда мешудагӣ, гуфта мешудагӣ. |

**Сифати феълии амалу ҳолати минбаъд ба вуқӯъ оянда ва ё дар замони ҳозира амалу аломати доимии ашёро ифодакунанда *сифати феълии замони ҳозира-оянда* мебошад:** мехестагӣ, мешинондагӣ, мерӯфтагӣ, мечидагӣ, менӯшидагӣ.

Сифати феълии замони ҳозира-оянда аз шакли дуюми сифати феълии замони гузашта (рафтагӣ) бо иловаи пешванди **ме-** сохта мешавад: навиштагӣ – менавиштагӣ, хондагӣ–мехондагӣ, гуфтагӣ–мегуфтагӣ, хӯрдагӣ–мехӯрдагӣ.

**Машқи 360.** Ҷумлаҳоро нависед. Сифати феълии замони ҳозира-ояндаро муайян карда, аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

1. Чизҳои мехӯрдагӣ аз гандум, ҷав, арзан ...

ҳосил мешавад *(С.Айнӣ)*. 2. Лойи хишти имрӯз рехта мешудагиро як рӯз пеш хобондан даркор *(Р.Ҷалил)*. 3. Ту одами бисёр роҳ мегаштагӣ дағал-мағал нагуфта харидан намегирӣ *(Р.Ҷалил)*. 4. Суханҳои мегуфтагии худро фаромӯш мекунам *(Ҷ.Икромӣ)*. 5. Мехоҳам чизҳои намедонистагиамро ёд гирам *(С.Улуғзода)*.

**Машқи 361.** Ҷумлаҳоро хонед. Сифати феълии замони ҳозира-ояндаро ёфта, замонашонро муайян кунед.

1. Мударрис баъди дошта додани Восеъ ҳадяву инъоми фаровони аз ҳоким мегирифтагиашро тасаввур карда дарунакӣ шод гардид *(С.Улуғзода)*. 2. Шумо хуб маслиҳат карда, нақшаи корҳои баъд аз ин мекардагиатонро созед *(Ҷ.Икромӣ)*. 3. Касоне, ки пеш ба муваффақияти кӯшиши ӯ шубҳа мекарданд, акнун дигар хел гап мезадагӣ шуданд. Маҳбуба бо лётчикзан Егорова парвоз мекардагӣ шуд *(П.Толис)*. 5. Дар ин бутта кӯраки ... кушода мешудагӣ 80 дона *(Ҷ.Икромӣ)*. 6. Ман мехоҳам, ки як агрономи ҳамин корро медонистагӣ ёфта фиристонанд, ки ба ман омӯзад *(Ҷ.Икромӣ)*.

**Машқи 362.** Ба ҷои сенуқтаҳо сифати феълии замони ҳозира-оянда гузошта ҷумлаҳоро нависед.

1. Кори имрӯз ... ро ба фардо магузор! 2. Коргарони ба ёрии хоҷагии мо ... ро нағз пешвоз мегирем. 3. Падарам як ҷувол гандуми орд карда ... ро ба рӯйи ҳавлӣ баровarда тоза кард. 4. Оби аз нова ... ба парраҳо зада, онро ба гардиш медарорад. 5. Расамаи аз ин ба ман ... ба хароҷоти аҳлу аёлам намерасад *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 363.** Аз масдарҳои зерин сифати феълии замони ҳозира-оянда сохта, ба ҳар кадоми онҳо яктоӣ ҷумла тартиб диҳед.

Гап задан, сайр кардан, чаридан, чидан, рафтан, ғунҷидан.

## § 97. СИФАТИ ФЕЪЛИИ ЗАМОНИ ҲОЗИРАИ МУАЙЯН

• Ба сифатҳои феълии ишоратшуда зеҳн монда, сохт ва замони онҳоро муайян кунед.

1. Бача аз берун омада, рост истода ба акси аз даруни оина **намуда истодаи** Ятим диққат карда нигоҳ карда монд *(С.Айнӣ)*. Сухани паст-паст г**уфта истодаи** ҳамон профессор ба гӯши ҳама равшану гӯё мерасид *(Р.Ҷалил)*.

2. Баъд онро пора–пора намуда, ба печкаи гуррос зада **сӯхта истодагӣ** партофт *(Р.Ҷалил)*. Тамоми воқеаҳои ҳозир дар рӯйи олам **шуда истодагиро** як ба як гуфта додан гирифт *(Ҳ.Карим)*.

**Сифати феълие, ки амали бардавоми бо амали хабари ҷумла дар як замон воқеъшударо ифода мекунад, *сифати феълии замони ҳозираи муайян* ном дорад.**

Сифати феълии замони ҳозираи муайян ду шакл дорад. Шакли якум аз ду сифати феълӣ – феъли асосӣ ва феъли ёвари «истодан» бо воситаи пасванди **-а** таркиб меёбад: омада истода, хеста истода, хандида истода...

Шакли дуюм аз шакли якум тавассути пасванди **-гӣ** таркиб меёбад: омада истодагӣ, хеста истодагӣ, хандида истодагӣ...

**Машқи 364.** Ҷумлаҳоро нависед. Сифатҳои феълии замони ҳозираи муайянро ёфта шарҳ диҳед.

1. Танҳо чашмони навакак бо андӯҳи бепоён гириста истодаи худро бо остин пок карда, ба он одам табассумкунон менигаристам *(С.Айнӣ)*. 2. Холаи ҷома дӯхта истодагӣ аз паси айнак ба писарчааш нигарист *(П.Толис)*. 3. Қанд ба бадани аз сардӣ ларзида истодаи ӯ гармӣ дод *(С.Айнӣ)*. 4. Барои чӣ шумо гӯсолаи ором истодагиро мезанед? *(Аз латифа)*. 5. Аз ҷойи ба шифт часпида истодаи девор як сӯрохи равзанворе кушода, дар он ҷо як ғарғараи оҳанинро шинонданд *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 365.** Ҷумлаҳоро хонед. Сифатҳои феълии замони ҳозираи муайянро ёфта, онҳоро аз ҷиҳати сохт ва замон шарҳ диҳед.

1. Нуралӣ аз пеши тамошобинон гузашта истода ба тарафи онҳо як назар андохт *(С.Улуғзода)*. 2. Соро аз ҷояш хеста, ба оянда аз дар баромада истодагӣ рӯ ба рӯ шуда дид *(С.Айнӣ)*. 3. Аз тарқиши дар аҳволи дар берун рӯй дода истодаро мушоҳида намуд *(Ҳ.Карим)*. 4. Аз кӯча овози бачаҳои бозӣ карда истодагӣ ... ба гӯш мерасид. 5. Дар сари фаввора меистод ва аз зарраҳои ба рӯяш зада истодаи об лаззат мебурд *(Р.Ҷалил)*. 6. Ин вақт одами бо диққат нигоҳ карда истодагӣ баръало дида метавонист *(Р.Ҷалил)*.

**Машқи 366.** Ба ҷойи сенуқтаҳо сифати феълии замони ҳозираи мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро нависед.

1. Кабӯтарҳои ...ро тамошо мекунем. 2. Одамони ... ҳама ба якдигар нигоҳ карданд. 3. Меваҳои ... амонро ба анбор месупорем. 4. Шамол сафедори акнун барг ...ро меларзонд. 5. Рассом лавҳаи ... ашро ба ман нишон медиҳад. 6. Ман як ғалати диктанти ... амро ёфта ислоҳ кардам.

**Машқи 367.** Ҷумлаҳоро хонед. Сифатҳои феълии замони ҳозираи муайянро ёфта, шакли онҳоро муайян кунед.

1. Чашмони гӯсфандии нармнигоҳи ӯ монанди чашми шери ба ҷанг тайёр шуда истода бо оташи ғазаб шуълавар гардиданд *(С.Айнӣ)*. Нақшаи ҷангии Павел тартиб дода истодагӣ ба Пӯлод ниҳоят маъқул шуд *(Р.Ҷалил)*. 3. Як дастаи калони сарбозони аз қалъа баромада истода низ намудор гардиданд *(С.Улуғзода)*. 4. Ҳалима бо бригадаи шавҳараш кор карда истодагӣ мусобиқа баста буд. 5. Ҳар рӯз чанд соат барзиёд кор карда ҳамин пахтаҳои сӯхта истодаро кафонда паҳн карда партоем *(С.Айнӣ)*.

## § 98. СИФАТИ ФЕЪЛИИ ЗАМОНИ ОЯНДА

• Ба сифати феълии ишоратшуда таваҷҷӯҳ намуда, аз ҷиҳати сохт ва замон шарҳ диҳед. Вазифаи наҳвии онҳоро муайян кунед.

1. Дар рӯйи стол чизҳои **хӯрданӣ** бисёр буданд. 2. Ман моҳибирён **хӯрданӣ** будам. 3. Ман ба дӯстам бисёр гапи **гуфтанӣ** доштам. 4. Ин гапҳоро ба ӯ як-як **гуфтанӣ** будам. 5. Гӯсолаи **шуданӣ** аз пояш маълум. 6. Ту магар сангтарош **шуданӣ**?

Сифати феълие, ки амалу ҳолати дар замони оянда рухдиҳандаро мефаҳмонад, ***сифати феълии замони оянда*** меноманд.

Сифати феълии замони оянда аз масдар тавассути пасванди **-ӣ** сохта мешавад: хонданӣ, хӯрданӣ, гуфтанӣ, сарф шуданӣ, тамошо карданӣ.

Сифати феълии замони оянда дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда ва хабар меояд: Нақшаро як моҳ пештар барзиёд **иҷро карданӣ...** Падарам бештарин ранги чизҳои **бофтаниашро** ҳам худ тайёр мекард.

**Машқи 368.** Ҷумлаҳоро нависед. Сифати феълии замониояндаро ёфта шарҳ диҳед.

1. Дарсҳои ҳафтаи оянда хонда шуданиро ба ӯ ба хубӣ мефаҳмондам *(С.Айнӣ)*. 2. Шабона... дарсҳои хонда шуданиро тайёр мекардам *(С.Айнӣ)*. 3. Ҳамаи корҳоро бо машина, бо электрик карданӣ аст *(Ҷ.Икромӣ)*. 4. Мавсими баҳор солҳои ҷавонии умри одамӣ барин азиз, латиф, зебо, фаромӯшношуданӣ *(Р.Ҷалил)*. 5. Моли хоми дар ин корхона сарфшуданӣ мис, биринҷӣ ... буд *(С.Айнӣ)*. 6. Ман имрӯз шуморо диданӣ ва дарди дил карданӣ будам *(Ҷ.Икромӣ)*.

**Машқи 369.** Ҷумлаҳоро хонед. Сифати феълии замониояндаро муайян карда, аз ҷиҳати сохт ва замон шарҳ диҳед.

1. Фалокатҳои пас аз ин ба сарашон омаданиро ба

ёдашон оварда ҳой-ҳой мегиристанд *(С.Айнӣ)*. 2. Вай гапҳои гуфтанӣ дошт, вай лоақал сабаби дар рӯзи ваъда нарафтанашро ба ӯ фаҳмонданӣ ва аз вай узр хостанӣ буд *(С.Улуғзода)*. 3. Ӯ ... ба ҷойи ҳаргиз наёфтанӣ пинҳон мекунад ё мегурезад *(С.Айнӣ)*. 4. Нақшаро як моҳ пештар барзиёд иҷро карданӣ, ба мусобиқа даъват карданӣ *(Ф.Ниёзӣ)*. 5. Даромади аз ин роҳ шуданӣ ба ҳамин асп намерасад *(С.Айнӣ)*. 6. Ана ин роҳи сангфарше, ки онро ҳам аз нав сохтанием *(Аз рӯзнома)*.

**Машқи 370.** Ҷумлаҳоро нависед. Сифати феълии замониояндаро ёфта, вазифаи наҳвии онҳоро муайян кунед.

1. Вай гапҳои гуфтанӣ дошт *(С.Улуғзода)*. 2. Ин ҷавон кӯзаро аз дасташ гирифта бурда доданист *(Р.Ҷалил)*. 3. Ҳақиқатан як чизи омӯхтанӣ аст *(С.Айнӣ)*. 4. Бар рӯйи чизҳои хӯрданӣ ҳамеша тӯрҳои симини сиёҳ мепӯшонд *(С.Айнӣ)*. 5. Сайри ҷойҳои тамошо карданӣ чи дар шаҳр, чи дар беруни шаҳр буд *(Мирзо Сироҷи Ҳаким)*. 6. Ман туро муборакбод карданӣ будам *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 371.** Масдарҳои дар қавсайн овардашударо ба сифати феълии замони оянда баргардонда, ҷумлаҳоро нависед.

1. Ғоиб амак як чойник оби (нӯшидан) овард. 2. Меҳмонҳо ба маркази ноҳия (рафтан). 3. Собир ба тарафи роҳрави ҳавлии дарун нигоҳ карда (рафтан) шуд. 4. Мо (рафтан) шуда аз ҷой хестем. 5. Ман имрӯз фақат ба китобхонӣ (машғул шудан). 6. Нигоҳубини молҳоро ба уҳдаи худ (гирифтан) буд. 7. Хандақҳоро чуқуриаш се метру бараш ду метр (кофтан) шудам.

## § 99. ФЕЪЛИ ҲОЛ

• Ба калимаҳои ишоратшудаи ҳар ду сутун зеҳн монда, бар эзоҳи чӣ омадани онҳоро муайян кунед.

1. Хола **хандида-хандида** гап мезад.
2. Фаррух **гириста** ба бобояш гуфт.
3. Далер **давида** ба кӯча баромад.

1. Зан **гирёну нолон** ба хона даромад.
2. Пиразан **рӯканону мӯканон** даромада омад.
3. Духтар **табассумкунон** ба ӯ нигарист.

**Шакли тасрифнашавандаи феъл, ки амалу ҳолатро ҳамчун аломати феъли асосӣ ифода менамояд, *феъли ҳол* ном дорад.**

Феъли ҳол дорои хусусиятҳои феъл ва зарф мебошад. Феъли ҳол дорои замон ва намуд буда, аз ин ҷиҳат ба феъл наздик аст, вале аз рӯи вазифаи наҳвӣ ба зарф монанд буда, дар ҷумла асосан ба вазифаи ҳол меояд.

Феъли ҳол ду шакл дорад: шакли якум аз асоси замони гузаштаи феъл бо воситаи пасванди **-а** сохта шуда, амалеро ифода мекунад, ки пеш аз амали асосии ҷумла воқеъ гардидааст: Саломат ба хона **хандида** даромада омад.

Шакли дуюми феъли ҳол аз асоси замони ҳозираи феъл тавассути пасванди **-он (-ён)** сохта шуда, амалеро ифода мекунад, ки дар кадом вазъияту ҳолат ба вуқӯъ омадани амали асосиро шарҳ медиҳад: Мошин **ғурросзанон** гузашта рафт.

Ҳар дуи ин шакл ба тарзи такрор омада метавонад: давида-давида, хандида-хандида, давон-давон, хандон-хандон.

**Машқи 372.** Ҷумлаҳоро нависед. Феъли ҳолро муайян намуда шарҳ диҳед.

1. Дам ба дам қатораҳо дуру дароз ҳуштакзанон, гумбурросзанон мегузаштанд *(А.Деҳотӣ)*. 2. Шавкат косаи тунукаро ёфта, аз байни ҷараёни дарёча оби хунук оварда назди ман гузошт *(М.Наҷмиддинов)*. 3. Бо шунидани ин ҷавоб аҳли дарбор қаҳқаҳзанон хандиданд *(С.Айнӣ)*. 4. Додоҷон ба автобус нишаста, худро ба меҳмонхона расонид *(Ҷ.Икромӣ)*. 5. Рустам ба ҳавлии Парвонаино наздик омада таги туте маътал шуд

*(К.Мирзоев)*. 6. Дар он ҷо якчанд ҷанговарон гапзанон менишастанд *(Ф.Ниёзӣ)*.

**Машқи 373.** Ҷумлаҳоро хонда, феъли ҳолро ёбед. Шаклҳои якум ва дуюми онҳоро муайян намуда, аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

1. Дар осмони лоҷувардӣ якта-якта ситораҳо пайдо шуда, чун мӯҳраи ёқутии гардани ёр ҷило медоданд *(Б.Насриддинов)*. 2. Ҳама гапи ӯро тасдиққунон Умрихоларо тасаллӣ медоданд *(Ф.Ниёзӣ)*. 3. Ҳамроҳ ба рӯи суфа баромада, дар гӯшае сар хам карда нишаст *(С.Айнӣ)*. 4. Дар бораи бахту иқболи духтарон фикркунон шабҳоро рӯз мекард *(Ф. Ниёзӣ)*. 5. Гулхан бошиддат сӯхта дар як дам лахчаи бисёр ҳосил шуд *(М.Наҷмиддинов)*. 6. Яке аз дарбориён ба сӯйи ҳамён ишоракунон пичиррос зад *(С.Улуғзода)*.

**Машқи 374.** Ба ҷои сенуқтаҳо феъли ҳоли мувофиқ гузошта ҷумлаҳоро нависед. Феъли ҳоли ба ҷойи сенуқтаҳо гузоштаатонро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

1. Баҳриддин Муҳиддинов гапҳоро шунидан замон ... хандид. 2. Эркин Холматов ба болои харсанге ... ба атроф чашм дӯхт. 3. Аз юлғин навдаҳои сахт ..., сихкабоб сохтем. 4. Дӯкондорон ба ин хондани бемаҳали мо ҳайрон-ҳайрон ва ... нигоҳ мекарданд *(С.Айнӣ)*. 5. Қосим аз ҷояш ... ба кӯча баромад. 6. Турнаҳо аввали баҳор қатор-қатор ... мегузаранд.

**Машқи 375.** Аз асосҳои феълии зерин бо воситаи пасвандҳои **-а, -он** феъли ҳол созед ва бо ҳар кадоми онҳо яктоӣ ҷумла тартиб диҳед.

Хонд, гуфт, ханд, дав, дид, тоз.

## § 100. НАМУДИ МУТЛАҚ ВА ДАВОМДОРИ ФЕЪЛИ ҲОЛ

• Ба феълҳои ҳоли ишоратшудаи ҷумлаҳои ҳар ду сутун таваҷҷӯҳ намоед ва намуди онҳоро муайян кунед.

1. Мошин сангчаҳои роҳро ба атроф **пошида** гузашта рафт.
2. Ман ҳамаи инро **мушоҳида карда** аз дил мегузарондам.

1. Ҳарорати Хуршед устухони сарди ӯро **навозишкунон** гарм мекунад.
2. Аз назди онҳо **гузаштаравон** дар хусуси гули хонагие гап мезад.

Феъли ҳол дорои хусусиятҳои феъл ва зарф аст. Яке аз хусусиятҳои феълии феъли ҳол дар ифодаи намуд зоҳир мегардад. Феъли ҳол дорои намуди мутлақ ва давомдор мебошад. Масалан, дар ҷумлаи «Маҳмуд ба хона даромада чароғро даргиронд» феъли ҳол – даромада амали ба анҷомрасидаи пеш аз амали асосии ҷумла (даргиронд) воқеъгардидаро ифода менамояд, бинобар ин «даромада» феъли ҳоли мутлақ мебошад. Вале, дар ҷумлаи «Сухани ӯро табассумкунон шунида менишаст» феъли ҳол – табассумкунон амали давомдори ба амали асосӣ (шунида менишаст) пайрав бударо ифода менамояд. Аз ин рӯ, «табассумкунон» феъли ҳоли давомдор аст.

Шакли дуюми феъли ҳол – феъли ҳоли замони ҳозира намуди давомдорро ифода менамояд: Носири Хусрав созашро **озмоишкунон** аз он торафт овозҳои нав ба нав мебарорад. *(С.Улуғзода)*. Танҳо шамол дар рӯи оби софу зулоли дарё бо кафкҳо **бозикунон** озод вазида мегардад.

**Машқи 376.** Ҷумлаҳоро нависед. Ба зери феъли ҳол хат кашида, аз ҷиҳати ифодаи намуд шарҳ диҳед.

1. Аз дидани ӯ чеҳраи ҷавон кушода шуда табассум кард *(А.Ҳамдам)*. 2. Саворaҳо суҳбаткунон ба назди хаймае расиданд *(Ш.Ҳаниф)*. 3. Сир ҷазираро аз ду тараф навозишкунон гузашта меравад *(А.Ҳамдам)*. 5 Сафар бошад, чаққонӣ карда аз вай як мижазанӣ пештар тир андохт *(Ф.Ниёзӣ)*. 6 Ман ба мактаб тозонтозон мерафтам.

**Машқи 377.** Ҷумлаҳоро хонда, феълҳои ҳолро муайян кунед. Гӯед, ки кадом шакли феъли ҳол намуди давомдорро ифода намудааст.

1. Мо секаса халтаҳоро кушода, нони равғанини

танӯрӣ, ҳасиби дуддода, якдонагӣ себ гирифта, дастархон оростем *(М.Наҷмиддинов)*. 2. Мошини боркаш нолакунон ба самти шарқ бо душворӣ роҳ мепаймуд *(Ш.Ҳаниф)*. 3. Як мокиёни сурх чашмонашро нимпӯш карда, ба хоки гарм ғӯтавар шуда, қанотак мезад... *(К.Мирзоев)*. 4. Дар бордони мошин пағаҳо рақскунон поён мефуромаданд *(А.Ҳамдам)*. 5. Ба моҳӣ андак намак пошида, аз дум то нӯлаш аз сих гузаронидем. *(М.Наҷмиддинов)*. 6. Мурғҳо дар пушти дарвоза қут-қуткунон дон мечиданд *(К.Мирзоев)*.

**Машқи 378.** Ба ҷои сенуқтаҳо феъли ҳоли мувофиқро аз қавсайн интихоб намуда гузоред ва ҷумлаҳоро нависед. Гӯед, ки онҳо ба вазифаи кадом аъзои ҷумла оварда шудаанд.

1. Ман поёнтар ... , дар байни об тӯрро зер карда истодам *(М.Наҷмиддинов)*. 2. Ту ба обҳои ... боло ҷаҳандаи фонтан нигоҳ мекунӣ *(Ҷ.Икромӣ)*. 3. Гӯсфандон сахт ... , аз ҷояшон ... ба тарафи дигар гурехтанд *(С.Айнӣ)*. 4. Юнусбобо даромада омад ва ба сӯи суфа ... гуфт *(Ф.Ниёзӣ)*. 5. Вай ба гуфтаи ман..., регу хок ва чимҳои лойи канорро ба об мепартофт *(М.Наҷмиддинов)*. 6. Мӯзаҳои ялтосиашро ... пасу пеш рафта меомад. (амал карда, рафта, рамида, парросзанон, роҳравон, ғарчғарчкунон, бозикунон, хеста).

**Машқи: 379.** Ба феълҳои ҳоли зерин зеҳн монда, аввал феъли ҳоли мутлақ, баъд феъли ҳоли давомдорро ба дафтаратон нависед.

Қаҳқосзанон, хандида, даромада, бозикунон, тараққосзанон, гириста, пӯшонда, гумбурросзанон, бардошта, даргиронда, ҷаҳида, ишоракунон, кашолакунон, табассумкунон, харида, баромада, нафаскашон, шодикунон, санҷида, фикркунон.

# § 101. ИМЛОИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ ВА ФЕЪЛИ ҲОЛ

## Имлои сифати феълӣ

**I. Якҷоя навишта мешавад:**

1. Сифатҳои феълие, ки аз асоси замони ҳозираи феълҳои таркибии номӣ ба воситаи пасванди **-анда** сохта шудаанд: домодшаванда, ҷавобдиҳанда, хатмкунанда, мағлубшаванда, ҷамъбасткунанда, ҳалкунанда, зафарёбанда.

2. Сифатҳои феълие, ки аз асоси замони гузаштаи феъли таркибии номӣ бо пасванди **-а** сохта шудаанд: корҳои **иҷрошуда,** шахси **дермонда,** писари **қафомонда,** аробаи **чархшикаста,** озмоиши **анҷомёфта,** пиёлаи **лабшикаста,** саги **думбурида.**

3. Сифатҳои феълие, ки аз асоси феъли таркибии номӣ ва пешоянд тавассути пасванди **-а** сохта шудаанд: кори **бaанҷомрасида,** ҷавони **азхудрафта,** пири **барҷомонда,** умеди **барбодрафта,** фоидаи **бадастомада...**

**II. Ҷудо навишта мешавад:**

1. Ҷузъҳои сифати феълии бо пасванди **-гӣ** сохташуда: кори **иҷро шудагӣ,** замини **шудгор кардагӣ,** одами **хонда истодагӣ,** пули **бурда медодагӣ,** бачаи **оббозӣ карда шудагӣ.**

2. Сифати феълии замони оянда, ки бо пасванди **-ӣ** аз масдари таркибӣ сохта шудааст: воқеаи **фаромӯш нашуданӣ,** молҳои **сарф шуданӣ,** қарори **иҷро нашуданӣ,** ҷои **пинҳон шуданӣ.**

## Имлои феъли ҳол

1. Ҷузъҳои феъли ҳоле, ки аз асоси замони ҳозираи феъли таркибии номӣ бо пасванди **-он** сохта шудааст, якҷоя навишта мешаванд: сурудхонон, табассумкунон, суҳбаткунон, навозишкунон, бозикунон...

2. Феълҳои ҳоли такрор бо нимтире навишта мешаванд: давида-давида, ларзида-ларзида, хандида-хандида, давон-давон, ларзон-ларзон, хандон-хандон, лангида-лангида, лангон-лангон.

**Машқи 380.** Ҷумлаҳоро нависед. Сифати феълиро муайян карда, имлои онҳоро шарҳ диҳед.

1. Издиҳоми косибон ва деҳқонони ситамдида аз дунболи Кова равон гардиданд *(С.Улуғзода)*. 2. Дигар ин роҳ набуд, балки пайроҳае буд болои сангҳои аз зарби сармову мавҷҳои дарё сайқалхӯрда ва бараҳнашуда *(Р.Ҳодизода)*. 3. Гулҳои рангоранги чашмро асиркунанда, ба дилҳо муҳаббат ва илҳоми бепоён бахшанда шуълаҳои бомдоди баҳорӣ ва шабнамҳоро макида–макида дар нозу карашма буданд *(М.Турсунзода)*. 4. Фаридун байрақи черминро бо фоли нек гирифт, шод шуд, гуфтори мардуми ҷафодидаро шунид *(С.Улуғзода)*. 5. Ҷомӣ аввалу охири порчаи овардашударо аз ёд хонда, сабаби гуфта шудани онро шарҳ дод *(А. Афсаҳзод)*. 6. Аз ман хоҳиш кард, ки ҳар пагоҳ ба хонаи ӯ равам ва пеш аз дарс бо ӯ дарси ҳамон рӯз хонда шуданиро «муколама» кунам *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 381.** Ҷумлаҳоро хонед. Сифатҳои феълии бо пасванди **-анда** сохта шударо муайян карда, имлои онҳоро шарҳ диҳед.

1. Мурғон ва гулҳо бо савту сурудҳои худ ҳаёти зафарёбанда, табиати сабзашаванда, водии ба нашъунамо дароянда, баҳори гул-гул шукуфандаро табрик намуданд *(М.Турсунзода)*. 2. Сиддиқхон маоши аз подшоҳӣ ба худаш додашавандаро ба китобхарӣ сарф кард *(С.Айнӣ)*. 3. Ҳоло фасли баҳор аст. Аз ҳама ҷо, ҳатто аз чеҳраву сарулибоси рангоранги одамон бӯву накҳати махмуркунандаи он ба димоғ мешинад *(Ҷ.Акобир)*. 4. Оммаи дӯстдорони Муқаннаъ, ки ӯро халоскори худ ва ба ҷаннати озодӣ, осудагӣ расонандаи худ медонистанд, ин чароғи маҳтобиро яке аз мӯъҷизаҳои ӯ ... шумурдаанд *(С.Айнӣ)*. 5. Саги ёбоӣ ба одамиён унс гирифт ва боқадр шуд, зеро онҳоро аз қасди душманон ва ҳайвоноти дарранда огоҳ мекард... *(С.Улуғзода)*.

6. Пеш аз ману ту лайлу наҳоре будаст,
Гарданда фалак низ ба коре будаст.

*Умари Хайём*

### *Шарҳи луғат:*

**Муколама** – саволу ҷавоб
**Накҳат** – бӯи хуш
**Унс гирифтан** – ром шудан, одат кардан
**Лайлу наҳор** – шабу рӯз

**Машқи 382.** Ҷумлаҳоро нависед. Феълҳои ҳолро муайян карда, имлои онҳоро шарҳ диҳед.

1. Холида лабонаш дар панҷаи табассуми меҳрангез, абрӯвони барҳамашро тааҷҷубкунон саҳл боло бардошта, мактубро гирифта, ба хондан даромад *(Ҷ.Акобир)*. 2. Агар қатра-қатра чакидани тармаоб ва шуввосзанон ба поён ҷорӣ шудани обро ба ҳисоб нагирем, дар он ҷо хомӯшии тамом ҳукмрон аст *(А.Ҳамдам)*. 3. Маҳмуд ба хона даромада, ... аз пеши миз курсиеро гирифта лангон-лангон сӯйи пойгаҳ рафт *(П.Толис)*. 4. Як қисми моҳиҳои майда аз шикофҳои тӯр шалаппоскунон ба об афтида мерафтанд *(М.Наҷмиддинов)*.

**Машқи 383.** Нақшаро аз назар гузаронида бо мисолҳо шарҳ диҳед.



## Савол ва супоришҳо:

1. Кадом шаклҳои феълиро шаклҳои тасрифнашавандаи феъл мегӯянд? Мисолҳо гӯед.
2. Масдар чист? Мисолҳо оред.
3. Хусусиятҳои луғавӣ ва аломатҳои дастурии масдарро гӯед. Мисол оред.
4. Масдарҳо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешаванд? Мисол гӯед.
5. Фарқи масдари сохта аз масдарҳои содда дар чист? Мисол гӯед.
6. Дар бораи масдарҳои таркибӣ чиҳоро медонед? Бо мисолҳо фаҳмонед.
7. Хусусиятҳои исмии масдарро бо мисолҳо фаҳмонед.
8. Масдар дорои кадом хусусиятҳои феълист? Мисол гӯед.
9. Вазифаи феълии масдарро гӯед. Мисолҳо оред.
10. Кадом шакли феълиро сифати феълӣ мегӯянд? Мисол гӯед.
11. Хусусиятҳои феълӣ ва сифатии сифати феълиро бо мисолҳо фаҳмонед.
12. Сифати феълӣ дорои кадом замонҳост? Мисол гӯед.
13. Дар бораи имлои сифати феълӣ чиҳоро медонед? Мисол гӯед.
14. Феъли ҳол чист? Бо мисолҳо фаҳмонед.
15. Фарқи феъли ҳол аз сифати феълӣ дар чист? Мисол гӯед.
16. Шаклҳои мутлақ ва давомдори феъли ҳолро бо мисолҳо фаҳмонед.
17. Имлои феъли ҳолро шарҳ диҳед. Фикратонро бо мисолҳо собит намоед.
18. Вазифаи наҳвии сифати феълӣ ва феъли ҳолро гӯед. Мисолҳо оред.

## § 102. ЛУҒАТШИНОСӢ

**Машқи 384.** Ҷумлаҳоро нависед. Ба зери калимаҳои сермаъно хат кашед.

1. Ҳар касе, ки аз ин кор гардан тобад, ҷазои сахт мебинад *(С.Айнӣ)*. Аз ин ҳодиса сахт маълум шуд, рафта-рафта дилашро сахт бой дод. *(Аз маҷалла)*. 3. Дар поёни қишлоқ дар лаби наҳрчаи пуршӯр ҷанги сахте ба вуҷуд омад *(Алихуш)*. 4. Оре, ба Гулнор як ҳолати бисёр сахте рӯй дода буд *(С.Айнӣ)*. 5. Соли гузашта фалокате рӯй дод, ки Ҳасан дилашро тамоман бой дод *(С.Айнӣ)*. 6. То вақте ки Сангин сурудро ба охир расонид, Одина ҳам ба нола ва гиряи паёпай дили худро қадре холӣ намуда, ба худ қуввати сурудгӯӣ ва нақшхонӣ пайдо карда буд ва бо сӯзу гудозе, ки дили Сангин, ҳатто дили санги кӯҳро ҳам об мекард, ба хондани ин ғазал сар кард.

**Машқи 385.** Ҷумлаҳоро хонед. Муродифи луғавӣ, ҳамгуна ва мутазодҳоро пайдо карда шарҳ диҳед.

1. Дар ин дам чашмони ӯро ашкҳои хашму ғазаб, сиришкҳои интиқом, ниқор фаро гирифта буданд *(Ҳ.Карим)*. 2. Аммо тез-тез ба Офтоб нигоҳ мекард, ба хамидани соя диққат менамуд ва фурӯ рафтани Хуршедро мепоид *(Ҳ.Карим)*. 3. Агар ин тавр намекарда бошетон, ё наметавониста бошетон, ёздаҳ ҳазор тангаи нақди ман додаро ба панҷ ҳазор тангаи мақбуз ба ман диҳетон *(С.Айнӣ)*. 4. Чаро ин фаришта, вай шайтон? ... Чаро ин ҷон, вай аҷал? Чаро ин тимсоли накӯӣ, вай намунаи бадӣ? *(Ҷ.Икромӣ)*. Душмани доно беҳ аз дӯсти нодон *(Зарб.)*

5. Рақсидани сарву ҳолати гул,
Бе савти ҳазор хуш набошад.

*Ҳофизи Шерозӣ*

**Машқи 386.** Ҷумлаҳоро нависед. Ба зери калимаҳои шевагӣ хат кашида шарҳ диҳед.

1. Рӯйи вай гунгро мурдашӯ шӯяд, бадбахт маро фиреб додааст, ба ҷои пул ба ман паттаҳо додааст *(Ҳ.Карим)*. 2. Вақте ки ду-се қамчини обдор ба сағрияш шинондам, асп ба ҷавлон омад *(С.Айнӣ)*. 3. Пиразанони серманаҳ ҳам гӯш меандохтанд *(Р.Ҷалил)*. 4. Раҳими Қанд зери лаб ғур-ғуркунон «исқит, мурданӣ» гӯён ӯро дашном дода монд *(С.Айнӣ)*. 5. Бувачон, мана хафа карданба дилатон мешавад-мӣ? – Не чува дилам мешудааст! *(Ҳ.Карим)*. 6. Мӯйҳои сафедаш аз таги уребчааш пағa-пағa шуда баромада истодаанд *(Ҳ.Карим)*.

**Машқи 387.** Аз таркиби ҷумлаҳо калимаҳои кӯҳнашударо муайян карда, ба дафтаратон нависед.

1. Пилтаи чароғи сиёҳ сӯхта, ба як оташпораи хурде мубаддал шуд *(Р.Ҷалил)*. 2. Оё ту хасми моӣ? ... Агар хасм набошӣ, дӯст ҳам наӣ *(С.Улуғзода)*. 3. Одамони миршаб, шогирдпешагони қушбегӣ мулозимони қозикалон ва раис ҳам аз воқеа хабар ёфта, расида меоянд *(С.Айнӣ)*. 4. Силаи «Шоҳнома»-атро хоҷаи бузург ба ту мерасонад *(С.Улуғзода)*. 5. Модом ки ман заминҳояшро бо васиқаи қозӣ ба шумо гарав медиҳам, боз заркафил барои чӣ даркор аст? *(С.Айнӣ)*. 6. Хайрият, ки дарс сар шуд, қории ҷамоа – сари синф як ҷумла аз иборати китобе, ки дарси мо аз вай буд, хонд *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 388.** Ҷумлаҳоро хонед. Калимаҳои вомиро ёфта шарҳ диҳед.

1. Ба ягон аъзои оилае исноде расад *(Р.Ҷалил)*. 2. Аз таманнои ин чанде пеш оби хуми Намангон ях мекард *(Р.Ҷалил)*. 3. Ба аспи бад сад қамчин *(Зарб.)*. Ба оши тайёр бакавул *(Зарб.)*. Баъд аз тӯй нақора *(Зарб.)*.

4. Замона нотинҷ шуда монд. Набошад, ин қадар саллоту палиса дар ин ҷо чӣ кор мекунад? *(Р.Ҷалил)*.
5. Дар ин дӯкон як вақтҳо лампаҳои карасинӣ мефурӯхтанд *(М.Миршакар)*.

## § 103. КАЛИМАСОЗӢ

**Машқи 389.** Калимаҳои зеринро нависед. Реша, пешванд ва пасванди онҳоро ёфта, таърифашонро ба хотир оред.

Босуръат, беадаб, боодоб, беозор, безарар, бомаънӣ, бахабар, боғайрат, беҳисоб, бообрӯ, бафаҳм, бошараф, бошуур, нобоб, нобино, нодон, номаълум, нопурра, баромадан, вохӯрдан, бозгаштан, хандидан, сабзидан, сабза, сиёҳӣ, даштӣ, маърифатнок, хирадманд, ҳамҷинс, гулзор, пашмин.

**Машқи 390.** Калимаҳои ҳамрешаро муайян намуда, маънидод кунед.

Доно, ҳамхона, чашма, модарӣ, бераҳм, корӣ, дониш, хонагӣ, коргар, бораҳм, модарона, чашмасор, ҳамкор, донишманд, ҳамкорӣ, чашмак, модарвор, бераҳмӣ, нодон, бераҳмона, нодонӣ.

**Машқи 391.** Калимаҳои зеринро нависед. Пешванду пасвандҳои калимасоз ва шаклсозро муайян намуда шарҳ диҳед.

Заргар, сурхӣ, омӯзгор, духтарак, гулистон, дарахтзор, хонача, шишагӣ, даштӣ, занона, сиёҳча, баррача, мӯрчаяк, калонакак, сиёҳак, ҳамсафар, боақл, бамаврид, нотарс, даромадан, баргаштан, вохӯрдан, фуромадан, мерафт, ҳамкор, нодон, бигӯй, бубин, нарав, магӯй, мегуфт.

**Машқи 392.** Калимаҳои зеринро хонед. Сохти онҳоро муайян карда шарҳ диҳед. Қоидаи калимаҳои содда, сохта, мураккаб ва таркибиро ба хотир оред.

Сурх, гов, овард, сиёҳӣ, бораҳм, бардор, даргирифт, сабзид, рақсид, гулистон, сангин, беранг, баинсоф, ҳамнафас, панҷа, пистазор, фаромад, занона, хирадманд, наългар, хизматгор, китобхона, кафгир, хушбахт, қадбаланд, ҷустуҷӯй, даводав, моҳихӯрак, пахтачинӣ, бисту се, илмии оммавӣ, Осиёи Марказӣ, мактаби интернат, кулоҳбасар, нестдарҷаҳон.

**Машқи 393.** Калимаҳои мураккабро нависед ва роҳҳои сохта шудани онҳоро муайян кунед.

Роҳбар, садбарг, гуфтугӯ, давродавр, ҳафтсола, дилкаш, зӯҳрочабин, созишнома, чойхона, гуфтушунид, саросар, гирдогирд, панҷшоха, обмонӣ, оташгирак, мӯрчамиён, абрӯкамон, хиштрезӣ, чордаҳ, рангоранг, шустушӯ, Конибодом, зиндадаргӯр, тор-тор, умумихалқӣ, пешқадам, рӯбарӯ.

## § 104. ОВОЗШИНОСӢ

**Машқи 394.** Ба калимаҳо зеҳн монда, садонок ва ҳамсадоҳоро муайян кунед. Садонокҳоро ба садонокҳои лабию ғайрилабӣ ва ҳамсадоҳоро ба ҳамсадоҳои ҷарангдору беҷаранг ҷудо карда нависед.

Бабр, донишгоҳ, сагпараст, фасл, мӯй, элак, хуб, қаър, ҷадвал, ҷуғз, аждаҳо.

**Машқи 395.** Калимаҳоро хонед. Ҳиҷоҳои кушода ва бастаро муайян намуда, ба дафтаратон нависед.

Арзон, боғбон, талаба, бӯрё, Яҳё, ваъда, Аъзам, бобо, гулӯ, Эрон, эмин, ҷӯгӣ, Ҳисор, наргис, лола, гилем, фардо, таълим,

**Машқи 396.** Калимаҳоро нависед. Ҳарфҳои ётбарсарро муайян намуда шарҳ диҳед.

Елим, ем, ёздаҳ, ёна, юнонӣ, юнучқа, яздон, ягон, ёдгор, яхпора, бекорӣ, сел, селоба, бисёр, диёр, афғон,

дуюм, гӯянда, ояд, бероҳа, касе, яке, хонае, дунё, бӯрё, гӯё, мадюн, мадҳия, Лутфия, Робия.

**Машқи 397.** Мисолҳоро навишта, ба талаффузи овозҳои «у» ва «ӯ» зеҳн монед. Гӯед, ки бо иваз шудани садоноки «у» ба «ӯ» дар маънои калима тағйирот ба вуҷуд омадааст ё не. Бо калимаҳои «хурд», «хӯрд», «сум», «сӯм» чор ҷумла тартиб диҳед. Куш–кӯш, гул–гӯл, хурд–хӯрд, сум–сӯм, бур–бӯр, мур–мӯр.

**Машқи 398.** Ба талаффуз ва маънои ҷуфти калимаҳои зер таваҷҷӯҳ намоед ва фарқи онҳоро гӯед:

Бад–баъд, сурат–суръат, шӯла–шӯъла, ман–манъ, таб–табъ, рад–раъд, сад–саъд, шер–шеър, ало–аъло, нав–навъ, даво–даъво.

**Машқи 399.** Мисолҳоро нависед ба имлои ҳарфҳои «ъ» ва «й» зеҳн монда маънидод кунед.

**Мисраъ** – мисраи шеър, мисраъҳои ғазал
**Мавзӯъ** – мавзӯи дарс, мавзӯъҳои дарс
**Навъ** – навъи аъло, навъҳои ангур
**Май** – майи ноб
**Най** – найи чӯпонӣ
**Чой** – чойи кабуд
**Лой** – лойи часпак

## § 105. НАҲВ

**Машқи 400.** Ибораҳоро нависед. Воситаи алоқа, тобеъкунанда ва тобеъшавандаи онҳоро муайян карда, қоидаи ибораро ба хотир оред.

Боми баланд, боми баланди мактаб, толори калон, толори калони донишгоҳ, себи сурх, себи сурхи бобоӣ, гули сурх, ҳавои соф, мактуб навиштан, китоб хондан, ба шаҳр рафтан, ба модар ёрӣ расонидан, ҳавлиро рӯфтан, таомро чашидан, калонсолонро ҳурмат кардан.

**Машқи 401.** Аз калимаҳо аввал ибораҳо созед, баъд аз ибораҳо ҷумла тартиб диҳед. Ибора ва ҷумлаҳои сохтаатонро муқоиса кунед ва фарқи онҳоро гӯед.

***Н а м у н а: чароғи карасинӣ. Чароғи карасинӣ хира месӯхт.***

Чароғ, гул, дарахт, себ, олу, девор, кӯпрук, дарвоза, кӯҳсор, деҳа, панҷара, Замин, Офтоб, барф, борон, Далер, Фаррух, Саломат, қалам.

**Машқи 402.** Ба мисолҳои зерин зеҳн монда, ибора ва ҷумлаҳоро муайян кунед. Аввал ибораҳо, баъд ҷумлаҳоро ба дафтаратон навишта, фарқи онҳоро гӯед:

гули сурх - Гул сурх аст; майдони васеъ –Майдон васеъ аст; ба мактаб рафтан–Ба мактаб рафтам; ҳавлиро рӯфтан – Ҳавлиро рӯфт; дар хона будан–Дар хона будем; мактуб навиштан – Мактуб навиштанд; аз хоб хестан – Аз хоб хестам; чой нӯшидан – Чой нӯшидӣ?

**Машқи 403.** Ҷумлаҳоро хонед. Онҳоро аз ҷиҳати ифодаи мақсади гӯянда ва оҳанги талаффуз ба хелҳо ҷудо карда, шарҳ диҳед.

1. Бигузор, каланди якумро ташналаби дерина – Шодибой амак занад! *(Ҳ.Карим)*. 2. Мо аз дарвоза даромада, ба дасти рост баргаштем *(С.Айнӣ)*. 3. Шумо ба меҳмонхона дароед. 4. Хари киро иш, пишаки киро пишт ва саги киро тур гуфтам? *(С.Айнӣ)*. 5. Тушбераро хом машумор *(Мақол)*. 6. Магар гапи зиёдатӣ фоида дорад? *(Ҳ.Карим)*. 7. Поҳои бисёр калонашро бешитоб, вазнин-вазнин монда роҳ мерафт *(С.Улуғзода)*. 8. Баҳор, маро бубахш! *(Ҳ.Карим)*.

**Машқи 404.** Аз ҷумлаҳои соддаи зерин бо ёрии пайвандакҳо ҷумлаҳои мураккаб созед.

1. Субҳ дамид. Мо ба роҳ баромадем.

2. Омӯзгор ба синф даромад. Дарси забони модарӣ сар шуд.

3. Саломат тамоми рӯз китоб хонд. Вай бисёр шавқовар буд.

4. Ҳар ду хандиданд. Ин ханда табиӣ набуд.

5. Борон гашти пешин монд. Пахта чидан мумкин набуд.

**Машқи 405.** Ҷумлаҳоро давом дода, ҷумлаи мураккаб созед. Гӯед, ки ҷумлаҳои содда бо кадом восита ба ҳам пайваст шудаанд.

1. Ширбиринҷ тайёр шуд, аммо ... 2. Духтарон ба лолачинӣ рафтанд, лекин ... 3. Қатора истод ва ... 4. Ҳаво соф буд ва ... 5. Барфҳо об мешуданд, чунки ... 6. Ман ба Тошканд омадам, ки ...

## САРФ

### § 106. ИСМ

**Машқи 406.** Ҷумлаҳоро навишта исмҳоро муайян кунед. Исмҳои муайяну номуайян ва танҳову ҷамъро ёфта шарҳ диҳед. Гӯед, ки номайянӣ ва шумора дар исмҳо бо кадом воситаҳои сарфӣ ифода мешаванд.

1. Рӯзе як шағоли гушна дар ҷустуҷӯи хӯрок ба назди қишлоқ омаду баногоҳ чашмаш ба таги дарахте афтод *(Аз «Афсонаҳои халқии тоҷик»)*. 2. Дар моҳи рамазон шабона ҳамаи дӯконҳо, саройҳо, тиҷоратхонаҳо ва инчунин самоворхонаҳо, ошхонаҳо ва сартарошхонаҳо то нимаи шаб кушодагӣ буданд *(С.Айнӣ)*. 3. Дар як тараф занон, духтарон, канизон, ғуломон гӯсфанд медӯшиданд... *(С.Айнӣ)*. 4. Гӯсфандон, бузон, баррагон ва бузғолагон ба хобгоҳи худ баромада осуда хобида буданд *(С.Айнӣ)*. 5. ... чашму абрӯвони сиёҳе дошт ... *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 407.** Исмҳоро ба хелҳо ҷудо карда нависед.

Санг, некӣ, Тошканд, осмон, шер, Деҳқонобод, моҳӣ, ангур, пиёз, омӯзгор, мактаб, машкоб, кӯча, Бурчимулло, Диловар, ситора, Фаррух, гӯсфанд, саъба, мӯрча, гул, хирад, ҳушёрӣ, бадӣ, дуредгар, себ, Замин, магас, дарахт, об, ҳаво.

**Машқи 408.** Ба исмҳои сохта зеҳн монед. Пешванду пасвандҳои исмсозро муайян кунед. Пасвандҳои шаклсозро ёфта шарҳ диҳед.

Наългар, робитачӣ, фиребгар, мададгор, подабон, сӯхтор, суханвар, чашма, поя, ҳарифона, тозиёна, лаълича, китобча, духтарак, мардак, бандина, нақдина, пӯстак, чирчирак, ширинча, бозича, сабзӣ, сиёҳӣ, гӯшвор, пӯстин, хӯрҷин, варзиш, равиш, боронгарӣ, одамгарӣ, хобгоҳ, чарогоҳ, лолазор, гулистон, Ӯзбекистон, намакдон, гулдон, мӯрчаяк, занак, хонача, шаҳрча, боғбон, ҳамсинф, ҳамкасб, ҳамроҳӣ.

**Машқи 409.** Ба исмҳои мураккаби зерин таваҷҷӯҳ намоед. Онҳоро ба исмҳои мураккаби навъи пайваст ва тобеъ ҷудо карда шарҳ диҳед.

Кашокаш, даводавӣ, сарзамин, гулдаста, соҳибхона, осиёсанг, гап–гап, сарупо, рангубор, занозан, занозанӣ, ошхона, тутмавиз, модаркалон, гӯштбирён, каллақанд, киштукор, бандубаст, гурезогурез, нӯшонӯш, muromурӣ, тундбод, хушхабар, садбарг, найшакар, мироб, мӯйсар, саркор.

## § 107. СИФАТ

**Машқи 410.** Ҷумлаҳоро хонед. Сифатҳои аслӣ ва нисбиро муайян карда шарҳ диҳед.

1. Саҳрои васеъ, биёбони хушк *(С.Айнӣ)*. 2. Та-

мошобинони бисёр, ки аксар сайёҳони хориҷӣ буданд, чашм аз гулхан наканда, рост меистоданд *(А.Баҳорӣ)*. 3. Ҳаминро медонам, ки Сурайё зани олиҷаноб ва меҳрубон асту Анвар муаллими хуб *(Ҷ. Икромӣ)*. 4. Замини атрофи шаҳр аз қолини нарми навраста, аз лолаи даштӣ ва майдагулҳои худрӯйида мурассаъ буд *(Ф.Муҳаммадиев)*. 5. Дар сафҳои осмон силсилаи абрҳои аз борони шабона боқимонда фориғболона сайр мекард ... *(Ф.Муҳаммадиев)*. 6. Келини Саломон маро бо дили шоду чеҳраи кушод пешвоз гирифт *(А. Баҳорӣ)*.

**Машқи 411.** Ҷумлаҳоро навишта, сифатҳои аслиро ёбед. Дараҷаи онҳоро муайян намуда шарҳ диҳед.

1. Майдонҳои чормағзу бодомзор, зардолу, шафтолузор бо боғҳои ангури тагобӣ манзараи зебо ва фараҳафзое доштанд *(Р.Ҷалил)*. 2. Маълум мешавад, ки пойи шутур ҳам сахттар ва ба сармо тобовартар будааст *(С.Айнӣ)*. 3. Манзара боз ҳам зеботар ва дилработар мегардид *(Ҷ.Икромӣ)*. 4. Саъдӣ пурқиматтарин сармояи илму дониши худро аз мадрасаи Низомия гирифта буд *(С.Айнӣ)*. 5. Аз ҳама баландтар Ҳошим Корвон механдид... *(С.Улуғзода)*. 6. Вай марди қадпасти ниҳоят фарбеҳ буд *(Р.Ҷалил)*.

**Машқи 412.** Ҷумлаҳоро хонда, сифатҳоро ёбед. Воситаҳои ифодаи зиёдӣ ва камии аломатро муайян намуда шарҳ диҳед.

1. Риши сап-сафеди вай қариб ба миёнбандаш мерасид *(Р.Ҷалил)*. 2. Вай чашмони кабудчаи пуроташе дошт *(Ф.Ниёзӣ)*. 3. Шаби дароз абрҳои хокистарранг ба Замин заррачаҳои нуқратоб пошиданд *(А.Шукӯҳӣ)*. 4. Вай риш надошт, мӯйлаби сафеди андак зардчатобаш ҳамеша аз ду тарафи лабаш ба поён хамида меистод *(Ҷ.Икромӣ)*. 5. Вай чобук, малламӯй, сурхинарӯй

буд *(Р.Ҷалил)*. 6. Дигаре аз ин ду одам зардчаранг, ришу мӯйлабаш тамом тарошида, мӯйсараш дароз гузошташуда буда, пӯшокаш тагу рӯй европогӣ буд *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 413.** Ба сифатҳои сохта таваҷҷӯҳ намуда, пешванду пасвандҳои сифатсозро муайян кунед. Пасвандҳои шаклсозро ёфта шарҳ диҳед.

Абадӣ, ҳавоӣ, хонагӣ, оилавӣ, дӯстона, ваҳшиёна, ҷудогона, пирона, салланок, хирадманд, дастакӣ, парпончак, ҷисмонӣ, суханвар, девонавор, гулгун, париваш, бамаънӣ, боумед, баркамол, бебок, ноҳақ, даргузар, тоалифбо, пастак, калонакак, зебоякак, фарбеҳак, майдаяк.

**Машқи 414.** Ба сифатҳои мураккаби зерин зеҳн монед. Онҳоро ба сифатҳои мураккаби пайваст ва тобеъ ҷудо карда шарҳ диҳед.

Тор-тор, рангоранг, соҳибҷамол, дилтанг, ошиқнавоз, зархарид, солхӯрда, сиёҳмушкин, навбаромад, чорпаҳлӯ, нимбараҳна, нимдошт, якрав, худписанд, хелмахел, кулоҳбасар, нестандарҷаҳон, зиндадаргӯр.

## § 108. ШУМОРА

**Машқи 415.** Ҷумлаҳоро навишта, ба зери шумораҳо хат кашед. Шумораҳои миқдорӣ ва тартибиро муайян карда маънидод кунед.

1. ... Ин тавр бошад, нӯҳ кас бас аст, даҳуматон худи маҳмадоно шавад *(С.Айнӣ)*. 2. Аз нимаи дуюми моҳи феврал сар карда шамоли боло вазидан гирифт *(А.Шукӯҳӣ)*. 3. Барои одаме, ки ҳеҷ гоҳ сар ба бистари беморӣ намондааст, бист рӯз бист сол барин менамуд *(А.Шукӯҳӣ)*. 4. ... Ду сар пиёзро пора карда бирён кун *(С.Айнӣ)*. 5. Меҳмонхона бо лампаи чилум гарм ва равшан шудагӣ буд *(С.Айнӣ)*. 6. Ин чорумин ҳодисаи нодиру пурасрор аст... *(А.Баҳорӣ)*.

**Машқи 416.** Ҷумлаҳоро хонда, шумораҳои миқдориро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо ба кадом хелҳои шумораи миқдорӣ мансубанд.

1. Бозор бо як сару ҳазор савдо ва як дилу ҳазор хаёл ба хонаи худ даромад *(С.Айнӣ)*. 2. Маълум аст, ки ... аз даҳ нӯҳи мардумро дар ин ҷоҳо роҳ набуд ва садяки хонандагон ... бесавод мемонданд *(С.Айнӣ)*. 3. Дар полизи боғча ду-се ҷӯякӣ ҳар гуна сабзавот кошта буданд *(Ф.Муҳаммадиев)*. 4. Онҳо ҳанӯз панҷ-шаш қадам дур нарафта, оташфишонии душман сар шуд *(Р.Ҷалил)*. 5. Дар ин хона дар як гӯшае як бочкаи оҳанинеро мебинед, ки тахминан даҳ сатил ё зиёдтар обро ғунҷоиш дорад ... *(С.Айнӣ)*. 6. Агар ҳамин даъворо карда, ҳамон шашяки ним таноб заминро мегирифт ҳам, ба ӯ чӣ мерасид? *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 417.** Ба шумораҳо зеҳн монда, сохташонро муайян кунед. Онҳоро бо тартиби зерин нависед: шумораи содда, шумораи сохта, шумораи мураккаб, шумораи таркибӣ.

Шаш, даҳ ду, якум, дуюм, чордаҳ, дусад, бисту се, чорсаду сию ду, як, се, чор, чорум, сеюм, сесад, шаш-сад, панҷсад, ҳаштсад, сиву ҳафт, чорсаду чилу панҷ, ду ҳазору шашсаду навад, панҷ, якумин, сиюмин, нӯҳсад, ҳазор, миллион, се миллиону шашсаду бисту панҷ.

**Машқи 418.** Ҷумлаҳоро навишта, ба зери шумораҳои тартибӣ хат кашед. Гӯед, ки онҳо тавассути кадом пасвандҳо сохта шудаанд.

1. Ман ба фикри он, ки «**Ӯ** фаҳмид ё не», бори якум ба рӯйи вай бодиққат нигоҳ кардам *(С.Айнӣ)*. 2. Домоди гунги мо рӯзи дуюм ба деҳаи худ баргашт *(С.Улуғзода)*. 3. Наҷмиддин бори ҳаждаҳум ба назди духтар омаданаш номи ӯро донист *(Р.Ҷалил)*. 4. Дар гӯшаи аз ҳама дури хона, назди печка панҷумин иш-

тироккунандаи маҷлис Ҳошим Корвон ҷойгир буд *(С. Улуғзода)*. 5. Фасли деҳқонии дуюмин соли ҷанг ҳам дар ин деҳа мисли солҳои гузашта бо натиҷаҳои хуб ба анҷом расид *(Ф.Ниёзӣ)*.

**Машқи 419.** Шумораҳои тартибии зеринро бо рақам навишта, ба ҳар яки онҳо яктоӣ ҷумла тартиб диҳед.

Ҳафтодум, сию сеюм, саду дуюм, ҳазору нӯҳсаду панҷоҳу дуюм, нӯҳум, ёздаҳум, бисту дуюм, чилу чорум, ҳафтум.

## § 109. ҶОНИШИН

**Машқи 420.** Ҷонишинҳоро ба ҷонишинҳои далолаткунандаи предмет, аломат ва миқдор ҷудо карда, ба дафтаратон нависед.

Ман, ту, ин гуна, ин хел, чанд?, чӣ қадар?, мо, шумо, вай, онҳо, ҳамин гуна, ҳамин хел, он гуна, он хел, ҳамон хел, ҳамин қадар, ҳамон қадар, ин қадар, он қадар, худ, ҳеҷ кӣ, ҳеҷ чӣ, ҳама, ҳар кӣ, ҳар чӣ, чӣ гуна?, ҳама гуна, чандин, якчанд, кӣ?, киҳо?, чӣ?, чиҳо?, чӣ тавр?, чӣ хел?, ҳар гуна, ҳеҷ гуна.

**Машқи 421.** Ҷумлаҳоро хонед. Хели ҷонишинҳоро муайян намуда шарҳ диҳед.

1. Дили мани кӯдакро ба худ ҷалб намуд *(Ҳ.Карим)*. 2. Ҳошим худаш кошт, худаш даравид, худаш кӯфт *(С.Улуғзода)*. 3. Дидед, ки коркунӣ аз корфармоӣ чӣ қадар душвор будааст? *(С.Айнӣ)*. 4. Ҳой, бародар, ту ин қадар бори вазнинро чӣ тавр мебардорӣ? *(Ҳ.Карим)*. 5. Ман ҳамаи шумоёнро заминдор мекунам *(С.Айнӣ)*. 6. Ба назарам ҳеҷ чӣ наменамуд *(Ҳ.Карим)*. 7. Ин ҳикоя аз фалону беҳмадон китоб *(Ф.Муҳаммадиев)*.

**Машқи 422.** Ҷумлаҳоро нависед. Ҷонишинҳоро ёфта, ба зерашон хат кашед. Сохти онҳоро муайян кунед.

1. Ту хавотир нашав. Ба мо ҳеҷ гап намешавад *(Р.Ҷалил)*. 2. Ӯ чизи дар дилаш бударо рӯирост мегуфт ва аз ҳеҷ кас ибо намекард. 3. Он чизе, ки ману Боронов чандин моҳ ин ҷониб ҷустуҷӯяш мекардем, ҳамин рӯз ёфт шуд *(Ф.Муҳаммадиев)*. 4. Ҳисобро ҳар кас хоҳад, ба пеши ягон кас рафта мехонад *(С.Айнӣ)*. 5. Барои ин сарзамин мардум чӣ қадарҳо хун рехта, чандин касҳо сар бохтаанд *(Ф.Ниёзӣ)*. 6. Дар рӯйи сарой якчанд деги миси калони якманиро шинонда пуроб карда меҷӯшонданд *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 423.** Ҷумлаҳоро хонед. Ҷонишинҳоро муайян карда, имлои онҳоро шарҳ диҳед.

1. Писарат ба ин ҷо ким–чӣ хел корд монда рафт ... *(С.Улугзода)*. 2. Ҳар ду ҳам якдигарро нағз шинохтанд *(Ҳ. Карим)*. 3. Дасти ҳеҷ кадоми инҳо тамға надошт ... *(С.Айнӣ)*. 4. Раҳима даҳ китоб барои худаш ва ҳамин қадар барои ман харида буд *(Ҳ.Карим)*. 5. Ҳар кӣ побанди иморат мешавад, ҳар чӣ дорад, ҷумла ғорат мешавад *(Р.Ҷалил)*. 6. Дар даруни молхона якчанд нафар хобида буданд *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 424.** Ба ҷои сенуқтаҳо ҷонишинҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро нависед.

1. Ту дар ... сол таваллуд шудаӣ?. 2. Ҳоло ба ... даромадаӣ? 3. ... чӣ мегӯянд, гӯш кун, баъд мулоҳизаатро гӯй. 4. Шокир ... ро ҷустуҷӯ мекард, аммо нагуфт, ки ... ро меҷӯяд. 5. ... бачагон аз уҳдаи ... кор набароянд ҳам, гапашон калон аст. 6. Хати маро ба ғайр аз худам ... хонда наметавонист. 7. Аз ин гуфтугӯ ... мурод ҳосил нашуд.

## § 110. ФЕЪЛ

**Машқи 425.** Ҷумлаҳоро хонда, феълҳоро муайян кунед. Аввал феълҳои аз асоси замони гузашта, баъд аз асоси замони ҳозира сохташударо навишта шарҳ диҳед.

1. Баъд аз розигии беморро гирифтан, Гулнора ба ходимони касалхона фармуд, ки ба ҷарроҳӣ тайёрӣ бинанд ва худаш ба соаташ нигоҳ карда, ба кабинети сардухтури касалхона рафт *(Ф.Ниёзӣ)*. 2. Хуб, марҳамат кунед, коратонро гӯед *(С.Айнӣ)*. 3. Акнун ман рафтам, шаб ҳам бевақт шуд *(Ф.Ниёзӣ)*. 4. Он рӯз ҳаво абрнок буд, аз осмон чанг меборид *(Ҷ.Икромӣ)*. 5. Аз қади хӯроку аз бари пӯшок мезанаду пул меғундорад *(Р. Ҷалил)*. 6. Албатта, равад, ба мактаб хонад, мулло шавад *(Р.Ҷалил)*.

**Машқи 426.** Ҷумлаҳоро навишта, ба зери феълҳо хат кашед. Гӯед, ки онҳо ба кадом замонҳои феъл мансубанд.

1. Маро ҳайрон кардед, дӯстам *(Р.Ҷалил)*. 2. Ҳушам канд, поҳоям аз тарс ба ларза омаданд *(С.Улуғзода)*. 3. Шодӣ ҳам ба муқобили ӯ мерафт *(Ҷ.Икромӣ)*. 4. Ронанда сару рӯяшро шуста буд. *(Ф.Муҳаммадиев)*. 5. Ҳоло Офтоб фурӯ меравад *(М.Наҷмиддинов)*. 6. Ситораҳо дар осмони баланд ҷим–ҷимак зада истодаанд *(Ҳ.Карим)*. 7. То зиндаем, аз шумо миннатдор хоҳем буд *(Р.Ҷалил)*.

**Машқи 427.** Ҷумлаҳоро нависед ва сиғаҳои феълро муайян кунед.

1. Оре, ҳаёт танҳо пеш рафтанро талаб мекунад *(Ф.Муҳаммадиев)*. 2. Қорӣ Исматро аз хона баровардананд, ки ба ҳавлии худ равад *(С.Айнӣ)*. 3. Ту рафта аз пода хабар гиру ба ин тараф ронда биёр *(Р.Ҷалил)*. 4. Ба ҳама чиз қаҳтӣ биёяд ҳам, ба ҳезум қаҳтӣ наме-

омадагист *(Ӯ.Кӯҳзод)*. 5. Аз дастам биёяд, ягон ёрдам ҳам мерасидагист *(С.Турсун)*. 6. Акнун камтар арзи моро шунавед *(Ҷ.Икромӣ)*.

**Машқи 428.** Ҷумлаҳоро хонда, феълҳоро ёбед. Сохти онҳоро муайян намуда, қоидаи феълҳои содда, сохта ва таркибиро ба хотир оред.

1. Ҳақиқатан, он муллоро писари шумо ғалтонд *(С.Айнӣ)*. 2. Баъди як моҳ Аҳмадбек аз саф баргашт *(Ф.Муҳаммадиев)*. 3. Ин ҷавон дар пеши назари худамон сабзид. 4. Ҳамшираи меҳрубон, биё, одамон, биёед, дар паҳлӯи ӯ бишинед... *(Ҳ.Карим)*. 5. Луқмаҳои нон гулӯяшро харошида гузаштанд *(Ф.Муҳаммадиев)*. 6. Мо барои бахт, барои саодати худамон ва наслиояндаамон кор мекунем *(Ҳ.Карим)*.

**Машқи 429.** Феълҳои зеринро аз рӯи шахсу шумора тасриф кунед.

Хондан, тамошо кардан, нӯшидан, хӯрдан, навиштан, омадан.

## § 111. ФЕЪЛҲОИ ҒАЙРИТАСРИФӢ

**Машқи 430.** Ҷумлаҳоро хонед. Феълҳои ғайритасрифиро муайян намуда шарҳ диҳед.

1. Барои ин корро кардан ба мо маблағ лозим аст *(Ҷ.Икромӣ)*. 2. Либосҳои ба Шарифа дӯзондаатон хеле зебидааст *(Р.Ҷалил)*. 3. Сухани ӯро табассумкунон шунида нишаст *(С.Айнӣ)*. 4. Саргузашти Зебиро нақл кардани аммаам маро ғарқи фикру хаёлот кард *(С.Улуғзода)*. 5. Ҳошим Корвон китоби овардагиашро нишон дод *(С.Улуғзода)*. 6. Додоҷон ба автобус нишаста, худро ба меҳмонхона расонид *(Ҷ.Икромӣ)*.

**Машқи 431.** Ҷумлаҳоро нависед. Масдарҳоро муайян намуда, аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

1. Шунидан кай бувад монанди дидан. 2. Баъд аз

5 дақиқа ба замин хобидан сар бардошта чорзону нишаст *(С.Айнӣ)*. 3. Пагоҳӣ, вақти ба кор рафта истоданам, пеши роҳамро гирифт *(Р.Ҷалил)*. 4. Аз шунидани ин аҳвол шубҳаи сардор зиёд шуд *(С.Айнӣ)*. 5. Лекин мақсади равшанфикрони мо ҳам осуда кардани зиндагии халқ аст *(А.Баҳорӣ)*. 6. Гӯши ӯро ҳам дар бобати нигоҳ доштани сар сахт тофт *(С.Айнӣ)*.

**Машқи 432.** Ҷумлаҳоро хонед. Сифатҳои феълиро ёфта, замони онҳоро муайян кунед.

1. Сарвшоҳ пеши онҳо рози нуҳуфтаро аз нуҳуфт берун овард *(С.Улуғзода)*. 2. Касоне, ки пеш ба муваффақияти кӯшиши ӯ шубҳа мекардагӣ буданд, акнун дигар хел гап мезадагӣ шуданд *(П.Толис)*. 3. Як дастаи калони сарбозони аз қалъа баромадаистода низ намудор гардиданд *(С.Улуғзода)*. 4. Сиддиқхон маоши аз подшоҳӣ ба худаш додашавандаро ба китобхарӣ сарф кард *(С.Айнӣ)*. 5. Дар бисоташон либоси пӯшиданӣ ва чизи хӯрданӣ қариб надоштанд *(Ф.Муҳаммадиев)*. 6. Холаи ҷома дӯхта истодагӣ аз паси айнак ба писарчааш нигарист *(П.Толис)*.

**Машқи 433.** Ҷумлаҳоро нависед. Феълҳои ҳолро муайян намуда, шарҳ диҳед.

1. Савораҳо суҳбаткунон ба назди хаймае расиданд *(Ш.Ҳаниф)*. 2. Холида лабонаш дар панҷаи табассуми меҳрангез, абрӯвони барҳамашро тааҷҷубкунон саҳл боло бардошта, мактубро гирифта, ба хондан даромад *(Ҷ.Акобир)*. 3. Мо давон-давон ба роҳ даромадем *(С.Айнӣ)*. 4. Аз дидани ӯ чеҳраи ҷавон кушода шуда табассум кард *(А.Ҳамдам)*. 5. Ҳар сол, ки ту ҷилвакунон меомадӣ, додгӯён то ба гӯри падарам рафтанам ба ёдам мерасид *(Ҳ. Карим)*.

# НАМУНАИ МАТНҲО БАРОИ ТАКМИЛИ НУТҚИ МУРАТТАБИ ШИФОҲӢ ВА ХАТТӢ

## ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ

Олимон ва нависандагони номии ҷаҳон аз бачагӣ китобдӯст буданд. Ҳатто имкони дар мактаб хондан надошта бошанд ҳам, дар натиҷаи китобдӯстӣ соҳиби маълумот шуда, роҳи худро дар илм пайдо кардаанд. Абӯалӣ ибни Сино ҳамаи соҳаҳои илми замони худро дар китобхонаи амири Бухоро мустақил аз бар карда буд. М.А.Ломоносов айёми бачагӣ аз ҳамсояҳо китоб гирифта, дар болои онҳо шабҳоро рӯз мекард. Физики машҳур Фарадей азбаски фарзанди шахси камбағал буд, ба ҷои мактабхонӣ маҷбур буд, ки дар матбаа ба сифати саҳҳоф кор кунад. Ӯ мекӯшид, ки аксарияти китобҳои муқова мекардаашро хонад.  Ҳамин тавр ӯ дар илм роҳ ёфта буд.

Агар кас аз айёми бачагӣ китобро дӯст дорад, тамоми умр аз китоб ҷудо намешавад *(Аз «Машъал»)*.

## НАҚИБХОН ТУҒРАЛ

Устод шеърҳои Туғралро аз ёд медонистанд. Ҳамроҳ хеле такрор кардем. Ман аз латифаҳое, ки мардуми Зарафшон ба Туғрал нисбат медиҳанд, чанд порча гуфтам. Дар ин латифаҳо Туғрал ҳамчун марди ҳозирҷавоб, дурандеш, хушсухан, дилёб ва ғамхори фақирону бенавоён номбар мешавад.

Устод шунавида хуб хандиданд.

— Табиатан, аз рӯи шунидаи ман ҳам, Туғрал бояд ҳамин хел одам бошад, охир вай шоир буд, дили шоир ҳамеша раҳмгин аст.

— Вақти суҳбат гуфтам, ки касони Туғралро дидагӣ ҳанӯз ҳастанд, хешовандон дорад, набераաш дар қайди ҳаёт, хонаи бо дасти Туғрал бино ёфта ҳанӯз боқист.

Устод ният карданд, ки албатта ин сафар деҳаи Зосунро хоҳанд дид *(У.Раҷаб)*

## ТАБРИКНОМА

Модарҷони азизу меҳрубон!

Шуморо бо рӯзи байналмилалии занону духтарони ҷаҳон – 8-уми март табрик мегӯям. Дар ин рӯзи оғози фасли баҳорӣ орзумандам, ки ҳамеша баҳори умратон бехазон, тани сиҳату хотири ҷамъ, рӯи сурху сари баланд ва давлати пирӣ ёратон бод.

Бо эҳтиром: писаратон Комрон

Барқия

Тошканд

Алишер Навоӣ 45

Қодиров Маҳмуд

Фардо фавран биё

Ангрен

Камолиддин Беҳзод 18

Шамсиддинов Камол

Барқия

Тошканд

Фурқат 50

Шаъбонзода Ҷаъфар

Сездаҳуми июн соати даҳ ба қатораи Тошканд – Қаршӣ меоям, пешвозам гир!

Насаф, Лоиқ 31

Соҳибзода Парвиз

## ВАКОЛАТНОМА

Ман, Шодиев Хуррам, истиқоматкунандаи деҳаи Бурчимулло, кӯчаи Ҷӯра Тусматов 24, ба Бобоев Фаррух ваколат медиҳам, ки бастаи аз шаҳри Самарқанд ба номи ман фиристодашударо аз шуъбаи алоқаи Бурчимулло бигирад.

14.05.2013 (имзо) Шодиев Х.

Имзои Шодиев Хуррамро тасдиқ мекунам. Раиси ҷамоаи деҳаи Бурчимулло

(Муҳр) (имзо) (ному насаб)

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:


1. *Воҳидов А.* Фарҳангнигории тоҷику форс. Самарқанд, 2006

2. *М. Кабиров, А. Воҳидов.* Забони адабии ҳозираи тоҷик (луғатшиносӣ, луғатнигорӣ, фразеология). Самарқанд, 2010

3. *Маҷидов Ҳ.* Фразеологияи забони адабии тоҷик. Душанбе: УДТ, 1982

4. *Муҳаммадиев М.* Синонимҳо дар забони ҳозираи тоҷик. Душанбе: 1962

5. *Муҳаммадиев М.* Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ. – Масъалаҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе: Ирфон, 1967, С. 37–45

6. *Муҳаммадиев М., Талбакова Ҳ., Нурмуҳаммадов.* Лексикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе: 1977

7. *Наҳангова М.* Ҷонишинҳо дар забони ҳозираи тоҷик. Фишурдаи рисолаи номзадӣ. – Душанбе: 1971

8. *Рустамов Ш.* Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм. – Д.: Ирфон, 1972

9. *Рустамов Ш.* Исм. – Душанбе: Дониш, 1981

10. *Рустамов Ш.* Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1972

11. *Турсунов М.* Дар бораи калимаҳои мураккаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Ахбороти шуъбаи фанҳои ҷамъиятии АИЧТ, 1956, №9, С. 73–84

12. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). – М., 1969

13. *Ҳалимов С.* Дар бораи сифатҳои сохта ва мураккаби умумиҷузъ ё ҳамкомпонент. Филологияи Эрон. – Душанбе: 1966

14. *Ҳусейнов Х., Шукурова К.* Луғати терминҳои забоншиносӣ. – Душанбе, 1983.

# МУНДАРИЧА

Дар хусуси нерӯи забону сухан.................................................. 3
Забони тоҷикӣ ............................................................................ 4

**Такрори мавзӯъҳои синфи V**

§ 1. Овозшиносӣ ва имло ............................................................ 6
§ 2. Калима .................................................................................. 7
§ 3. Таркиби калима ..................................................................... 9

**Ҳиссаҳои нутқ**

§ 4. Исм ....................................................................................... 11
§ 5. Сифат .................................................................................... 13
§ 6. Феъл ...................................................................................... 14
§ 7. Ибора ва ҷумла ..................................................................... 17
§ 8. Ҷумлаҳои содда ва мураккаб ............................................... 19

**Луғатшиносӣ ва луғатнигорӣ (лексикология ва лексикография)**

§ 9. Калима ва истилоҳ ................................................................ 21
§ 10. Калимаҳои умумихалқӣ ...................................................... 23
§ 11. Калимаҳои шевагӣ .............................................................. 24
§ 12. Калимаҳои касбу пеша ........................................................ 26
§ 13. Калимаҳои нав .................................................................... 28
§ 14. Калимаҳои куҳнашуда ........................................................ 29
§ 15. Калимаҳои вомӣ (иқтибосӣ) ............................................... 32
§ 16. Хелҳои луғат ....................................................................... 34
§ 17. Ибораҳои устувор (фразеологӣ) ........................................ 36
§ 18. Сарчашмаҳои такмили луғати забони тоҷикӣ ............. 38

**Калимасозӣ ва имло**

§ 19. Калимаҳои ҳамреша .......................................................... 41
§ 20. Калимаҳои содда ................................................................. 43
§ 21. Калимаҳои сохта ................................................................. 45
§ 22. Калимаҳои мураккаб .......................................................... 47
§ 23. Калимаҳои таркибӣ. Ихтисораҳо ..................................... 48

**Роҳҳои асосии калимасозӣ дар забони тоҷикӣ**

§ 24. Бо воситаи пешванду пасвандҳо сохта шудани калимаҳо 51
§ 25. Бо роҳи пайванди решаҳо сохта шудани калимаҳо ...... 52
§ 26. Пешванду пасвандҳои калимасоз ва шаклсоз ............... 54
§ 27. Тарзи таҳлили таркиби калима ва калимасозӣ ............. 56

**Сарф ва имло. Исм ва сохти он**

§ 28. Такрори дарсҳои гузашта .................................................. 58
§ 29. Исми зот ва маънӣ .............................................................. 59
§ 30. Исми ҷомеъ .......................................................................... 61
§ 31. Калимасозии исм ................................................................ 62
§ 32. Пасвандҳои -чӣ, -гар, -гор ................................................... 63
§ 33. Пасвандҳои -гоҳ, -зор, -истон, -дон .................................. 64
§ 34. Пасвандҳои -а, -ак ............................................................... 66
§ 35. Пасвандҳои -ча, -ак .............................................................. 67

§ 36. Пасвандҳои -ӣ (-гӣ), -гарӣ, -иш, -ор ........................ 69
§ 37. Пешванди ҳам- ........................................................ 71
**Сохти исмҳо**
§ 38. Исмҳои мураккаб .................................................... 72
§ 39. Исмҳои мураккаби навъи пайваст .............................. 74
§ 40. Исмҳои мураккаби навъи тобеъ ................................. 75
§ 41. Имлои исмҳои мураккаб ........................................... 77
§ 42. Ба исм гузаштани сифат ........................................... 79
§ 43. Тарзи таҳлили исм .................................................... 80
**Сифат**
§ 44. Такрори дарсҳои синфи V ........................................ 82
§ 45. Дараҷаҳои ғайриқиёсии сифат ................................... 84
**Сохти сифат**
§ 46. Сифатҳои содда ва сохта .......................................... 86
§ 47. Пасвандҳои -ӣ (-гӣ, -вӣ), -ин (-гин) .......................... 88
§ 48. Пасвандҳои -она, (-ёна, -гона), -нок, -манд ............ 90
§ 49. Пасвандҳои -а (-я), -о, -он ........................................ 91
§ 50. Пешвандҳои сифатсоз .............................................. 92
**Сифатҳои мураккаб**
§ 51. Сифатҳои мураккаби навъи пайваст ........................ 94
§ 52. Сифатҳои мураккаби тобеъ ....................................... 96
§ 53. Сифатҳои таркибӣ .................................................... 98
§ 54. Тарзи таҳлили сарфии сифат ................................... 99
§ 55. Шумора ................................................................... 101
§ 56. Аломати сарфӣ ва вазифаи наҳвии шумора ............... 103
**Хелҳои шумора**
§ 57. Шумораи миқдорӣ ................................................... 104
§ 58. Нумеративҳо ........................................................... 106
§ 59. Шумораи тартибӣ ................................................... 108
**Сохти шумораҳо**
§ 60. Шумораҳои содда ва сохта ....................................... 110
§ 61. Шумораҳои мураккаб ва таркибӣ ............................. 111
§ 62. Имлои шумора ........................................................ 113
§ 63. Тарзи таҳлили сарфии шумора ................................ 114
§ 64. Ҷонишин ................................................................. 117
**Хелҳои ҷонишин**
§ 65. Ҷонишинҳои шахсӣ ................................................. 119
§ 66. Ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ .................................... 121
§ 67. Ҷонишинҳои ишоратӣ .............................................. 122
§ 68. Ҷонишинҳои саволӣ ................................................ 124
§ 69. Ҷонишинҳои таъинӣ ................................................ 125
§ 70. Ҷонишинҳои номуайянӣ .......................................... 127
§ 71. Ҷонишинҳои манфӣ ................................................. 128
§ 72. Сохти ҷонишинҳо .................................................... 130
§ 73. Имлои ҷонишинҳо ................................................... 131
§ 74. Тарзи таҳлили сарфии ҷонишин .............................. 132

§ 75. Такрори дарсҳои синфи V .............................. 134
§ 76. Тарзҳои феъл .............................. 136
§ 77. Феълҳои монда ва гузаранда .............................. 137
§ 78. Феълҳои мутлақ ва давомдор .............................. 139
**Сиғаҳои феъл**
§ 79. Сиғаи хабарӣ .............................. 141
§ 80. Сиғаи шартию хоҳишмандӣ .............................. 142
§ 81. Сиғаи амрӣ .............................. 144
§ 82. Сиғаи эҳтимолӣ .............................. 145
**Сохти феълҳо**
§ 83. Феълҳои содда .............................. 147
§ 84. Феълҳои сохта .............................. 148
**Феълҳои таркибӣ**
§ 85. Феълҳои таркибии феълӣ .............................. 150
§ 86. Феълҳои таркибии номӣ .............................. 152
§ 87. Пешванд ва пасвандҳои феълсоз .............................. 154
§ 88. Имлои феъл .............................. 156
§ 89. Тарзи таҳлили сарфии феълҳои тасрифӣ .............................. 158
**Феълҳои ғайритасрифӣ**
§ 90. Масдар .............................. 161
§ 91. Сохти масдар .............................. 162
§ 92. Хусусиятҳои номӣ ва феълии масдар .............................. 164
§ 93. Вазифаи наҳвии масдар .............................. 166
§ 94. Сифати феълӣ .............................. 167
§ 95. Сифати феълии замони гузашта .............................. 169
§ 96. Сифати феълии замони ҳозира-оянда .............................. 171
§ 97. Сифати феълии ҳозираи муайян .............................. 173
§ 98. Сифати феълии замони оянда .............................. 175
§ 99. Феъли ҳол .............................. 176
§ 100. Намуди мутлақ ва давомдори феъли ҳол .............................. 178
§ 101. Имлои сифати феълӣ ва феъли ҳол .............................. 181
**Такрори мавзӯъҳои синфҳои V ва VI**
§ 102. Луғатшиносӣ .............................. 185
§ 103. Калимасозӣ .............................. 187
§ 104. Овозшиносӣ .............................. 188
§ 105. Наҳв .............................. 189
**Сарф**
§ 106. Исм .............................. 191
§ 107. Сифат .............................. 192
§ 108. Шумора .............................. 194
§ 109. Ҷонишин .............................. 196
§ 110. Феъл .............................. 198
§ 111. Феълҳои ғайритасрифӣ .............................. 199
Намунаи матнҳо барои такмили нутқи мураттаби шифоҳӣ ва хаттӣ .............................. 201
Намунаи ҳуҷҷатҳои расмӣ .............................. 203

*O‘quv nashri*

**MALIK KABIROV, JUMANAZAR ESHONQULOV,
ZEBUNISO FAYZULLAYEVA, MAVLUDA DAVRONOVA**

# TOJIK TILI

Umumta’lim maktablarning
6-sinf o‘quvchilari uchun darslik

*(Tojik tilida)*

To‘rtinchi nashr

«Sharq» nashriyot matbaa
aksiyadorlik kompaniyasi
Bosh tahririyati
Toshkent – 2017

Муҳаррир *Хусрав Ҳамидов*
Мусаҳҳеҳ *Гулчаҳон Кабирова*
Муҳаррири бадеӣ *Феруза Башарова*
Муҳаррири техникӣ *Раъно Бобохонова*
Саҳифабанди компутерӣ *Мастура Атхамова*

**Nashr litsenziyasi AI № 208, 28.08.2011-yil.**

Ба чопаш 23.05.2017 рухсат дода шуд. Андозаи 60x90 1/16. Гарнитураи «Times New Roman Tj». Кегли 12, 11. Ҷузъи шартии чопӣ 13,0. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 9,60. Адади нашр 6278 нусха. Супориши № .

**Дар Хонаи эҷодии табъу нашри «O‘zbekiston»и Оҷонсии матбуот ва иттилооти Республикаи Ўзбекистон чоп шудааст. 100129, Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30.**

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда**

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои роҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои роҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |

**Ҷадвали боло ҳангоми ба иҷора дода шудани китоб ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани он аз тарафи роҳбари синф аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:**

| **Нав** | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан |
|---|---|
| **Хуб** | Муқовааш яхлухт, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| **Қаноатбахш** | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гаштааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| **Ғайриқаноатбахш** | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст, китобро барқарор кардан мумкин нест. |

*O‘quv nashri*

**MALIK KABIROV, JUMANAZAR ESHONQULOV, ZEBUNISO FAYZULLAYEVA, MAVLUDA DAVRONOVA**

# TOJIK TILI

Umumta’lim maktablarning
6-sinf o‘quvchilari uchun darslik

*(Tojik tilida)*

To‘rtinchi nashr

«Sharq» nashriyot matbaa
aksiyadorlik kompaniyasi
Bosh tahririyati
Toshkent – 2017

Муҳаррир *Хусрав Ҳамидов*
Мусаҳҳеҳ *Гулҷаҳон Кабирова*
Муҳаррири бадеӣ *Феруза Башарова*
Муҳаррири техникӣ *Раъно Бобохонова*
Саҳифабанди компутерӣ *Мастура Атхамова*

**Nashr litsenziyasi AI № 208, 28.08.2011-yil.**

Ба чопаш 23.05.2017 рухсат дода шуд. Андозаи 60x90$^1/_{16}$. Гарнитураи «Times New Roman Tj». Кегли 12, 11. Ҷузъи шартии чопӣ 13,0. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 9,60. Адади нашр 896 нусха. Супориши № .

**Дар Хонаи эҷодии табъу нашри «O‘zbekiston»и Оҷонсии матбуот ва иттилооти Республикаи Ўзбекистон чоп шудааст. 100129, Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30.**